**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР**
**БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД: 338.47:338.49.656 (575.3)**

**АШУРОВ НОСИР АМОНҚУЛОВИЧ**

# РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА

(дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ
(08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)

**Роҳбари илмӣ:**
Раҷабов Раҷаб Кӯчакович,
д.и.и., профессор

**БОХТАР-2022**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ............. 3**

**МУҚАДДИМА**………………………...……….……….......................... 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ............................................. 14**

1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва мавқеи он дар минтақа................................................... 14

1.2. Омӯзиши асосҳои методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа............................................................ 52

1.3. Хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ.......................... 65

**БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........................................................ 82**

2.1. Таҳлили ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон................................................................................ 82

2.2. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа............................................................................ 123

2.3. Амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ҳаҷми боркашонӣ, рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии дар минтақа......... 138

**БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН....................... 157**

3.1. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа............................................................................ 157

3.2. Дастгирии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа............................................................................ 167

3.3. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон................................................................ 179

**ХУЛОСА** ....................................................................................... 196

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.................................................................. 201

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ**............. 219

**ЗАМИМА** ....................................................................................... 222

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

**РИНЛ** – Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ.

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ мuҳдуд.

**СМҲ** – Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**СМР ҶТ**– Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**НАХЛ** – Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ.

**АИР** – Амсиласозии иқтисоди риёзӣ.

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

**ММД** – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

**СГН** – Системаи глобалии навигатсионӣ.

**ҲҶТ** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ.

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо.

**КЛН** – Комплекси нақлиётӣ-логистикӣ.

**САИН** – Системаи автоматикунонидашудаи идоракунии нақлиёт.

**ГЛОНАСС –** Глобальная навигационная спутниковая система **(**Системаи ҷаҳонии моҳвораи навигатсионӣ).

**TSM –** Trusted Service Manager **(**Менеҷери хидматрасонии боэътимод).

**СҲШ –** Созмони ҳамкории Шанхай.

**АВВАТ –** Ассотсиатсияи интиқолдиҳандагони байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ТЛИ –** Транспортно-логистической инфраструктуры.

**СИИМНЛ –** системаи интеллектуалии идоракунии маҷмааи нақлиётӣ-логистикӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ фаъолияти мунтазами воридот ва содирот дар кишвар, ҳамлу нақлро дар дохили он таъмин намуда, ба ин васила ба иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 таъкид намуданд, ки: «... ташкил ва рушди марказҳои нақлиётию логистикӣ ҳамчун қисми таркибии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ метавонад имкониятҳои транзитии кишварро беҳтар намуда, ба афзоиши ҳиссаи мамлакат дар хизматрасонии минтақавию байналмилалии нақлиётӣ мусоидат намояд, ки ин ҳам ҷойҳои нави корӣ ва ҳам манбаи даромади иловагии буҷет ва рушди иқтисодиёт мебошад»[1].

Қисми муҳимми инфрасохтори минтақа ин нақлиёт буда, фаъолияти самарабахши ҳамаи корхонаҳоро дар минтақа, инчунин вазъи иҷтимоии онҳо низ вобаста аз фаъолияти босамари нақлиёти автомобилиро дар бар мегирад. Нақлиёти автомобилӣ як соҳаи ташаккулёбандае мебошад, ки на танҳо гардиши борҳо ва ҳамлу нақли мусофиронро таъмин менамояд, балки дар баробари ин, ҳамчун катализатор барои рушди саноату хоҷагии қишлоқ хизмат мекунад ва талаботро ба маҳсулоти технологияҳои баланд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъмин менамояд. Инчунин нақлиёти автомобилӣ дар сохтори кишвар нақши калидӣ бозида, зарурати таҳияи шабакаи роҳҳо ва иншоотро тақозо мекунад, ки тамоми минтақаҳои кишварро ба ҳам мепайвандад.

Хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки транзити мол ва хизматрасонӣ миёни Ҷумҳурии мардумии Чин, кишварҳои Осиёи марказӣ, ҷанубӣ ва Шарқи Наздик имконпазир гардад. 26 апрели соли 2019 дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд - як роҳ» дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин барои татбиқ намудани «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» ва ноил гардидан ба ҳадафҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.04.2014. http://www.president.tj.

рушди устувор, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки «кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон роҳи баромад ба баҳр надоранд. Дар ин замина, мо ба таҳия ва татбиқи лоиҳаи муштараки инфрасохтории минтақавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоем. Дар робита ба ин, мо ба татбиқи лоиҳаҳои бунёди шоҳроҳҳои автомобилгарди Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон ва Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ҳавасманд мебошем. Ҳадафи мо дар татбиқи лоиҳаҳои мазкур ташаккул додани долонҳои транзитӣ – нақлиётӣ ба самти бандарҳои баҳрии Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ мебошад»[2].

Ҳалли масъалаҳои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон зарурати такмили идоракунии бахшҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла нақлиёти автомобилиро доранд. Ҳаҷми хизмати нақлиётии он аз вазъияти иқтисодиёти кишвар ва минтақа вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин, нақлиёт афзоиши сатҳи фаъолияти иқтисодӣ, густариши миқёси истеҳсолот, иртиботи истеҳсолкунандагон бо истеъмолкунандагонро тақвият мебахшад.

Омӯзиши инфрасохторҳои мавҷудаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ин инфрасохторҳо аз ҷиҳати техникӣ хуб инкишофёфта набуда, хизматҳои баландсифати ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯро надоранд. Дар терминалҳои логистикӣ таҷҳизоти муосир мавҷуд нест, инчунин системаи идоракунии ҳаракати нақлиёт дар дохили шаҳрҳо ва берун аз онҳо дар вилоят дар сатҳи паст қарор дорад. Танбашавии роҳҳо дар дохили шаҳру ноҳияҳои вилоят аз сабаби набудани таваққуфгоҳҳо дида мешавад, ки аз меъёр зиёд хориҷ намудани газҳои сӯхташуда дар дохили шаҳрҳо метавонад ба ҳифзи муҳити зист таъсири манфӣ расонад. Ҳамаи ин сабаби пайдоиши мушкилот дар хизматрасониҳое, ки ҳангоми ҳамлу нақл, навъбандӣ, борбардорӣ, борфарорӣ, тақсимот, коркарди борҳо, барасмиятдарории гумрукӣ ва

[2] Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд – як роҳ», Чин, 26 апрели соли 2019 «Таҳкими муносибатҳои дӯстона тақозои замон аст» // Ҷумҳурият, Душанбе, 29 апрели соли 2019. №81 (23 684).

хизматрасонии техникии қисми ҳаракаткунанда иҷро мешаванд гардидааст. мушкилот доранд.

Инфрасохтори нақлиёти-логистикӣ (ИНЛ) ва унсурҳои асосии он ба фаъолият ва рушди иқтисодиёти минтақа таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ беҳсозии ИНЛ вазифаи аввалиндараҷа мегардад, чунки ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа мусоидат намуда, имкон медиҳад, шароити мусоид барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ фароҳам оварда шавад.

Дар чунин шароит рушди усулҳои мавҷуда ва истифодаи усулҳои мусоиди такмили илмии маҷмуи хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ барои стратегияи таъсиси марказҳо дар Тоҷикистон, ки маркази ягонаро ташкил медиҳанд, нақши калон мебозад. Дар ин робита, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (22.12.2017) чунин омадааст, ки «... такмилу таҷдид ва нигоҳдории роҳҳои дохилишаҳриву байниноҳиявӣ ва шаҳраку деҳот вазифаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо мебошад ва дар ин самт корҳо бояд тақвият дода шаванд. Вобаста ба ин, Вазорати нақлиёт якҷоя бо дигар сохтору мақомот оид ба ташкили терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, долонҳои нақлиётӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани хизматрасониҳо лоиҳаҳои дахлдорро таҳия ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ амалӣ намоянд»[3]. Аз ин дастур бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва татбиқ намудани чунин лоиҳаҳо доир ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии кишвар ва минтақаҳои он таваҷҷуҳи беандоза дорад. Рушд ва такмилдиҳии Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба амалӣ гардидани «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030» такон мебахшад ва дар таъмини рушди иқтисодӣ саҳми босазо гузошта, ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар мусоидат мекунад.

**Дараҷаи тадқиқи мавзуи илмӣ**. Омӯзиши системаи нақлиётӣ-логистикӣ айни ҳол тамоюли афзоянда дорад ва ба рушди ин низом дар минтақаҳо мутахассисони самтҳои гуногун машғуланд. Бисёре аз муаллифони ватанӣ ва

---

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 22.12.2017. http://www.president.tj.

хориҷӣ корҳои худро дар роҳи ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва ташкили инфрасохтори нақлиётӣ бахшидаанд, аз ҷумла: Б.И. Алибеков, И.Д. Афанасенко, В.Г Афанасева, .В.И. Бережной, Е.В. Бережная, В.В. Борисов, В.И. Бураков, Э.М. Букинская, А.М. Гаджинский, А.Л. Носов, А.Г. Гранберг, В.С. Колодин, А.И. Семененко, С.А. Умаров, М.П. Улитский ва дигарон. Миёни муҳаққиқони ватанӣ корҳои илмии П.Х. Азимов, И.А. Амонуллоев, М.М. Алибаева, Д.У. Уроқов, О. Бобоев, К.О. Бобоев, Б.Т. Камолиддинов, А.Х. Катаев, Р.К. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, А. Рауфӣ, О.К. Сангинов, Н.К. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Ф.М. Ҳамроев, Х.Х. Ҳабибуллоев, У.Д. Ҷалилов, А.С. Фохаков, П.Д. Хоҷаев, Р.К. Раҷабов ва дигаронро номбар кардан зарур аст.

Дар навбати худ, нақш ва саҳми муҳақиқони зикршуда, натиҷаи корҳои илмии онҳоро баланд баҳо дода, қайд намудан зарур аст, ки дар раванди омӯзиши масъалаҳои тадқиқот маълум гардид, ки дар ин самт бисёр масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мондааст. Масъалаҳои омӯхтанашуда дар самти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон низ таъсири худро ба рушди соҳаи нақлиёт ва логистика гузоштааст. Бисёр паҳлуҳои масъала омӯхта нашудаанд ва онҳо тадқиқоти мукаммалро талаб менамоянд. Инчунин оид ба ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, муайян кардани масоил, роҳҳои баланд бардоштани неруи захираҳои минтақавӣ ва тавсияҳои асосноки амалкунанда барои беҳтар намудани рақобатпазирии он дар шароити муосир диққат додан лозим аст. Ҳамаи гуфтаҳои боло интихоби муҳиммияти мавзуи тадқиқотиро муайян менамояд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла масъалаҳои такмили идоракунии ИНЛ минтақа бахшида шудааст. Ҳамчунин масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон, ки дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №392 аз 1 октябри соли 2016 тасдиқ гардидааст, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки аз 26 сентябри соли 2020 таҳти №503, тасдиқ карда шудааст ва “Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025”, таҳти №165 аз 1 апрели соли 2011, ки дар асоси таҳлилҳо, хулосаҳои амиқи ояндабинӣ ва барномаи инкишофи ҳамаи сохторҳои таркибии маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ахамияти аввалиндараҷа доштани он нисбат ба дигар бахшҳои воқеии иқтисодиёти кишвар, ки ин барномаҳо ҳамчуни самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

**Тавсифи умумии тадқиқот**

**Мақсади тадқиқот** коркарди назариявӣ ва методии ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, арзёбии самтҳои афзалиятноку тамоюли рушди он  дар шароити муосир мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- таҳқиқи асосҳои назариявии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва мавқеи он дар рушди минтақа;
- омӯзиши асосҳои методии фаъолият ва рушд, хусусиятҳо ва масоили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- таҳлили ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон, омӯзиши омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии  он дар минтақа;
- амсиласозии иқтисодию риёзии ҳаҷми боркашонӣ, рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ;
- ташаккули стратегияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ва дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он;
- асосноккунӣ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон.

**Объекти тадқиқотро** маҷмааи нақлиётию логистикии вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет)-и тадқиқотро** муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ, ки дар ҷараёни ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа, роҳҳои

рушди идоракунӣ ва такмилдиҳии низоми нақлиётии вилояти Хатлон пайдо мегарданд, ташкил медиҳад.

**Фарзияи тадқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ-логистикии минтақа дар таъмини рақобатнокии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ дар бозори хизматрасонии нақлиётию логистикӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои зарурӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа, дар қатори дигар омилҳо, метавонад дар амали гардидани "Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030" мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявӣ тадқиқотро** таъсири чараёнҳои ҳамгирои раванди ислоҳоти хоҷагидорӣ, дар ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ коркардашуда, навовариҳои амалӣ дар соҳаи нақлиёт, инчунин фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, Қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумат, «Барномаҳои давлатии рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии тадқиқот.** Асоси тадқиқотро усули диалектикии омӯзиши моҳият ва қонуниятҳои падидаҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад. Ҷараени таҳқиқот дар истифодаи усулҳои таҳлили системавӣ, иқтисодӣ ва оморӣ, муқоисавӣ, сохторӣ-логистикӣ, ҷадвалӣ, инчунин усулҳои амсиласозии иқтисодию риёзӣ, пешгӯӣ ва ҳалли масъалаҳои муносиб асос ёфтааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, ҳисоботи шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ҳисоботи раёсати муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» дар минтақаҳои Бохтар ва

Кӯлоб, ҳисоботи корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар ва ғайраҳо ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи тадқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар солҳои 2018-2022 таҳия гардидаст. Диссертатсия дар кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии тадқиқот** аз асосноккунӣ ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмил додани самтҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити муносибатҳои бозорӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардиданд:

- асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа бо дарназардошти нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуда, фаъолияти намудҳои гуногуни нақлиёт, ки интихоби онҳо бо дарназардошти шаш омили асосӣ ба амал бароварда мешавад муайян карда шудааст.

- аз рӯи натиҷаи тадқиқи ҳамаҷониба хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ, мавриди омӯзиш қарор дода, муайян карда шудааст.

- дар асоси таҳлил ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта, инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он муайян карда шудааст.

- амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон бо дарназардошти таъсири омилҳо сохта шудааст. Инчунин, амсилаи иқтисодию риёзии такмилдодашудаи рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа пешниҳод карда шудааст.

- стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа асоснок ва пешниҳод карда шуда, дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити имрӯзаи вилояти Хатлон бо дарназардошти дастгирӣ ва иштироки давлат, ҷалби

сармояи хориҷӣ, аз он ҷумла сармояи мустақим ва сармояи хусусӣ пешниҳод карда шудааст.

- самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 ва унсурҳои таркибии он, муайян карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии тадқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

– асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа бо дарназардошти нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ;

– мушаххас гардонидани хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ;

– баҳодиҳии ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон ва муайян намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии он;

– пешниҳоди амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон;

– муайян ва асоснок кардани стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ҳамзамон пешниҳоди дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити муосири вилояти Хатлон;

– таҳия ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба мукамал гардонидани назарияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва рушди хизматрасонии нақлиётӣ-логистикии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Натиҷаҳои тадқиқ, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушд ва таъмини сатҳи баланди хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисодиёти нақлиёт, инчунин ихтисосҳои ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқотро маводи нашркардаи муаллиф, хулоса ва тавсияҳои дар таҳлили илмӣ бадастомада, натиҷаҳои назариявӣ ва озмоишӣ тасдиқ менамоянд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва татбиқнамоии диссертатсияро санадҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикии вилояти Хатлон» ва муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тасдиқ менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Тадқиқот аз рӯи бандҳои зерини ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт), шиносномаи тахассусии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои иқтисодӣ) банди 5-Инфрасохтори нақлиётию логистикӣ, тамоюли муосири рушд ва асосҳои назариявию методологии таҳлили он; банди 7-Арзёбии дурнамои рушди маҷмуаи нақлиётӣ-логистикӣ дар мамлакат ва минтақа мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Дар ҳама марҳалаҳои диссертатсия, давраи иҷрои нақшаи тадқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявию методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди тадқиқот муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ асосҳои методологии омӯзиши рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро ба роҳ монад. Инчунин, масоили мавҷудаи монеашавандаи рушди соҳаи нақлиёти минтақаро муайян намуда, оид ба беҳтар намудани фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ ассонокшударо пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии дар Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар давраи солҳои 2018-2022 баргузоргардида, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Тавсияҳо доир ба коркарди методии тадқиқот барои барномаҳои давлатии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа, ҳукуматҳои маҳаллии мақомоти давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои маҷмааи нақлиётӣ пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои илмӣ-методии бадастовардаи муаллифро дар раванди омӯзиши фанҳои иқтисодиёти минтақа, логистикаи нақлиёт, бозори хизматрасонии нақлиётӣ, мусофиркашонӣ, ташкили ҳамлу нақли автомобилии борҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ 20 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 7,5 ҷузъи чопӣ, ки нуқтаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, аз ҷумла 16 адад дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионнӣ муқаддима, се боби, хулоса, рӯйхати адабиётро дар бар мегирад. Диссертатсия аз 240 саҳифаи матни асосӣ иборат буда, 35 ҷадвал ва 31 расму диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 170 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва мавқеи он дар минтақа

Дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба дигаргуниҳои мухталиф, аз ҷумла куллан тағйирёбии муносибатҳои байнисоҳавӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, ташкилӣ, идоракунӣ ва иқтисодӣ дучор меоянд.

Бояд қайд кард, ки барои омӯзиши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа, дақиқ ва мушаххас намудани чунин мафҳумҳо ба монанди минтақа, илми минтақавӣ, иқтисоди минтақа, иқтисодиёти минтақавӣ, қаламрав ва инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ заруранд.

Истилоҳи «минтақа» метавонад ҳамчун мафҳуми маҳдуд, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва ба маънои васеъ чун воҳидҳои ҳудудӣ аз робитаҳои маъмурӣ шарҳ дода шавад. Аввалин таҷрибаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқи минтақа бо номи олимони машҳур И. Тюнен, А. Вебер, В. Лаунхардт, В. Кристалер ва дигарон алоқаманданд. Натиҷаҳои кории онҳо дар ташаккули минбаъдаи назарияҳо ва омӯзиши иқтисодиёти минтақа аҳамияти калон доштанд. Илова бар ин, олимони бузурги рус ба монанди А.Н. Радишев, М.В. Ломоносов, Д.И. Менделеев, К.И. Арсенев, Н.Г. Чернишевский ва дигарон ба проблемаҳои сохтори ҳудудии иқтисодии давлат таваҷҷуҳи калон зоҳир кардаанд. Таърихи ташкили оқилонаи ҳудудии иқтисодиётро олимони бузург чун Н.Н. Колосовский, Н.Н. Некрасов, В.С. Немчинов ва дигарон таҳқиқ намудаанд[4].

Умуман, ба маънидодкунии истилоҳи «минтақа» бисёр равишҳо мавҷуданд ва онҳо нишон медиҳанд, ки тафсири мафҳуми ин истилоҳ ғайриимкон аст. Тибқи гуфтаҳои академик А.Г. Гранберг, «минтақа як ҳудуди муайянест, ки аз дигар қаламравҳо бо тарзҳои гуногун фарқ мекунад ва дорои якпорчагӣ ва бо ҳам

---

[4] Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах республики таджикистан): дисс.канд.экон. наук: 08.00.05 [Текст] / И.А. Амонуллоев. – Душанбе, 2017. – 174 с. -С. 15

алоқамандии унсурҳои таркибии он мебошад»[5] Академик А.Г. Гранберг, чунин мешуморад, ки «минтақа мафҳуми типологӣ мебошад ва интихоби минтақа аз минтақа мувофиқи мақсад ва вазифаҳои муайян амалӣ карда мешавад»[6].

Смешко О.Г. се равишро дар тафсири истилоҳи «минтақа» пешниҳод мекунад: «тибқи омилҳои геополитикӣ, омилҳои марҳалаҳои рушд (равишҳои ҳудудӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фазоӣ) ва омилҳои идоракунии маъмурӣ (тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии давлат) ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ. Минтақа дар асоси манфиати тарафайн ҳамчун иттиҳодияи минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамсоя ба ҳисоб меравад»[7].

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт минтақа ҳамчун як қисмати ҷаҳон, ҷомеаи байналмилалӣ, фаромилии давлатҳо тавассути таъсис додани институтҳои ҳамоҳангсозӣ ва идоракунӣ баррасӣ карда мешавад.

Аз нуқтаи назари равиши ҳудудӣ минтақа як қисми ҳудудест, ки шароити мушаххаси фаъолияташ ба роҳ монда шудааст ва дар они соҳаҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ривоҷ меёбанд.

Бо дарназардошти баррасии равиши иқтисодӣ, минтақа маҳале мебошад, ки дар он давраҳои пурраи такрориистеҳсолии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, воситаҳои асосӣ ва муомилот, як қисми сарвати миллӣ, муомилоти пулӣ, муносибатҳо оид ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулот ба амал бароварда мешаванд.

Аз рӯйи муносибатҳои иҷтимоӣ минтақа – воҳиди маъмурие мебошад, ки ҳудуди муайяне дорад ва дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ карда шуда, мавқеи минтақаро дар системаи тақсимоти иҷтимоии меҳнат муайян мекунанд.

---

[5] Гранберг А.Г. Движение регионов России к инновационной экономике [Текст] / А.Г. Гранберг. – М.: Типография "Наука", 2006. - 400 с. – С. 16.

[6] Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах республики таджикистан): дисс.канд.экон. наук: 08.00.05 [Текст] / И.А. Амонуллоев. – Душанбе, 2017. – 174 с. С. 16

[7] Смешко О.Г. Региональная экономика: факторы развития: монография [Текст] / О.Г. Смешко - СПб.: Издатель-ство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2014. - 266 с.

Дар асоси баҳодиҳии равиши ҳудудӣ минтақа шакли ҳудудии (фазоӣ) ташкили истеҳсолот мебошад ва субъектест, ки қудрати барқарор кардани захираҳоро дорад ва ҳамчун субъекти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дорои инфрасохтори муайяни иҷтимоию фарҳангӣ мебошад, ки ба тағйирот муқовимат мекунад.

Калужский М.Л. чунин шарҳи истилоҳи минтақаро пешниҳод намудааст: «Минтақа як қисми қаламрави кишварест, ки шароити табиӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва дараҷаи муайяни мустақилияти дохилӣ дорад ва аз дигар қисматҳои кишвар фарқ мекунанд»[8]. Ин тафсир минтақаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дар назар дорад.

Минтақа ин тамомияти ҳудуд, аз ҷумла сохтори истеҳсолии шаклҳои гуногуни моликият, ташкили ҷойҳои корӣ ва арзишҳои маънавиро дар бар мегирад, ки он ҳудуди муайяни худро дорад[9]. Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, гурӯҳбандии минтақаҳо гуногун мебошад. Минтақаҳоро аз рӯйи чунин аломатҳо гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: мавҷудияти қувваҳои истеҳсолӣ, сохтори иҷтимоӣ, мавҷудияти ашёи хом, масофа аз марказҳои саноатӣ, шаҳрҳо ва ғайра. Дар кишварҳои индустриалӣ, минтақаҳо ба чунин гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд: «минтақаҳои депрессивӣ, ки дар давраи гузашта суръати баланди рушдро соҳиб буданд; минтақаҳои рукунатӣ, ки суръати пасти рушд ё «сифр»-иро доро мебошанд; минтақаҳои пешрав ё минтақаҳои нав рушдкарда; минтақаҳои хурд ё минтақаҳои аввалияи иқтисодӣ; минтақаҳои иқтисодии аввалиндараҷа (ё минтақаҳои умумӣ, генералӣ), ки нақшаҳои минтақавии тақсимоти кишварро ташкил медиҳанд; минтақаҳои барномавӣ (банақшагирифташуда) – минтақаҳое, ки дар онҳо барномаҳои мақсадноки рушд маҳв шудаанд ва тарҳашон дар ҳудуд бо минтақаҳои ин шабака мувофиқат намекунад; минтақаҳои беназир, ки ба

---

[8] Калужский М.Л. Методологические основы анализа системных противоречий общественного развития: монография. [Текст] / М.Л. Калужский – М.: Директ-Медиа, 2013. - 134 с.

[9] Алабина Т.А. Региональная экономическая политика в развивающейся экономике: теория и практика (на материале Кемеровской области) монография. [Текст] / Т.А.Алабина Т.А. - Кемерово: Кемеровский гос. ун-т, 2011. - 260 с.

татбиқи лоиҳаҳои бузурги сохтмонӣ алоқамандан (минтақаҳои лоиҳавӣ) ё бо сатҳи хеле пасти рушд (минтақаҳои мушкил) тавсиф мешаванд»[10].

Дар адабиёти муосири илмӣ минтақаҳо мувофиқи релефи қаламрав тасниф карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, ба минтақаҳои кӯҳистон ва гармии зиёддошта диққати махсус дода мешавад, ки онҳо бо аломатҳои хоси фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ тавсиф карда мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои кӯҳистон ба ҳисоб рафта, 93% қаламрави онро кӯҳсор ташкил медиҳад. Вилояти Хатлон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз минтақаҳои гармтарин ва кӯҳсор маҳсуб ёфта, дар қисми ҷанубу ғарбии мамлакат ҷойгир мебошад. Содирот, воридот ва интиқоли бисёре аз молу маҳсулот тавассути ин минтақа аз тарафи шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва аз тарафи шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва аз ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амалӣ гардонда мешавад. Дар вилояти Хатлон аз ҳисоби сардии зимистон ва гармии зиёди тобистон инчунин намӣ ва заки зиёд доштани баъзе аз минтақаҳои вилоят хӯрдашавии роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меояд, ки ин ба интиқоли молу маҳсулот тавассути нақлиёти автомобилӣ монеа эҷод мекунад. Ин ҳама моро водор месозад, ки проблемаҳои беҳтар кардани фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро бо дарназардошти релефи кӯҳидошта мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Ҳамчун минтақаҳо, диапазонҳои ҳудудиро (фазоиро) метавон баррасӣ кард ва илми минтақавӣ ба ҳалли мушкилот дар рушди минтақаҳо кумак мекунад. Минтақаҳо, ки ба сифати объектҳои илми минтақавӣ пайдо мешаванд, метавонанд аз андозаашон хеле фарқ кунанд. Инҳо метавонанд ҷамоатҳои хурди ҳудудӣ ё шаҳрҳое бошанд, ки мушкилоти онҳо ба ҷалби намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба онҳо бо мақсади таъмини шуғли аҳолии маҳаллӣ алоқамандан.

Минтақаҳо низ масоҳати калонеро ишғол мекунанд, ки омӯзиши онҳо барои пайдо кардани роҳ ва усулҳои нав барои рушди онҳо зарур аст. Ба минтақаҳо

---

[10] Корчмит В.А. Региональная экономика: монография. [Текст] / В.А.Корчмит. - Петропавловск-Камчатский: КФ МУПК. - Издательство Камчатстат, 2006. - 189 с.

макроминтақаҳо (макрорегионӣ), зерсохторҳо, комплексҳои ҳудудӣ – истеҳсолӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин дохил мешаванд. Макроминтақаҳо – минтақаҳои калонеро бо шароити мушаххаси рушд вобаста аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тақсимоти минтақавии сокинон намояндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки истилоҳи «илми минтақавӣ» ба адабиёти илмӣ аз охири солҳои 1940 ворид шудааст. Зарурати пайдоиши ин илм мураккабии муносибатҳои иқтисодӣ ва таъсири омилҳои рушди марбут ба як минтақаи муайян буд. Маҳз ба туфайли ин илм мураккабии муносибатҳои иқтисодӣ ва таъсири омилҳои рушди марбут ба як минтақаи муайян (захираҳои табиӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист) мушаххас гардида, аз тарафи дигар, дар ҳалли навъҳои мухталифи вазъият таҷрибаи амалӣ ба даст омад, ки хусусияти минтақаро равшан ифода менамояд. Пайдоиши илми минтақавӣ ҳамчун илми мустақил ба мавҷудияти бисёр мушкилоти кӯҳна ва нави иҷтимоӣ марбут аст, зеро ки ҷанбаҳои ҳудудии рушдро илмҳои анъанавии иҷтимоӣ ҳал карда наметавонистанд.

Бурмикина И.В. оид ба ин масъа андешаи худро чунин иброз медорад: «иқтисоди минтақа – ин ҷуғрофияи иқтисодиест, ки иқтисодиётро аз ҷиҳати мавҷудияти субъектҳои хоҷагидорӣ, воҳидҳои иқтисодӣ ва потенсиали иқтисодии онҳо, инчунин доир ба истилоҳи иқтисоди минтақавӣ – ин илмест, ки дар бораи зуҳури муносибатҳои назарраси иқтисодӣ дар ҳудуди муайянро тавсиф мекунад. Қаламрав ҳамчун ҳудуди маъмурии маҳдудшуда дар назар дошта мешавад»[11].

Солҳои охир, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ аҳамияти иқтисоди минтақавӣ афзудааст. Мавриди зикр аст, ки ҳар гуна душвориҳо дар ҷараёни таҳаввулоти иқтисодӣ бо таъсири омилҳо ва шароити минтақавӣ вобастагӣ дорад. Инчунин, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ нақши омили минтақавӣ зоҳир мешавад, зеро дигаргуниҳои иқтисодӣ дар қаламрави муайяне сурат мегиранд, ки дар шароити муайян аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар ин робита, бо дарназардошти шароити нав густариши таҳқиқоти илмии ҷанбаҳои минтақавии

[11] Бурмыкина И.В. Экономика регионов и региональная политика: монография. [Текст] / И.В. Бурмыкина - Новосибирск: ЦРНС, 2014. - С.14.

иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Интихоби иқтисоди минтақа ҳамчун як бахши мустақили донишҳои илмӣ яке аз самтҳои асосии рушди минтақа мебошад.

«Иқтисоди минтақа ҳамчун як самти илмӣ дар ИМА соли 1950 дар чорроҳаи иқтисодиёт ва ҷуғрофияи иқтисодӣ дар осори асосгузори илми иқтисоли минтақа Уолтер Айзард арзи ҳастӣ намудааст»[12].

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ иқтисоди минтақа ҳамчун як шуъбаи илми иқтисодӣ шарҳ дода шуда, рушди иқтисоди минтақаҳо бо мақсади банақшагирии ташкили ҳудудии иқтисод таҳқиқ карда мешуд. «Аз солҳои 60-уми асри ХХ иқтисоди минтақавӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ рушд кард. Истилоҳи «иқтисоди минтақавӣ»-ро Павленко В.Ф. ба кор бурдааст»[13]. Ба гуфтаи ин олим мундариҷаи субъекти иқтисодиёти минтақа иқтисодиёти мушаххаси минтақаҳои алоҳида, омил ва мушкилоти рушди онҳо, қонунҳои умумӣ мебошанд. В.Ф. Павленко мушкилоти рушди соҳаи истеҳсолоти моддӣ, проблемаҳои ҷомеашиносӣ ва демографияро қайд кардааст. Ба гуфтаи Павленко В.Ф. «Иқтисоди минтақаро бидуни алоқа бо дигар илмҳо, илмҳои омӯхташавандаи равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, масалан, бо ҷуғрофияи иқтисодии минтақавӣ, ҷомеашиносии минтақа наметавон баррасӣ кард. Илова бар ин, таҳқиқоти иқтисодии минтақавӣ бояд ба натиҷаҳои рушди илмҳои табиӣ ва техникӣ асос ёбад»[14]. Ҳамзамон Некрасов Н.Н. қайд мекунад, ки «мавзуи иқтисоди минтақа ҳамчун илми минтақавӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи маҷмуи омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо мақсади ташаккули заминаи истеҳсолӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии як минтақаи алоҳида ва тамоми системаи минтақаҳои иқтисодии кишвар мебошад. Тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда таҳкурсӣ, қисми асосии илми минтақаҳоро ифода мекунад»[15]. Мувофиқи гуфтаҳои

---

[12] https://ru.wikipedia.org/wiki/ Региональная_экономика

[13] Колесниченко Д.А. Вопросы региональной экономики: монография. [Текст] / Д.А. Колесниченко - Тамбов: Бизнес-Наука-Общество, 2011. - 319 с.

[14] Павленко В.Ф. Планирование регионального развития (территориальный аспект планиро-вания). - М.: Экономика, 1984. - 267 с.

[15] Некрасов, Н.Н. Теоретические проблемы разработки генеральных схем размещения произ-водительных сил // - М., ВНР, 16-24 сентября 1974 г. - №3.

муаллифон «иқтисоди минтақа як соҳаи донишест, ки омӯхтан ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда, равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои онро дар ҳамбастагии зич бо шароити табиӣ ва муҳити зист омӯхтааст»[16].

Дар ин маврид Морозова Т.Г. изҳори андеша намуда, чунин мешуморад, ки «заминаи интизоми иқтисодиёти минтақа мисли ҷуғрофияи иқтисодӣ ва мушкилоти мустақими тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад». Гранберг А.Г. чунин мешуморад, ки «ҷуғрофияи иқтисодӣ ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда бо фанҳои бунёдии таълими иқтисодии муосир қариб ки алоқаманд нестанд, мушкилоти асосии бозоргониро як сӯ гузошта, танҳо имкониятҳои истифодаи тафсирҳои муосири таҳлилиро нишон медиҳанд ва инчунин дар идеал, иқтисоди минтақа бояд мавқеи сеюмро дар омӯзиши фундаменталии иқтисоддонҳо якҷо бо макроэкономика ва микроэкономика ишғол намояд, ки ин як оғози муҳим дар роҳи минтақакунонӣ, тафаккури иқтисодӣ ва маориф хоҳад буд»[17]. Ҳамин тариқ, оид ба мазмуни мавзуи иқтисодиёти минтақа ду нуқтаи назар арзи ҳастӣ намуданд. Бо дарназардошти нуқтаи аввал иқтисодиёти минтақа яке аз соҳаҳои илмҳои иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки омилҳо ва мушкилоти рушди субъектҳои ҳудудиро таҳқиқ мекунад. Нуқтаи назари тарафи дигар, асоси консепсияи иқтисодиёти минтақавӣ тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолиро дар бар мегирад. Дар баробари ин, вазифаҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ омӯзиши шакли манзил мебошад.

Дар асоси таърифҳои дар боло зикршуда, ба андешаи мо, таърифи пурраи иқтисодиёти минтақа чунин аст: иқтисодиёти минтақавӣ як бахши илми иқтисодиёт мебошад, ки ташкили ҳудуди истеҳсолот, рушд ва тақсими қувваҳои истеҳсолкунанда ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои ҳудудиро, ки падидаҳо ва равандҳои иқтисодиро тавсиф мекунанд, дар ҳамбастагии зич бо

[16] Морозова Т.Г. Проблемы исследования отраслевой и территориальной структуры крупных экономических районов СССР (на примере Восточной Сибири) // Автореф. дис. ... к.э.н. - Ленин-град, 1975. - 29 с.

[17] Гранберг А.Г. Становление в России научного направления «Пространственная экономика» // Вестник Университета (Государственный университет управления). - М., 2009. - №2. - С.67.

шароити муҳити зист омӯхтааст. «Бояд қайд кард, ки иқтисоди минтақавӣ ин илми маҷмуи ҷузъҳои иқтисоди ҳудуд, муттаҳидсозии объектҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ташаккул ва рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва равандҳои иҷтимоиро дар системаи минтақавии кишвар ва ҳар як минтақа муайян мекунад»[18]. Объекти илмӣ пайвандгари иқтисоди миллӣ мебошад, ки ба ҳудуди муайян зич вобаста аст. Иқтисодиёти минтақавӣ ба омӯзиши банақшагирӣ ва пешбинӣ, инчунин муайян кардани самтҳои афзалиятноки тақсимоти қувваҳои истеҳсолӣ, омӯзиши робитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва омӯзиши ташкили ҳудудии иқтисодиёт машғул мебошад. Иқтисоди минтақавӣ инчунин консепсияҳои рушди равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кишварро таҳия карда, коркарди фишангҳои иқтисодӣ барои таъсир ба раванди тақсимоти сармоягузорӣ ва рушди минтақавӣ таҳия менамояд.

Барои муайян кардани мавзуи иқтисодиёти минтақавӣ якчанд усулҳо вуҷуд доранд. Аввалан, масоиле, ки доираи асосии омӯзиши масъалаҳои иқтисодиёти минтақаро ташкил медиҳанд. Чунин мушкилот инҳо буда метавонанд: иқтисодиёти минтақаи муайян; робитаҳои байниминтақавӣ; системаҳои минтақавӣ; тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда; ҷанбаҳои минтақавии ҳаёти иқтисодӣ.

Камбудии ин равиш дар он аст, ки агар мушкилоти нав ба назар расад ҳам, дар ин рӯйхат зикр намешавад, аммо минтақавӣ буданро қатъ намекунад ва баррасӣ намегардад.

Роҳи дигари муайян кардани мавзуи иқтисодиёти минтақа аз инъикос намудани хусусиятҳои мушаххаси ин фан – рушди ҳудуд (фазоӣ) иборат аст.

Тибқи гуфтаи У. Айзард «мавзуи иқтисодиёти минтақа ҷанбаҳои иқтисодии тафриқаи фазоии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳои ҳудудҳо дар

[18] Ашуров Н.А. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи иқтисоди минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №9. – С. 243-249. – ISSN 2413-5151.

шароити тақсимоти нобаробар ва зудҳаракатии захираҳо мебошад»[19]. Дар таҳқиқоти муаллиф, «қаламрав ҳамчун омили беруна дар робита бо системаи нақлиёт баррасӣ карда мешавад»[20]. Ин таъриф наметавонад тамоми паҳлуҳои падидаи таҳқиқшуда, ба хусус ҷанбаҳои муҳимми иқтисодии минтақа, ба монанди ташаккули сиёсати минтақавиро, баробар инъикос намояд. Мафҳуми иқтисодии минтақа ҳамчун яке аз самтҳои илмҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки он ба ҳалли масъалаҳои амалӣ нигаронида шудааст ва далели он аст, ки он на танҳо таҳлили мушкилот, балки таҳияи роҳу усулҳои ҳалли онро низ дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, субъекти иқтисоди минтақа ба маънои васеъ метавонад омӯзиши проблемаҳои ҳудудии (фазои)-и зикршуда, муайян кардани роҳу механизмҳои ҳалли онҳо ва арзёбии оқибатҳои татбиқи қарорҳои пешниҳодшударо дарбар гирад.

Ба ақидаи Амонуллоев И.А. «мавзуи иқтисоди минтақа омӯзиши тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, муҳимтарин хусусиятҳои иқтисодии минтақаҳо, инчунин муносибатҳои байнисоҳавӣ мебошад. Мавзуи иқтисоди минтақа омӯзиши муносибатҳои минтақавӣ, молиявии ва қарзӣ ва равандҳои ташаккули бозорҳои минтақаро фаро мегирад»[21].

Яке аз вазифаҳои асосии иқтисоди минтақа ин таъмини манфиатҳои иқтисодии кишвар ва худи минтақа мебошад. «Дар доираи иқтисодиёти минтақа, мушкилоти марбут ба иқтисоди минтақа, равобити онҳо, тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда; амсиласозии системаҳои идоракунии минтақаҳо; такмили механизмҳо, усулҳои идоракунӣ ва танзими фаъолияти иқтисодӣ дар минтақа таҳқиқ карда мешавад»[22]. Иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун илм гуногунҷанба

---

[19] Айзард У. Некоторые направления регионального развития и сотрудничества и некоторые вопросы в региональной науке, не имеющие ответов // Региональное развитие и сотрудничество. - М., 1998. - №1-2. - С.46.

[20] Рауфи А. С единством к рынку: монография [Текст] / А. Рауфи - Душанбе: «Дониш», 2006. - 244 с.

[21] Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах Республики Таджикистан): дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / И.А. Амонуллоев.-Душанбе, 2016.- 174 с. -С. 24

[22] Карпов В.В. Формирование региональной модели рыночной экономики // Монография. - Омск.: Изд-во ОмГТУ, 1996. - 123 с.

буда, яке аз объектҳои омӯзиши он системаи минтақавии нақлиёт ва логистика мебошад. Логистикаи минтақавӣ яке аз ҷузъҳои иқтисодиёти минтақа мебошад. Иқтисодиёти минтақавӣ сохтор ва таркиби қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти истеъмолкунандагон, сохтор ва самти ҳаракати микдори молро муайян мекунад.

Муаллифи асар чунин мешуморад, ки «Логистика яке аз қисматҳои таркибии базаи модди. Техникии иқтисодиёт мебошад. Истеҳсолоти имрӯзаро бе логистика тасаввур намудан душвор аст. Логистика мавзеъҳои аз ҳам дурро ба ҳам мепайвандад, алоқаҳои бурунмарзии онҳоро таъмин менамояд. Хусусияти хоси логистика аз он иборат аст, ки «маҳсулоти» вай нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли мол (бор) буда, ин маҳсулот якбора дар раванди тавлид истеъмол карда мешавад»[23].

Логистика аз нуқтаи назари равиши системавӣ «ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодиро дар занҷираҳои таъмин бо мақсади коҳиш додани арзиши умумии ҳаракати молҳо таъмин мекунад»[24]. Имрӯз, логистика аз ҷониби мутахассисон ҳамчун як соҳаи илм эътироф карда шудааст. Логистика ба монанди дигар илмҳо таърихи пайдоиши худро дошта, якчанд зинаҳоро аз сар гузаронидааст.

Истилоҳи «логистика» аз калимаи юнонии (logistike) гирифта шуда, маънои санъати ҳисобкунӣ ва муҳокимарониро ифода менамояд. Ин илм таърихи ниҳоят қадима дошта, нахустин манбаъ ва вазифаҳои худро дар Юнони қадим муаррифӣ кардааст. Дар Афинаи қадим логистика ҳамчун як вазифа, мавқеи махсуси худро дошт, ки ҳар сол тақсим карда мешуд ва вазифаи онҳо санҷиши ҳисоботи шахсони мансабдорро дарбар мегирифт. Инчунин дар ҳамон давра назоратчиҳои махсуси давлатиро (логистикҳо) ном мебурданд. Калимаи «логистика» дар бисёр забонҳои аврупоӣ мавҷуд аст, вале бо маъноҳои гуногун қайд карда шудааст. Истилоҳи «логистика» дар асарҳои олимон, философҳо ва роҳбарони низомӣ васеъ истифода шудааст. Тавсифи логистика ҳамчун илм аввалин маротиба дар

---

[23] Бобоев, О.Б. Маркето логистика (Логистикаи бозор) [матн] / О.Б. Бобоев. Воситаи таълимӣ – Душанбе – 2012. – 252 с. с.10.

[24] Циунчик В.В., Савкин Д.А. Моделирование региональной логистической системы // Вестник БФУ им. И. Канта, 2010. №10. С.1174.

Конгресси аврупоии логистика, ки соли 1974 дар шаҳри Берлин баргузор шуда буд, таҳия шудааст: «логистика илм дар бораи банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорат кардани ҳаракати захираҳои моддӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ дар системаҳои мухталиф мебошад»[25].

Дар охирҳои асри гузашта васеъ истифода бурдани муомилаи логистикӣ дар иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун оғоз шуда, мафҳуми логистика ва идоракунии логистикӣ фарогири мундариҷаи дигар гардида, ба доираҳои гуногуни истеҳсолот ва муомилоти молӣ дохил шуд.

Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, ки дараҷаи баланди мустақилиятро дар фаъолияти бозорӣ дар бар мегирад, омузиши самтҳои нави илмӣ ва амалии логистика зарур меояд. Илми логистика нисбатан ҷавон ва инкишофёфта буда, бештар ба соҳаи нақлиёт алоқамандии зич дорад. Дар замони ҳозира илми логистика кушиш карда истодааст, ки талаботи истеҳсолкунандагонро ба таври максималӣ ва бо хароҷоти камтарин қонеъ гардонад. Ин як воситаи муҳиме барои пешбурди тиҷорат мебошад.

Логистика ҳамчун илм дар доираи гардиши мол, яъне дар марҳалаҳои харидкунӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот муносибатҳои ташкилию иқтисодиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Объекти логистика - тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла соҳаи муомилоти мол, иттилоот, молиявӣ ва дигар хизматрасониҳо буда, вазифаи он - татбиқи мавҷудияти маҳсулоти сифатан хуб, бо миқдори зарурӣ, дар ҷойи муносиб ва дар вақти мувофиқ, бо хароҷоти камтарини логистикӣ интиқолдодани онҳо мебошад.

Дар назарияи худ Умаров С.А. логистикаро ҳамчун синтези назария ва фаъолияти амалӣ, инчунин тақсимоти дурусти як қатор ҷараёнҳои иттилоотӣ нишон додааст. Яъне «логистика ин назария ва фаъолияти амалии банақшагирӣ, ташкили идоракунии функсионалӣ ва назорати маҷмуи равандҳои ҳаракати ашёи

[25] Афанасьева В.Г. Транспортно–логистическая составляюшая региональной инфраструктуры: дисс.…канд.экон. наук: [Текст] / В.Г. Афанасьева - Санкт – Петербург, 2017. - 188 с. 25-26 с.

моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ ва ҷараёни иттилоотӣ дар системаи иқтисоди бозорӣ мебошад»[26]. Семененко А.И. қайд мекунад, ки «логистика ин, пеш аз ҳама, муайянкунандаи тафаккури пешравандаи методологӣ, аз ҳама самарабахштарин дар миқёси ташкилотҳои хоҷагиҳои истеҳсолӣ (соҳавӣ, минтақавӣ, хоҷагии халқ), соҳибкорон ва фаъолияти муассисаҳои савдо дар бозори озоди иқтисодӣ мебошад»[27].

Аз адабиёти илмӣ якчанд нуқтаи назарро оид ба таърифи мафҳуми логистика пайдо намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.1. Ақидаҳои олимон оид ба таъриф ва мафҳуми логистика**

| **Ақидаҳо доир ба мафҳуми логистика** | **Эзоҳ:** |
|---|---|
| ***Логистика*** як комплексе дар соҳаи илм мебошад, ки мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои моддӣ ва иттилоотиро дар ҳамбастагии онҳо фаро мегирад. | Литвиненко В.А., Родников А.Н. Логистика и маркетинг в управлении производством. Обзорная информация // Материально-техническое снабжение. Серия 3. Применение математических методов, вычислительной техники и оргтехники в материально-техническом снабжении. - М. ЦНИИТЭИМС. -Вып.1, 1991-68 с. с. 10 |
| ***Логистика*** ин таълимоти илмӣ буда, барои идоракунии ҷараёнҳо дар системаҳо мебошад. | Основы логистики. Б.К. Плоткин - Л., ЛФЭИ, 1991. -54 с. с. 5 |
| ***Логистика*** як самти илмии мустақилест, ки бевосита дар ҷустуҷӯйи имкониятҳои нав барои беҳтар намудани самарабахшии ҷараёнҳои моддӣ мебошад. | М.П. Гордона. Рынок и логистика: под ред.. - М.: Экономика, 1993 - 143 с, с. 15 |
| ***Логистика*** самти илмию амалии хоҷагидорӣ, идоракунии самарабахшии ҷараёнҳои моддӣ дар доираи истеҳсолот ва муомилот мебошад. | Гордон М.П., Тишкин Е.М., Усков Н.С Как осуществить экономичную доставку товара отечественному и зарубежному покупателю. - М.: Транспорт, 1993.-64 с., с. 5 |
| ***Логистика*** илм дар бораи ташкили оқилонаи истеҳсолот ва тақсимот буда, имкон медиҳад, ки масъалаи таъминотро фароҳам оварад, инчунин дар маҷмуъ ташкили фурӯш ва тақсимоти маҳсулоти тайёрро анҷом диҳад. | Новиков О.А., Семененко А.И. Производственно-коммерческая логистика: В 2-х частях. - СПб.: СПбУЭФ 1993.-192 с., с. 123) |
| ***Логистика*** ташкили системаҳо, аз ҷумла истеҳсолот, нигаҳдорӣ, интиқол ва тақсимоти маҳсулот бо фоидаи максималӣ мебошад. | Домнина СВ. и др. Опыт работы транспортно-экспедиционных фирм за рубежом, их роль в организации логистических систем.- М: АСМАП, 1994.-43 с., с. 15) |

[26] Умаров С.А. Логистика и маркетинг в системе современных рыночных отношений // Маркетинг и предпринимательство: Ученые записки факуль-тета коммерции. - СПб.: Изд-во СПбУЭФ, 1995. - С.66-72.

[27] Семененко А.И. Предпринимательская логистика - СПб.:Политехника, 1997.-349 с.

Идомаи ҷадвали 1.1.

| Ақидаҳо доир ба мафҳуми логистика | Эзоҳ: |
|---|---|
| ***Логистика*** илм дар бораи банақшагирӣ, назорат ва идоракунии нақлиёт, анбор ва дигар амалҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, ки дар раванди ҷамъоварии ашёи хом ва мавод ба корхонаҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти нимтайёр ва коркарди ашёи хом дар дохили корхона; мувофиқи манфиат ва талаботи истеъмолкунандагон расонидани маҳсулоти тайёре, ки истеҳсол шудааст ва ҳамчунин интиқол, нигоҳдорӣ ва коркарди маълумоти дахлдор аст. | Родников А.Н. Логистика: Терминологический словарь. - М.: ИНФРА-М, 2000. - 113 с., с.113 |
| ***Логистика*** илм дар бораи идоракунӣ ва банақшагирии ҷараёни интиқоли захираҳои моддӣ дар тамоми қисмҳо ва марҳалаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва идоракунии ин раванд мебошад. | М.Е. Залманова Логистика. - Саратов: СГТУ, 1995. -167 с., с. 5 |
| ***Логистика*** илм дар бораи ташкилкунӣ, банақшагирӣ ва батанзимдарории ҳаракати ҷараёнҳои моддӣ ва иттилоотӣ дар фазо ва вақт аз сарчашмаи аввалияи онҳо то истеъмолгари ниҳоӣ мебошад. | Б.А.Аникина. Логистика: под ред. - М.:ИНФРА-М, 1999. -326 с., с. 5 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аз ҷадвали 1.1 бармеояд, ки логистика маҷмӯи мураккаби динамикии истеҳсолию тиҷоратиро, ки фаъолияти ташкилию иқтисодиро дар соҳаи таъминкунӣ, истеҳсолоти асосӣ, амалиётҳои нақлиётию фурӯш амалӣ менамоянд, меомӯзад. Инчунин воситаи дарккунии махсусро доро мебошад, ки дараҷаҳои (категорияҳо)-и ба он хос, мафҳумҳо, истилоҳҳоро дарбар мегирад.

Аз мафҳуми инфрасохтор бар меояд, ки «аз калимаи лотинии infra – зер, поён ва structura – сохтор гирифта шуда, маънояш зерсохтор ва ё сохтори ёрирасон мебошад»[28]. Инфрасохтор маҷмӯи иншооту биноҳо, системаҳо ва сохторе, ки барои фаъолияти соҳаҳои истеҳсололти моддӣ, маҳайё кардан ва беҳтар сохтнаи шароити зисти ҷамъият зарур аст, аз ҷумла низоми нақлиёт, таъминоти об, роҳҳо, пулҳо ва системаҳои коммуникатсионӣ мебошанд.

Дар айни ҳол, инфрасохтори иқтисодӣ миллӣ аз чунин тарикбҳои худ иборат мебошад: Инфрасохтори истеҳсолӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, инфрасохтори

[28] https://allinweb.ru/iqtisodi-milli/20946/ – Инфрасохтори иқтисоди миллӣ – Allinweb.

бозорӣ, инфрасохтори туризм ва варзиш, инфрасохтори илмӣ-техникӣ, инфрасохтори ҳарби ва ғайра.

Ба инфрасохтори истеҳсоли дохил мешаванд: нақлиёт (комуникатсияи нақлиётӣ), алоқа (комуникатсияи ахборотӣ), таъминоти об ва канализатсия, таъминоти моддӣ-техникӣ ва ғайра.

Ба инфрасохтори иҷтимои дохил мешавад: фаъолиятҳои иҷтимоӣ, тақсимот ва муомилот, хизматрасониҳои истеъмолӣ, тандурустӣ, идора, маориф, илм, санитарӣ ва хоҷагии манзилию комуналӣ ва ғ.

Дар шароити афзоиши ҳаракати аҳолӣ, тезонидани динамикаи тағйирот, навсозии равандҳои истеҳсолӣ, нақши инфрасохтори нақлиётӣ, ки яке аз унсурҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақа ва нигоҳдории устувории он ба ҳисоб меравад, меафзояд.

Шарҳҳои зиёди мафҳуми инфрасохтори нақлиёти мавҷуданд, ки каме аз якдигар фарқ мекунанд, дар ҳоле ки онҳо дар маҷмӯъ ба он ишора мекунанд, ки инфрасохтори нақлиётӣ маҷмӯи воситаҳои техникии нақлиёти мебошад, ки кори тамоми системаи нақлиётро таъмин мекунанд, аз ҷумла ташкили ҳамлу нақлро, комплекси логистикаи истеҳсолӣ, ва иттилоотии минтақаро танзими мекунад[29]. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷузъи рушди инфрасохтори саноатии минтақа муайян карда шуда, таркиби он унсурҳои зеринро дар бар мегирад ( расми 1.1).

Дар навбати аввал самаранокии кори логистика низ аз инфрасохторҳои он вобаста мебошад. Инфрасохтори логистикӣ маҷмуи унсурҳое мебошад, ки низоми харид, таъминот, нигоҳдорӣ ва таҳвили маҳсулотро ба истеъмолкунандагон таъмин менамоянд (расми 1.1).

Инфрасохтори нақлиётӣ унсури мураккаби механизми иқтисоди ҷаҳонӣ буда, ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи рушди ҳар як минтақа хизмат мекунад, ки

[29] Трофименко Ю. В., Якимов М. Р. Транспортное планирование: Формирование эффективных систем крупных городов. М.: Логос, 2013. 464 с.

афзалиятҳои рақобатӣ ва рушди низоми муносибатҳои истеҳсолӣ аз он вобаста аст[30].




**Расми 1.1. – Таркиби инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Муҳиммияти тағйирёбии доимии инфрасохторҳои логистикӣ барои мутобиқ шудан ба тағйири талабот ва таъминот мебошад. Ҳамзамон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлатӣ дар ҳамкорӣ ҳамчун ташаббускорони сохт ва рушди унсурҳои инфрасохтори логистикӣ (хатҳои алоқа, терминалҳо, марказҳои логистикӣ ва ғайра) амал мекунанд.

Бо такмил ва рушд ёфтани инфрасохторҳои логистикӣ, аз ҷумла инфрасохтори нақлиётӣ, фаъолияти логистика дар минтақа баланд мегардад, сатҳ

[30] Гетманова А. В., Козырь Н. С. Экономическая безопасность РФ на основе инновационного развития регионов // Актуальные проблемы гуманитарных и социально-экономических наук. 2017. №11s. С. 52-54.

ва иқтидори нақлиётии давлатӣ низ рушд меёбад, ки ба афзоиши иқтисоди миллии мамлакат мусоидат мекунад[31].

Логистикаи нақлиётӣ системаи ташкили ҳамлу нақлро ҳамчун фаъолияти асосии маҷмуӣ метавон ҳисобид. Алоқамандии он бо ҳаракати захираҳои моддӣ, истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти тайёр, муайян кардани воситаи нақлиёт дар занҷираи логистикӣ фаъол мебошад.

Логистикаи нақлиётӣ ин ҳамоҳангсоз ва иҷрокунандаи ҳалли ҳамаҷонибаи вазифаҳои марбут ба ташкили ҳамлу нақли бор, бағоҷ ва мусофирон буда, инчунин нақшаи самарабахш барои интиқол додани мол аз ҷониби интиқолдиҳанда бо як ва ё якчанд намуди воситаи нақлиёт мебошад.

Дар яке аз асарҳояшон Олимҷон Бобоев чунин қайд намудаанд, ки «қисми зиёди амалиётҳои логистикӣ, дар роҳи интиқоли анбӯҳи материалӣ, аз сарчашмаи ашёи хом сар карда то расидан ба истеъмолгари охирон, аз тариқи воситаҳои гуногуни нақлиёт ба амал баровардa мешаванд. Хароҷотҳои иҷрои ин амалиётҳо қариб 50 фоизи хароҷотҳои умуии логистикиро ташкил медиҳанд»[32].

Логистикаи нақлиётӣ системаи ташкили ҳамлу нақл буда, аз ҷумла барои интиқоли ашёҳои моддӣ аз як нуқта ба нуқтаи дигар бо хатсайри мувофиқ мебошад. Мақсади асосии логистикаи нақлиётӣ ин таъмин намудани ҷойи мувофиқ ва ҷо ба ҷо кардани мол, маҳсулот ва мусофирон, ки онҳо тавассути сомонаҳо ва иштирокчиёни занҷираи логистикӣ интиқол дода мешаванд. Логистикаи нақлиётӣ дар навбати худ маҷмуӣ ва мураккаб буда, фаъолияти асосии он аз қисмҳои зерин иборат мебошад: интихоби дурусти нақлиёт; муайян намудани хатсайрҳои дурусти таҳвилкунӣ; пешгӯӣ ва ташкили интиқоли бор; ирсол намудан; бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дахлдор; дастгирии ҳуқуқии нақлиёт; пардохт барои хизматрасониҳои нақлиётӣ; бастабандӣ; боркунӣ ва борфарорӣ; баёнкунии ҳуқуқи моликият дар бор; бақайдгирӣ ва нигаҳдорӣ; сода кардани

---

[31] Ашуров Н.А. Асосҳои назариявӣ, моҳият ва аҳамияти логистика нақлиётӣ дар иқтисодиёт [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – 1/4(80). Қисми 2. – С. 221-226. – ISSN 2663-5534.

[32] Бобоев, О.Б. Маркето логистика (Логистикаи бозор) [матн] / О.Б. Бобоев. Воситаи таълимӣ – Душанбе – 2012. – 252 с. с.83.

раванд; дастгирии иттилоотӣ; хизматҳои иловагӣ (хадамоти гумрукӣ, суғурта) ва ғайра.

Дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ логистика ҳамчун соҳаҳои васеи истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ фаъолият дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон низ аҳамияти логистика устуворона рушд намуда истодааст. Рушди иқтисодиёти мамлакат аз вазъи соҳаи логистика вобастагии зиёд дорад. Истеъмолкунандагон талаботи сатҳи баланди хизматрасониро дошта, дар баробари онҳо соҳаи логистикаи нақлиётӣ низ рушд мекунад. Азбаски логистика соҳаест, ки имкониятҳои васеъ дорад, дар нақшаҳои стратегии худ дар оянда самтҳои дигарро ҳам таъмин мекунад. Ин соҳаи босамари логистика ба истеҳсолот ва хизматрасонӣ имконият медиҳад, ки ба фаъолияти асосии худ баҳогузорӣ кунанд.

Логистика барои ташаккул ёфтани бозори миллӣ ва байналхалқии нақлиёт, анборҳои хизматрасонӣ чун замина хизмат мекунад. Барои ноил шудан ба баландтарин сатҳи амалиёти транзитӣ, бо корҳои зиёд, пешгӯиҳо ва навовариҳо карда шавад.

Рушди иқтидори логистикӣ ба васеъ намудани марказҳои логистикӣ; шумораи намудҳои хизматрасониҳо; таъмини сифати хизматрасонии логистикӣ; ташкили марказҳои омӯзиши илми логистика; назорат ва баҳогузории сифати хизматрасонӣ, истеҳсолот ва талабот; ҷалби сармоягузорон барои бунёди инфрасохтори логистикӣ ва ғайра вобаста мебошад.

Дар доираи мустаҳкам гардондани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар байни кишварҳо ва афзоиши ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ва транзитӣ, сатҳи техникии системаи анборӣ, системаи нақлиётӣ, сифати хизматрасонӣ, бавижа тағйирёбии шаклҳои гуногуни марказҳои логистикӣ ва нақлиётӣ ҳамчун омилҳои тиҷоратии байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки логистика дар замони муосир ҳамчун самти илмию амалӣ илмест, ки банақшагирӣ, назорат ва идоракунии нақлиёт, инчунин нигаҳдорӣ ва интиқоли оқилонаи захираҳои гуногунро дар вақти муайяншуда бо харҷи камтарин ва бо

арзиши пасттарин аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунандаи охирин расониданро меомузад.

Олимон афкори ягонае надоранд, ки таҳаввулоти логистикаро инъикос кунанд. Самте, ки марҳалаҳои рушди логистикаро баррасӣ менамояд, вобаста аз он, ки муносибат ба он чӣ гуна аст ва ҳамчун тарзи тафаккур дар ибтидо ба стратегияи ҳамаҷонибаи идоракунии оянда тағийр ёфтааст, маъмултарин ва анъанавӣ мебошад. Тағйиротро, ки аз оғози логистика рух додаанд, ба чор марҳала тақсим кардан мумкин аст[33]. Марҳалаи 1, аксар вақт «давраи тақсимшавӣ» номида мешавад. Он ба ҳалли мушкилоти муносибгардонӣ дар соҳаи тақсими маҳсулот тавсиф меёбад (масалан ҷойгиронӣ ва рушди комплексҳои анбор). Муаллифони бархӯрдҳои мухталиф натавонистаанд дар муҳлатҳои дақиқ ба мувофиқа расанд. Фосилаи солҳо аз 1920 то 1960-и асри гузашта тӯл мекашад. Консепсияи асосии идоракунии корхона дар ин марҳала менеҷмент мебошад.

Марҳалаи 2 давраи «ташаккул ё консептуализатсияи логистика» номида мешавад (аз ин ҷо мафҳумҳои асосии он ташаккул меёбанд). Муаллифони гуногун рафти онро ба солҳои 1960-1980 нисбат медиҳанд ва онро ба талаботи логистика дар Аврупо ва Амрико, ки иқтисодиёти онҳо буҳрони энергетикӣ ва тавсеаи истеҳсолоту савдои Ҷопонро ба ларза овардааст, рабт медиҳанд. Дар ин марҳала ба хулосае меоянд, ки барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои ҷудогонаи корхона, ки меъёри самаранокии иқтисодӣ, арзиши ҳади ақали ҳамлу нақл ва худи истеҳсолот мебошад, кифоя нест. Фаъолияти логистикӣ дар ин давра дар ду самт рушд кард:

1. Тақсимоти физикии мол бо дарназардошти консепсияи маркетинг, тибқи усулҳои логистикӣ;

2. Идоракунии мавод, ки доираи таъминот, идоракунии захира, инчунин фаъолияти истеҳсолиро фаро мегирад.

Консепсияи асосии идоракунии корхона маркетинг буд.

[33] Смехов А.А. Введени в логистику. - М.: Транспорт, 1993. – с.6, Новиков О.А., Умаров С.А. Логистика: учебное пособие 2-е изд. - СПБ: Изд. Дом “Бизнес-пресса”, 2000. – с. 41-44.

Марҳалаи 3 давраи «интегратсияи фаъолияти логистикӣ дар корхона, хусусан дар доираи истеҳсолот ва тақсимот» номида мешавад. Тибқи арзёбиҳои гуногун, он аз охири солҳои 70-ум то солҳои 90-уми асри XX сурат гирифта, раванди гузариш аз коркардҳои назариявӣ ба татбиқи усулҳои логистикиро ҳамчун воситаи идоракунии тиҷорат дар бар мегирад.

Марҳалаи 4 ҳамчун «нашъунамои логистикӣ» тавсиф карда мешавад. Тахмин меравад, ки дар он замон, яъне солҳои 1980-ум то давраи мо (тибқи сарчашмаҳои гуногун), логистика ҳамчун илм аз ҳама чизҳое, ки дар солҳои пешин ба даст омадаанд, боло рафтааст. Логистика ҳамчун воситаи идоракунии фаъолияти корхона аз доираи як корхона берун рафта, дар сатҳи кишвар ва баъзан дар саросари ҷаҳон равандҳоро фаро гирифтааст.

Дар солҳои 80-уми асри XX дар кишварҳои дорои иқтисодиёти пешрафта дар бисёр соҳаҳо, вазъияте ба вуҷуд омада буд, ки арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда то ҳадде, ки ба назар ғайриимкон менамуд, коҳиш ёфт. Барои нигоҳ доштани рақобат ба консепсияи нави идоракунии соҳибкорӣ талабот ба миён омад, ки ҳамоҳангсозии ҷараёни мавод ва маҳсулоти тайёр натанҳо дар дохили як ширкат, балки дар як қатор ширкатҳои бо занҷираи технологӣ пайвастшуда ба вуҷуд ояд. Аз ин рӯ, ба бисёр ширкатҳои хориҷӣ муайян шуд, ки идоракунии самарабахши занҷири таъминот қадами навбатиест, ки рақобатпазирии худро бояд афзоиш диҳад. Ин давра ибтидои «Supply chain management – SCM» – «Идоракунии занҷираи таъминот» дониста мешавад. Ин истилоҳро системаи интеграторӣи - i2 Technologies ва ширкати консалтингии Артур Андерсен дар аввали солҳои 80-ум пешниҳод карда буданд[34]. Пайдоиши консепсияи идоракунии занҷираи таъминот инчунин дар мақолаи К. Оливер ва М. Вебер «Supply chain management: Logistic Catches up with Strategy» соли 1980 дар Лондон нашр шудааст. Дар айни замон муҳокима дар бораи мустақилияти мавҷудияти ду соҳа идома дорад. Баъзе муаллифон байни логистика ва идоракунии занҷираи таъмин аломати баробар мегузоранд, баъзеҳо фарқияти куллиро бо дарназардошти консепсияи охирин дар

[34] Сергеев В.И. Управления цепями поставок в России – миф или реальность? // Логиситика и управление цепями поставок. 2004. - №1. - С.14-33].

таҳаввулоти логистика ба назар мегиранд[35]. Марҳалаи 5-ум дар робита ба рӯйдодҳои охирини Тоҷикистон ва ҷаҳон дар доираи ин кори таҳқиқотӣ нишон дода шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Россия робитаи наздик дорад ва таҳримҳое, ки аз ҷониби давлате ё ширкатҳои хориҷӣ нисбат ба Россия эълон мешавад, таъсири манфии худро ба ҷумҳурии мо низ мерасонад.

Роҳи оҳани Амузанг – Ғалаба, ки ҷануби Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро мепайвандад, моҳи ноябри соли 2011 боздошта шуда буд.

Ҷониби Ӯзбекистон роҳи оҳанро аз нав сохта, 9 марти соли 2018-ум бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тугмаи рамзӣ пахш гардида, дар роҳи оҳани Амузанг – Хошадӣ ҳаракат ифтитоҳ ёфт.

То имрӯз ду давлатро роҳи оҳани истгоҳҳои Қудуқли ва Бекобод мепайвастанд. Истгоҳи Амузанг ба яке аз роҳҳои пайвандгари нав дар ин самт мубаддал мешавад. Дар ин ҷо барои кормандони сарҳадӣ ва гумрук ҳама шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст. Ин пойгоҳ минтақаҳои ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистонро мепайвандад.

«Роҳи оҳан ба манфиатҳои ду кишвар хизмат намуда, дарривоҷу равнақ ёфтани ҳамлу нақли транзитӣ нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, он барои ворид гардидан ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Туркманистон имкониятҳои иловагӣ муҳайё месозад, бароиривоҷ ёфтани мусофиркашонӣ ва кушодани самтҳои нав шароит ба вуҷуд меояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин роҳи оҳан байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи савдо, пешниҳоди хидматҳои воридотӣ ва содиротии миёни ду кишвар мусоидат мекунад. Дар давоми солҳои охир ба туфайли бунёд ёфтани шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва бо роҳҳои Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон пайвастани Тоҷикистон, кушода гардидани роҳи оҳан ва 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Ӯзбекистон яке аз ҳадафҳои

[35] Букинская Э.М. ..Региональная логистика: Текст лекций. – СПБ.: Изд-во СПбГУЭФ, 2008. – 58 с., с.10.

стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳалли мантиқии худро ёфт»[36]. Ин чорабиниҳо оғози марҳалаи охирини таҳаввулоти системаи ҷаҳонии нақлиёт ва логистикаро нишон медиҳанд.

Таҳия ва сохтори системаҳои иқтисодӣ бо дарназардошти принсипҳои мураккаби мутақобилаи мутамарказ ва ғайримарказикунонии падидаҳои он рухдодро, мафҳуми нави идоракунии системаҳои иқтисодӣ муайян мекунад. А.Л. Носов дар китоби худ «Логистикаи минтақавӣ» истифодаи логистикаро чунин асоснок мекунад: логистика илм ва амалияи идоракунии самарабахши иттилоот ва ҷараёнҳои марбут ба иттилоот ва хидматрасонӣ мебошад[37]. Ҷараёнҳои моддӣ чизҳои гуногуни барӯйхатгириро дар назар доранд, ки дар рафти татбиқи амалиётҳои логистикӣ ба назар гирифта мешаванд. Онҳо вобаста ба миқёси идоракунӣ фарқ мекунанд[38]. Макрологистика бо дарназардошти мушкилоти глобалии идоракунии мавод ва ҷараёнҳои ба он алоқаманд метавонад ба: мезологистика, ки мавзуи он муттаҳидшавӣ ба як системаи якчанд ширкат дар як соҳа ё ширкатҳое, ки системаҳои ҳудудиро ташкил медиҳанд; микрологистика, ки бо мушкилоти маҳалии идоракунии ҷараён маҳдуд аст, ҷудо шавад.

Аз ин бармеояд, ки логистикаи минтақавӣ ҳамчун соҳаи илм бисёр ҷиҳатҳоро фаро мегирад: усулҳои омӯзиши минтақа ҳамчун қаламрав, иқтисоди минтақа дар заминаи банақшагирӣ ва таҳлили шакли ҷараён, тарҳрезӣ ва банақшагирии инфрасохтори логистикии минтақа ва ғ. Ҷузъи асосии тамоми ҷанбаҳои дар боло номбаршуда нақлиёт мебошад. Дар натиҷа як ҷузъи қавӣ ва муҳимми иқтисодиёти минтақа инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа мебошад.

Системаи нақлиётӣ-логистикии минтақа метавонад ҳам аз ҷониби агентҳои мустақил ва ҳам ба таври системавӣ ҳамчун системаи ҳамгиро ташаккул ёбад. Таҳия ва татбиқи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ яке аз роҳҳои самарабахши рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар маҷмуъ, давлат

---

[36] Ашуров Н.А. Инфрасохтори логистикӣ ва манфиати он [матн] / Н.А. Ашуров / Нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. Рӯзномаи «Хатлон» 8.02.2022. – №10 (3369),– С. 3.

[37] Носов А.Л. Региональная логистика. – М: Издательство “Альфа-Пресс”, 2007. – 168 с., с.5.

[38] Семененко А.И. Предпринимательская логистика. Часть 1. - СПб.: СПбУЭФ, 1994. - 124 с.

маҳсуб меёбад. Вале қайд кардан ба маврид аст, ки ҷанбаҳои минтақавии логистикаи нақлиётӣ нисбат ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон ҳанӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Аҳамияти ин мавзуъ дар он ифода меёбад, ки системаи нақлиётӣ-логистикӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҳама субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, манбаи муҳимтарини даромади молиявӣ ба буҷа мебошад. Рушди устувори иқтисодиёти минтақа, аз шароит ва сатҳи зиндагии аҳолӣ аз самаранокии кори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа вобаста аст.

Чи тавре ки дар болотар қайд карда гузоштем, минтақа ҳудуди муайяне мебошад, ки аз дигар қаламравҳо бо тарзҳои гуногун фарқ мекунад ва дороии якпорчагӣ ва бо ҳам алоқамандии унсурҳои таркибии он мебошад[39]. Таърифи мафҳум имкон медиҳад, ки минтақа ҳамчун объекти омӯзиши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа истифода шавад.

Принсипҳои умумии назарияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар муносибати систематикӣ ташаккул ёфтааст. Он ба тақсимоти ҳудудӣ, функсионалӣ ва корпоративии соҳаи фаъолият, муайян кардани функсияи объективии фаъолият, интихоб ё ташаккули унсурҳои функсионалӣ ва таркиби онҳо, инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа асос ёфтааст.

Мо ҳадафҳои ташкили системи логистикиро шарҳ медиҳем:

1. Беҳсозии ҷараён дар сатҳи корхона ё корпоратсия;
2. Беҳсозии ҷараён дар сатҳи минтақавӣ;
3. Беҳсозии ҷараён дар сатҳи давлатӣ;
4. Ҳамбастагии ҷараёнҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавии равандҳо.

Дар айни ҳол ҳадафи дуюм ҷолиб буда, тағйироти доимии соҳа идома дорад. Дар натиҷа мафҳумҳои нав, ташкилот ва идораккунии система пайдо мешавад, ки бо рушди муносибатҳои бозорӣ алоқамандии зич доранд. Дар ниҳоят, мо назарияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро ҳамчун соҳаи дониш дорем, ки усулҳои ба логистика нигаронидашудаи таҳқиқи минтақа ҳамчун қаламрав,

[39] Букинская Э.М. Региональная логистика.- СПБ.: Изд-во СПбГУЭФ, 2008. – 58 с. 18 с.

иқтисодиёти минтақавӣ дар самти таҳлил ва банақшагири ҳаракати ҷараён, банақшагирӣ ва тарҳрезии инфрасохтори логистикии минтақаро дар бар мегирад.

Системаи нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ ин механизми асосии истифодаи мақсаднок ва оқилонаи захираҳо дар шаклҳои гуногун ва сохторҳои мухталифи онҳо дар минтақа мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қаламравҳои он шароитҳои васеи табиӣ ва иқтисодӣ, сатҳҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар минтақаҳои муайян, ташаккули системаҳои минтақавии нақлиёт ва логистика аҳамияти муҳим доранд.

Вазифаҳои умумии назарияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро ҷудо мекунем: банақшагирии ҷараёни мавод; ҳамоҳангсозии амалҳои иштирокчиёни ҳаракати ҷараёнҳои моддӣ; идоракунӣ ва назорати ҳама марҳалаҳои ҷараёни моддӣ; таъмини ҳаракат ва ташаккули ҷараёнҳои моддӣ.

Бояд дар назар дошт, ки ҳар яке аз ин вазифаҳо як қисми ҷараёни умумӣ буда, мутаносибан дорои захира ва хароҷоти худ мебошанд. Яке аз ҳадафҳои назарияи системаи нақлиётӣ-логистикии минтақа беҳтар кардани ин хароҷот аст. Хусусиятҳои асосии ин муносибати муназзами ҷараёнҳои моддӣ аст, ки аз бисёр унсурҳо ва марҳалаҳои ҳаракат иборат буда, бо мақсади ба истеъмолкунанда овардани маҳсулоти ниҳоӣ алоқамандранд[40]. Гардиши ҷараёнҳои моддӣ дар тӯли роҳи тайкардаи худ, аз манбаи аввал то истеъмолкунандаи ниҳоӣ, ҳамчун тағйироти сифатии ҷараёнҳои моддӣ аз ашёи хом то борпечкунӣ, баъдан ба маҳсулоти тайёр ва тағйироти миқдории он тавассути ассотсиатсияҳо ва шохаҳои ба ҳам муттаҳид мегузаранд.

Аз ин мавқеи муносибатҳои системативӣ, ҷараёнҳои моддӣ як пайванди доимии таъминот аз як иштирокчӣ ба дигараш ва ба иштирокчии охирин, ки мустақиман маҳсулоти ниҳоии тағйирёбии ҷараёни моддиро истеъмол мекунад, мебошад. Назарияи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорати ҳаракати муассири натанҳо ҷараёни моддӣ, балки иттилоот ва хидматҳо аз сарчашмаи онҳо ба истеъмолкунанда мебошад.

---

[40] Кородюк И.С. - Кархова С.А. Региональные транспортно-логистические системы: вопросы теории и практики: монография. -Иркутск: Изд-во БГУЭП, 2008. – с. 280.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа самараи иқтисодӣ эҷод мекунад. Он бо сабаби ҷанбаҳои мухталиф ташаккул ёфтааст. Масалан:

– ба сатҳи оптималӣ дар тамоми самтҳои тақсимоти маҳсулот, ки захираҳои молиявии дар анборҳо барзиёд яхкардашуда ва хароҷоти нигаҳдории захираҳоро кам мекунад;

– кам кардани вақти тақсимоти маҳсулот тавассути банақшагирии возеҳ ва ташкили марҳалаи алоҳида, ки дарозии сикли ҳаракати маводро коҳиш медиҳад ва таносуби гардиши сармояи истеҳсолиро афзоиш медиҳад;

– кам кардани хароҷоти нақлиёт аз ҳисоби истифодаи нисбатан самараноки нақлиёт ва ҷустуҷӯи тарҳҳои оптималии тақсимот, ки метавонанд арзиши аслии маҳсулотро коҳиш диҳанд ва рақобатпазирии онро баланд бардоранд;

– кам кардани хароҷоти қувваи корӣ бо роҳи аз байн бурдани амалиёти бесамар ва нолозим.

Мувофиқи маълумоти ширкатҳои ғарбӣ тақрибан 90% вақти сарфшуда ба мавод дар корхонаҳо амалиётҳои логистикӣ (борбардорӣ, борфарорӣ, интиқол ва нигаҳдорӣ) ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон 1% кам шудани хароҷот ба онҳо ҳамон тавре афзоиш ёфтааст, ки ба афзоиши 10% фурӯш баробар аст[41]. Чунин таъсири назарраси иқтисодии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба мо имкон медиҳад, ки онро ҳамчун объекти омӯзиши иқтисоди минтақа баррасӣ намоем. А.М. Гаджинский дар китоби дарсии худ «Логистика» заминаҳои ташаккули системаи нақлиётӣ-логистикии минтақаро ҳамчун як самти иқтисодиёт шарҳ медиҳад[42].

Яке аз аввалин кӯшиши ҳалли мушкилоти системаи нақлиёт ва логистика дар илми Россия ба В.С. Колодин мансуб аст, ки ин системаро ҳамчун «маҷмуи функсияҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои тамоми субъектҳои раванди логистика, ки дар ташкили тақсимоти молҳо иштирок мекунад» муайян кард. Он якпорчагии ягона буда, унсурҳои таъмини ташкилӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионии

---

[41] Носов А.Л. Региональная логистика/А.Л.Носов. - М: Издательство “Алфа-Пресс”, 2007 - 168 с. -С. 8.

[42] Гаджинский А.М. Логистика: учебник. 7-е изд., перераб. и доп./А.М.Годжинский. - М.: .Дашков и Ко, 2003. – с. 470.

системаи микёсан калони иқтисодии минтақаро дар бар мегирад[43]. Ғайр аз ин, «муҳаққиқ ба «муҳимтарин воситаҳои моддӣ ва ташкилии субъектҳои раванди логистикии минтақавӣ»: захираҳои маҳсулот; ашёи хом; воситаҳои нақлиёт; баҳодиҳӣ ба имкониятҳои системаи истеҳсолӣ асосан қудрат ва чандирии он, инчунин макон, андоза ва шумораи корхонаҳо; анборҳо; воситаҳои молиявӣ ва қарзӣ ва алоқа ва кадрҳоро нисбат додааст[44].

Ба андешаи Носов А.Л. унсури муҳимтарини системаи логистикии минтақа иттилоотӣ мебошад, ки зерсохтори телекоммуникатсиониро дар бар мегирад. Дараҷаи рушди он имконоти истифодаи технологияҳои муайяни логистикӣ дар минтақа, имконияти ҳамкорӣ байни бахшҳои раванди логистика ва идоракунии умумии логистикаи минтақаро муайян мекунад[45].

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа айни замон сохтори хеле мураккаб ва пуриқтидор дорад, ки дорои хусусияти тиҷоратӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, хидматрасонӣ, нақлиёт, логистикаи анборӣ ва инчунин логистикаи таъминот, истеҳсолот, фурӯш ва захираҳо мебошад.

Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ аз дигар системаҳои иқтисодӣ бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад: мавҷудияти равандҳои назоратшаванда, ягонагии системаҳо ва мушаххасоти он, таваҷҷуҳ ба истеҳсолот, ташкил ва идоракунӣ. Хосиятҳои асосии беҳтарин инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа муносиб ва мутобиқшавӣ мебошад. Амволи зарурӣ ва пешакӣ муайяншаванда муносибшавӣ мебошад. Қарорҳои муносиб ва беҳтаре, ки дар системаҳои логистикӣ қабул карда мешаванд, ҳангоми таҳияи қарорҳои минбаъдаи идоракунӣ устувории идораро таъмин мекунад, интихоби вариантҳои алтернативиро сода мекунад ва таҳлили масъалаҳоро осон мекунад, чунки шартҳои ибтидоии ҳалли равандҳои ҷараён аз онҳо вобастаанд.

---

[43] Колодин В.С. Логистическая инфраструктура регионального товарного рынка/В.С.Колодин. - Иркутск: ..изд-во ИГЭА, 1999 - 174 с. -С. 49.

[44] Колодин В.С. Логистическая инфраструктура регионального товарного рынка/В.С.Колодин. - Иркутск: ..изд-во ИГЭА, 1999 - 174 с. С. 50.

[45] Носов А.Л. Региональная логистика/А.Л.Носов. - М: Издательство “Алфа-Пресс”, 2007. - 168 с. С. 75.

Ҳоло фаъолияти логистикӣ мавқеи худро дар иқтисодиёти минтақа муттасил ишғол мекунад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақа корхонаҳо ҳамасола 30% қувваи функсияҳои логистикии худро ба корхонаҳои миёнарави шахсони сеюм месупоранд. Бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ, ки ба як минтақаи муайян вобаста аст, ташаккул ёфт ва ба яке аз бозорҳои босуръат рушдёбанда табдил ёфтааст. Суръати миёнаи солонаи рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ 5-7 фоизро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти ширкатҳои байналмилалии машваратӣ, аз се як ҳиссаи даромади тиҷорати ҷаҳонӣ аз ҳисоби миёнаравии логистикӣ ба даст меояд[46].

Яке аз роҳҳои самараноки омӯзиши бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ таҳқиқоти солона ва рейтинги калонтарин ширкатҳои логистикӣ мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти минтақавӣ бисёр ширкатҳои нақлиётӣ ва логистикӣ натанҳо дар шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар, балки дар шаҳрҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон маъруфанд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки системаҳои логистикӣ ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки сатҳи иқтисодии минтақаи мушаххаси кишвар чӣ гуна аст.

Айни замон инфрасохтори нақлиётӣ яке аз омилҳои асосӣ ва самти афзалиятноки муайян сохтани самаранокии иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад. Фаъолияти самарабахши корхонаҳо дар саноат, сохтмон ва кишоварзӣ, ҳолати руҳиву равонии коргарон, неруи кории онҳо, таъмини рушди иқтисодӣ, сатҳи пешрафти кишварҳои минтақа, аз пешрафт ва эътимоднокии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ вобаста мебошад.  Агар мо моҳият ва вазифаҳои худи нақлиётро таҳлил карда бароем, ба хулосае меоем, ки нақлиёт ин пайвасткунандаи алоқаи байни ҷузъҳои системаҳои логистикӣ буда, ҳаракати захираҳои моддиро анҷом медиҳад.

Нақлиёт, як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи имрӯзаи мо ба шумор меравад ва вобаста ба сохт ва намудҳои хизматрасониаш гуногун мешавад (расми 1.2).

[46] Афанасенко И.Д., Барисова В.В. Экономическая логистика: учебник для вузов. Стандарт третьего поколения. - СПб.: Питер, 2013. - 432 с., С. 280.




**Расми 1.2. – Сохтори муосири соҳаи нақлиёт**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

Бар замми ин, нақлиёт яке аз ҷузъҳои муҳимми иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, омили таъмини босуботи он аст. «Рушди самарабахши нақлиёт аз амнияти миллии давлат вобастагӣ дошта, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти муътадил ва самарабахши нақлиёт ва инфрасохторҳои он имкон медиҳад, ки дар дигар бахшҳои иқтисодиёт, хароҷоти мол ва хизматрасонӣ коҳиш ёфта, истеҳсол ва истеъмоли он афзун гардад ва ба густариши робитаҳои байналмилалӣ ва ҳамгироӣ бо низоми иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат кунад»[47].

[47] Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

Дар ин замина, накш ва аҳамияти инфрасохтори нақлиётӣ ва ҳиссаи он дар ташаккули системаи нақлиётии минтақа калон мебошад. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми системаи нақлиёти кишвар хеле зарур аст. Дар шароити муосир ягона воситаи нақлиёте, ки истифодабариаш афзалиятнок аст, ин воситаи нақлиёти автомобилӣ маҳсуб меёбад.

Иқтидори нақлиётӣ аз нуқтаи назари фаъолияти логистикӣ ин маҷмуи захираҳои нақлиётӣ (воситаҳои нақлиёт, системаҳо ва инфрасохторҳо), ҳамчунин механизмҳои ташкилкунанда ва равандҳои истифодаи онҳо ба ҳисоб меравад (расми 1.3).




**Расми 1.3. - Таносуби мафҳумҳои комплекси нақлиётӣ, системаи нақлиётӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

«Мафҳуми «системаи нақлиётӣ» дар баъзе мавридҳо бо мафҳуми «инфрасохтори нақлиётӣ» шабоҳат дода мешавад, вале бояд қайд намуд, ки системаи нақлиётӣ мафҳуми васеи инфрасохтори нақлиётиро дар бар мегирад. Системаи нақлиётӣ дар муқоиса бо инфрасохтори нақлиётӣ бевосита ба фаъолияти иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Системаи нақлиётӣ дар навбати худ ҳамаи шабакаҳои нақлиётӣ, захираҳои меҳнатӣ, системаи идоракунии ҳар гуна нақлиётро дар сатҳҳои гуногун бо мақсади таъмини фаъолияти самарабахши иқтисодиёти кишвар муттаҳид менамояд»[48] (расми 1.4).

[48] Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми




**Расми 1.4. - Сохтори системаи нақлиётӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

Шаклҳои моликияти ҳамаи ҷузъҳои системаи нақлиёт метавонанд гуногун, яъне ҳам давлатӣ ва ҳам шахсӣ бошанд. Ба системаи нақлиётӣ воситаҳои алоқа, иншооти техникӣ, истгоҳҳои боркашонӣ, истгоҳҳои мусофиркашонӣ, агентиҳои чиптафурӯшӣ, ширкатҳои ташкилкунандаи интиқол, марказҳои логистикӣ, анборҳо, шабакаҳои муҳандисӣ, коммуникатсия ва дигар унсурҳо дохил мешаванд.

Ба ақидаи профессор Раҷабов Р.К. «Системаи нақлиётӣ» ин зерсистемаи иқтисодиёти кишвар мебошад: а) шабакаҳои нақлиёти умумӣ ва ғайридавлатӣ аз

---

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

ҳама намуди нақлиёт; б) воситаҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла барои истифодаи шахсӣ; в) низоми идоракунии ҳар гуна намуди нақлиёт; г) захираҳои меҳнатии дар зеристгоҳҳои иқтисоди миллӣ ҷойгиршуда; д) дастгоҳҳои доимии ҳамаи намуди нақлиёт – терминалҳои анборӣ ва боркаш, базаҳои ҷудокунӣ ва коркарди бор, нуқтаҳои боркунӣ, борфурорӣ ва ғайра; е) корхонаҳои нақлиётӣ ва роҳдорӣ, дастгирии шабакаҳои нақлиётӣ, автомобилҳои истифодашаванда; ж) роҳҳои оҳану мошингард, роҳҳои нақлиётию нақдии дохилӣ, ҳавоӣ ва кабелӣ, пайраҳаҳои роҳи оҳани борик, инчунин дигар намуди сеҳҳои нақлиётӣ ва ҷузъи иқтисодиёти миллӣ, ки дар раванди интиқол додани маҳсулот аз таъминкунандагон ба истеъмолкунандагон иштирок мекунанд»[49].

Системаи нақлиётӣ натанҳо шабакаҳои роҳҳои коммуникатсионӣ (яъне инфрасохтори нақлиётӣ), балки як қисми техникӣ ва идоракунӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, рушди инфрасохтори нақлиётию логистикӣ дар ташкили маҷмааи ҳамгироӣ дар кишвар нақши муҳим мебозад.

Дар адабиёти илмӣ «инфрасохтори нақлиётӣ» дар аксар маврид ҳамчун шабакаҳои воситаҳои алоқа, яъне роҳҳо баррасӣ мешавад. Равшан аст, ки инфрасохтори нақлиётӣ ҳамаи соҳаҳо ва корхонаҳои нақлиётиро дар бар гирифта, ҳамзамон интиқоли борҳо, нигоҳубин ва таъмини иҷрои онҳоро бар душ дорад.

Объектҳои инфрасохтори нақлиётии мамлакат роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, роҳи обӣ, метрополитен, фурудгоҳҳо, аэродром, роҳҳои трамвай, пулҳо, нақбҳо, эстакадаҳо, хатҳои алоқа, вокзал ва истгоҳҳо, объектҳои системаи алоқа, дарёнавардӣ ва идораи ҳаракати воситаи нақлиёт, инчунин идораҳои ба онҳо дахлдор, иншоот, механизм ва таҷҳизотҳоеро дар бар мегиранд, ки фаъолияти комплекси нақлиётро таъмин мекунанд.

Ба андешаи профессор Раҷабов Р.К. «инфрасохтори нақлиётӣ яке аз муҳимтарин зерсистемаҳои бозор ба ҳисоб меравад. Он барои муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ ҳамчун асосҳои моддӣ шароити мусоид

[49] Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

фароҳам меорад, шароити ташкили мустақилияти иқтисодии минтақаҳои алоҳидаро таъмин месозад, дар рушди муносибатҳои бозаргонӣ, баланд бардоштани эҳтиёҷоти ояндаи нақлиёти боркаш ва мусофирон, рушди минтақаҳои нав ва захираҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайра нақши пурраи инфрасохтори нақлиётиро мебозад»[50].

Унсурҳои асосии инфрасохтори нақлиётӣ логистикӣ (ИНЛ) аз номгӯйи зерин иборат аст: ҳамлу нақли интермодалӣ, марказҳои мултимодалӣ ва логистикӣ, комплексҳои терминалӣ.

Дар раванди омӯзиши пешбурди фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ муайян намудем, ки унсурҳои раванди нақлиёт ва логистика, қисмҳои зеринро дар бар мегиранд[51]:

• иншооти нақлиётӣ ва анборӣ барои нигоҳдорӣ, якҷоя бо таҷҳизоти техникии худ, ки имкон медиҳад, вазифаҳои асосӣ – комплектконӣ ва декомплектконӣ, борпечкунӣ ва дигарро иҷро кунанд;

- шабакаи нақлиётӣ дар заминаи намудҳои нақлиёт: нақлиёти автомобилӣ - роҳҳо; роҳи оҳан ва вокзал; нақлиёти обӣ - бандарҳо ва истгоҳҳо; ҳавоӣ - фурудгоҳҳо, хатҳои алоқа; қубурӣ - магистралҳо;

• воситаҳои коркард ва интиқоли иттилоот бо барномаҳои мувофиқ.

Ҳангоми баррасии ИНЛ диққати махсус ба муайян намудани таркиби низоми нақлиётӣ ва логистикӣ дода мешавад. Бисёре аз олимон ва таҳқиқотчиён инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро: аз нуқтаи назари мураккабии хизматрасонии субъектҳо, дараҷаи ҳамгироӣ, фаъолияти истеъмолкунанда ва

---

[50] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры: монография/Р.К.Раджабов. - Душанбе: Ирфон 1999. - 187 с.

[51] Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240; Балалаев А.С., Леонтьев Р.Г. Транспортно-логистическое взаимодействие при мультимодальных перевозках: монография. М.: Изд-во УМЦ ЖДТ, 2012. 268 с.; Азимов П.Х. Управление эффективностью транспортно-логистической системы: методологические принципы // Вестник Марийского государственного университета. Серия Сельскохозяйственные науки. Экономические науки. 2018. № 2. -С. 97–105. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/upravlenie-effektivnostyu-transportno- logistiche skoysistemy-metodologichekie-printsipy; Миротин Л.Б., Гудков В.А., Зырянов В.В. и др. Управление грузовыми потоками в транспортно-логистических системах. -М.: Горячая линия-Телеком, 2012. -704 с.

агенти нақлиётию логистикӣ, ки ба субъектҳои функсионалӣ вогузор шудааст иштироки бевосита дар раванди муомилоти мол ва ғ. ҷой дорад тафсиф мекунанд[52] .

Баҳодиҳии ИНЛ дар дар асоси баҳодиҳии субъектҳои асосии он аз рӯйи аломатҳои зерин гузаронида мешавад: аз рӯйи номгӯйи хизматрасониҳои комплексии расонидашавандаи иштирокчиён (нақлиётӣ, иттилоотӣ, логистикӣ, ирсолӣ, суғуртавӣ, тиҷоратию ҳуқуқӣ); аз рӯйи таъиноти муайянкардашудаи интиқолдиҳандаҳо (операторҳо, анборҳо, брокерҳо, агентҳо) ва координаторҳои раванди нақлиётию логистикӣ; аз рӯйи дараҷаи интегратсия ва ҳамаҳангсозии фаъолияти нақлиётӣ -логистикӣ (миёнаравҳои логистикӣ, провайдерҳо - 3SPLs, 4PLs, SPLs).

Таҳлили равандҳое, ки дар ИНЛ ба амал меоянд аз зерсохторҳо иборат аст. Зерсохторҳо аз қисмҳои зерин иборатанд: миёнаравӣ, нақлиётӣ, анборӣ, таъминоти гумрукӣ, таъминоти молиявӣ, таъминоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, суғуртавӣ ва идораи хавфҳо. Бояд қайд намуд, ки дар бораи таркиби унсурӣ, субъективӣ ва зерсистемаи ИНЛ аз ҷониби муаллифон андешаҳои гуногун ба назар мерасанд. Аз нуқтаи назари соҳавӣ, ИНЛ зерсистемаи иқтисоди бозорӣ, як соҳаи истеҳсолоти моддӣ, қодир аст, ки ба фаъолияти соҳаҳои иктисодиёт таъсир расонад[53] .

Аз нуқтаи назари ҳатмии ҳудудӣ муаллифони гуногун таъсири назаррасеро, ки аз ҷониби ИНЛ расонида шудааст, таъкид мекунанд. Низоми азхудкунии ҳудудҳо ва самаранокии корхонаҳо аз фаъолияти ИНЛ ва омили фазоӣ рушди

---

[52] Нигар, дар ин ҷо.

[53] Благинин В.А. Ретроспективный анализ научных взглядов на понятие «транспортная инфраструктура региона» // Фундаментальные исследования. 2016. № 11-5. -С. 979–984; Булатова Н.Н. К вопросу формирования модели инновационно-ориентированного развития транспортной инфраструктуры региона // Вестник Забайкальского государственного университета. 2015. № 8. -С. 97–108. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/k-voprosuformirovaniya-modeli-innovatsionno-orientirovannogo-razvitiya-transportnoy-infrastrukturyregiona; Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240.

нақлиёт ва логистика дар маҷмӯъ вобаста аст[54]. Аз тарафи дигар аз нуқтаи назари мувофиқати ИНЛ ҳамчун маҷмӯи нақлиёт ва иншооти логистикӣ, гиреҳҳо барои ташкили ҳаракати борҳо дида баромада мешавад[55].  Инчунин аз ҷиҳати функсия, ИНЛ маҷмӯи низоми моддию техникӣ ва иттилоотӣ, таъмини иҷрои супоришҳои гуногун, вазифаҳое, ки ташаккули онҳо вазъи муҳити иқтисодӣ ва афзалиятҳои рушди стратегӣ вобаста аст дида мешавад[56]. Аз нуқтаи назари иштирокчиёни логистика ИНЛ ҳамчун раванд, низоми сохторӣ ва унитарӣ баррасӣ карда мешавад[57].

Натиҷаи фаъолияти ИНЛ маҳсулоти ғайримоддӣ мебошад, ки эҷоди он бо татбиқи ҳамкории зичи байниинфрасохторӣ алоқаманд аст. Дар маҷмӯ ақидаи олимонро дастгирӣ намуда мо ИНЛ-ро инфрасохтори нақлиётӣ ҳисоб мекунем ва онро ҳамчун пайванди асосии хоҷагии халқ, ба кори соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ таъсир мерасонад мешуморем. Ба ақидаи мо, рушди босамари ИНЛ асоси рушди иқтисодии ҳамаи соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар мегардад[58]. Бо назардошти ин ҷанбаҳои номбаршуда имкони таъсири ИНЛ имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои он, муайян карда шаванд[59]:

---

[54] Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240; Благинин В.А. Ретроспективный анализ научных взглядов на понятие «транспортная инфраструктура региона» // Фундаментальные исследования. 2016. № 11-5. С. 979–984.

[55] Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240;

[56] Кизим А.А., Мищенко Л.Я., Шевченко И.В. Особенности и тенденции организацииинвестиционных процессов в сфере развития транспортно-логистической инфраструктуры промышленности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2014. № 31. С. 2–16. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/osobennosti-i-tendentsii-organizatsiiinvestitsionnyh-protsessov-v-sfere-razvitiya-transportno-logisticheskoy-infrastruktur

[57] Нигар, дар ин ҷо.

[58] Булатова Н.Н. К вопросу формирования модели инновационно-ориентированного развития транспортной инфраструктуры региона // Вестник Забайкальского государственного университета. 2015. № 8. С. 97–108. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/k-voprosuformirovaniya-modeli-innovatsionno-orientirovannogo-razvitiya-transportnoy-infrastrukturyregiona.

[59] Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240; *Старостина У.Я.* Развитие сотрудничества России со странами Азии в области транспортно-логистической инфраструктуры // Российский внешнеэкономический вестник.

- мусоидат ба такмили дарозмуддат рушди иқтисодӣ (ҳамчун омили истеҳсолот, воситаи сиёсати саноатӣ, ҳавасмандгардонии афзоиши талабот ва ғайра) бо роҳи ташаккули низоми самарабахши алоқа;
- саҳм гузоштан ба раванди истеҳсолоти саноатӣ;
- ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва байналмилалӣ;
- рушди воҳидҳои ҳудудӣ ва дар маҷмӯъ кишвар;
- муайян намудани имкониятхои ракобатпазир ва таъсир ба сатҳи ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ (ММД, афзоиши арзиши арзиши иловашуда, афзоиши сармоягузориҳо ва ғ.);
- омили баланд бардоштани суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ;
- мусоидат ба рушди инноватсионӣ тавассути ҷалби пажӯишгоҳҳои илмӣ ва таҳкими технологии муосир бо назардошти баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ ҳамчун асоси фаъолияти босамари субъектҳхои наклиётӣ ва логистикӣ[60].

Дар ин раванд зарур аст, ки таҳлили принсипҳое, ки барои рушди ИНЛ ва хосиятҳое, ки имконияти таъсири онҳо аз тарафи олимони зиёде баррасӣ шудааст дида баромада шавад[61]. Аз тарафи дигар рушди глобалӣ ва тамоилҳои миллии

---

2015. № 4. С. 52–66. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/razvitie-sotrudnichestva-rossii-sostranami-azii-v-oblasti-transportno-logisticheskoy-infrastruktury; Романенкова О.Н. Организация информационных потоков в управлении логистикой на автомобильном транспорте // Экономика. Налоги. Право. 2014. № 5. С. 56–61. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/organizatsiya-informatsionnyh-potokov-v-upravleniilogistikoy-na-avtomobilnom-transporte; Соколов С.С., Карпина А.С., Гаскаров В.Д. Методы и модели построения защищенной системы электронного документооборота в транспортно-логистическом кластере // Вестник Астраханского государственного технического университета. Сер. Управление, вычислительная техника и информатика. 2016.№3.-С.40–52. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/metody-i-modeli-postroeniya-zaschischennoy-sistemyelektronnogo-dokumentooborota-v-transportno-logisticheskom-klastere.

[60] Болодурина М.П., Болодурина И.П. Интеллектуализация формирования и оценки инвестиционной привлекательности субъектов экономики: монография. Оренбург: Изд-во ОГУ, 2018. -165 с.

[61] Болодурина М.П., Мишурова А.И. Концептуальные основы формирования и развития транспортно-логистической инфраструктуры // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2019. – Т. 15, № 2. – С. 240 – 257. https://doi.org/10.24891/ni.15.2.240; Балалаев А.С., Леонтьев Р.Г. Транспортно-логистическое взаимодействие при мультимодальных перевозках: монография. М.: Изд-во УМЦ ЖДТ, 2012. 268 с.; Рауфи А. Транспорт в системе

прогресси илмию техникӣ дар бахшҳои иқтисодӣ (аз ҷумла нақлиёт ва логистика) имконият медиҳад, ки тараққиёти иқтисодиёти кишвар муайян карда шавад. Инчунин раванди интегратсияи ИНЛ зарурияти муайян намудани талаботро дар асоси баназаргирии принсипҳои асосии замонавӣ ва самарабахши ин инфрасохторро дида баромадан зарур аст[62].

Бояд қайд намуд, ки талаботҳо ва принсипҳое, ки барои коркарди ИНЛ бо дарназардошти самаранокии фаъолияти субъектҳо, ташаккулёбии таркиб, сифати батанзимдарорӣ ва инчунин принсипҳо муайян карда шудаанд диққат дода шавад.

Баррасии асосҳои консептуалии ташаккули ИНЛ имкон медиҳад, ки маҷмӯи вазифаҳои ба ҳам алоқамандро бо дарназардошти хизматрасониҳои зерин муайян карда шаванд[63]:

1. Нақлиётӣ (интиқолдиҳандагон):

---

рыночной экономики. Душанбе: Ирфон, 2002. -258 с.; Балалаев А.С., Леонтьев Р.Г. Транспортно-логистическое взаимодействие при мультимодальных перевозках: монография. -М.: Изд-во УМЦ ЖДТ, 2012. -268 с.

[62] Кизим А.А., Мищенко Л.Я., Шевченко И.В. Особенности и тенденции организации инвестиционных процессов в сфере развития транспортно-логистической инфраструктуры промышленности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2014. № 31. С. 2–16. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/osobennosti-i-tendentsii-organizatsiiinvestitsionnyh-protsessov-v-sfere-razvitiya-transportno-logisticheskoy-infrastruktur; *Азимов П.Х.* Управление эффективностью транспортно-логистической системы: методологические принципы // Вестник Марийского государственного университета. Сер. Сельскохозяйственные науки. Экономические науки. 2018. № 2. С. 97–105. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/upravlenie-effektivnostyu-transportno-logisticheskoysistemy-metodologichekie-printsipy

[63] Балалаев А.С., Леонтьев Р.Г. Транспортно-логистическое взаимодействие при мультимодальных перевозках: монография. -М.: Изд-во УМЦ ЖДТ, 2012. -268 с.; Азимов П.Х. Управление эффективностью транспортно-логистической системы: методологические принципы // Вестник Марийского государственного университета. Сер. Сельскохозяйственные науки. Экономические науки. 2018. № 2. С. 97–105. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/upravlenie-effektivnostyu-transportno-logisticheskoysistemy-metodologichekie-printsipy; Булатова Н.Н. К вопросу формирования модели инновационно-ориентированного развития транспортной инфраструктуры региона // Вестник Забайкальского государственного университета. 2015. № 8. С. 97–108. URL: https://cyberleninka.ru/article/v/k-voprosuformirovaniya-modeli-innovatsionno-orientirovannogo-razvitiya-transportnoy-infrastrukturyregiona; Болодурина М.П., Болодурина И.П. Интеллектуализация формирования и оценки инвестиционной привлекательности субъектов экономики: монография. Оренбург: Изд-во ОГУ, 2018. 165 с.; Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. -Душанбе: Ирфон, 2002. -258 с.; Болодурина М.П., Мишурова А.И. Информационное обеспечение цифровизации деятельности субъектов туристической отрасли // Экономический анализ: теория и практика. 2018. Т. 17. № 9. С. 1710–1728. URL: https://doi.org/10.24891/ea.17.9.1710.

• ба шабакаи нақлиёт мувофиқи мақсад дохил шудан ва кафолати сермаҳсули он фаъолият намудан;

• таъмини муттасилии алоқаҳои нақлиётӣ;

• ҳамгирой байни намудҳои гуногуни нақлиёт бо мақсади ҷорӣ намудани схемаҳои самарабахши боркашонӣ ва мусофиркашонӣ;

• оптимизатсияи раванди интиқол оид ба амсиласозии муасир, баланд бардоштани иқтидор ва ғайра;

• баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хизматрасонии нақлиётӣ бо назардошти кам кардани хароҷоти мусофиркашонӣ ва боркашонӣ;

• татбиқи раванди идоракунии интелектуалӣ ва бехатар.

2. Логистикӣ (операторҳои логистикӣ, анборҳо, терминалҳо):

• созмон додани механизми истифодаи иншооти ИНЛ ба манфиати ҳамаи субъектҳо;

• ташаккул додани схемахои таъминоти моддию техникии таҳвил бо назардошти ҳаҷми боркашонӣ, маҳдудияти таъминотӣ, сиёсати тарифӣ;

• бо назардошти хароҷоти умумии логистикӣ дар доираи сохторҳои логистикӣ ҷиҳати истеҳсол, маркетинг ва нигоҳдорӣ дар анбор ва ба амал баровардани хизматрасонии комплексии борҳо дар ҳама гуна қисмҳои таъминотӣ;

• ҳамкории мутақобилаи технологӣ ҳангоми интиқол ва коркарди борҳо;

• ҷорӣ намудани амсилаҳои нави тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ (иқтисодиёти муштарак, краудсорсинг ва ғайра);

• рақамикунонии бахши логистика ва таъсиси заминаи рақамии дохилии худи корхонаю ширкатҳо.

3. Ирсолӣ (экспедиторӣ) (брокерҳо, агентҳо, миёнаравҳо, экспедиторҳо):

• татбиқи миёнаравӣ дар равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ;

• хадамоти дастгирии ҳамаҷонибаи боркашонӣ, ки имкон медиҳад сари вақт борҳо расонида шаванд, оптимизатсияи хароҷот, тарифҳо ва пардохтҳо;

• таъминоти ҳуҷҷатии равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ;

• ташкили ҳамкорӣ бо ширкатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ҳангоми ҳамлу нақли борҳо ва мусофиркашонӣ;

• баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат бо назардошти иҷрои амалиёти борборкунӣ, борфарорӣ, қабули борҳо, реклама ва ғайра.

4. Суғуртавӣ (ширкатҳои суғурта, бонкҳо):

• идоракунии хавфҳои марбут дар раванди фаъолияти ИНЛ;

• таъмини интиқоли сари вақтии борҳо ва бехатарӣ;

• таъмини устувории фаъолияти низом ва унсурҳои инфиродӣ, иттилоотӣ (маълумотӣ системаҳо, ширкатҳои IT, миёнаравҳо);

• ташаккули низоми паёмӣ бо мақсади таъминоти иттилоотии фаъолияти ИНЛ;

• дурустии идораи ҷараёнҳои иттилоотӣ ва риояи воқеияти равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ;

• стандартизатсияи мубодилаи иттилоотӣ байни субъектҳо ва объектҳои ИНЛ;

• истифодаи ҳуҷҷатҳои муомилотӣ бо мақсади эҷоди фазои ягонаи иттилоотӣ;

• амсиласозӣ, дастгирии иттилоотӣ ва компютерӣ;

• татбиқи оптимизатсияи глобалии ҷараёни иттилоотӣ дар дохили низом;

• татбиқи ҳамоҳангсозӣ дар равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ ва оптимизатсияи фаъолият;

• ҳамгироӣ ба низоми ҷаҳонии нақлиёт ва логистика бо мақсади мубодилаи иттилоот дар сатҳи байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ.

• ташкили ҳисоббаробаркуниҳои молиявӣ байни субъектҳои низом ва таъмини амалиёти пурраи хизматрасонии бонкӣ, фаъолияти ширкатҳои фаъолияткунанда;

• татбиқи механизми сармоягузории стратегӣ барои фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ;

• таҳқиқот ва татбиқи фаъолияти маркетингӣ ҷиҳати пешбурди кори самараноки маҷмаи нақлиётӣ ва логистикии хизматрасонӣ;

• бақайдгирӣ ва дастгирии ҳуқуқии муомилот, инчунин расонидани машварати ҳуқуқӣ ва ҳалли баҳсҳо;

• татбиқи барномаҳои муштарак ва пешбурди сиёсати умумии давлатӣ дар соҳаи ИНЛ;

• амалӣ гардондани тадбирҳои ҳалли ташкилӣ ва ҳуҷҷати фиристодани борҳо миёни кишварҳо бо мақсади оптимизатсияи фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ.

Ҳамаи хизматрасониҳои қайдшуда аз фаъолияти ИНЛ вобаста аст. Дар раванди баррасии мундариҷаи ИНЛ субъектҳо, унсурҳо ва зерсохторҳо дида баромада шуда, асосҳои консептуалии ташаккулдиҳӣ бо назардошти муайян намудани равишҳо ба онҳо, талаботҳо, принсипҳо ва хосияту имкониятиҳои таъсир ба равандҳои иқтисодӣ баҳо дода мешавад.

Дар маҷмӯ зарур аст, ки ИНЛ бо назардошти ҷудо намудани таркиби сохтори он ва асосҳои консептуалии ташаккулёбӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, рушди босуръати маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, тағйир ёфтани талаботи ҷамъият, комёбиҳои илму техника вобаста аст. Ташаккул ва рушди ИНЛ барои раванди бомуваффақияти иқтисодии технологӣ шароит фароҳам оварда барои созмон додани иқтисодиёти рақамӣ ва  инноватсионӣ имконият медиҳад.

Пас аз таҳлил ва омӯзиши назарияҳои илмӣ, баёни ақида намудан мумкин аст, ки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ин системаи ҳамоҳангии намудҳои гуногуни нақлиёт (мусофир, бор ва ғайра), объектҳои сохторҳои нақлиётӣ (шабака ва роҳи оҳан) буда, вазифаи асосии он аз таъмини иҷрои вазифаҳои бортаъминкунӣ (марказҳои логистикӣ) ва мусофирон, нигоҳдорӣ ва интиқоли бор иборат аст. Инчунин ИНЛ як қатор зерсохторҳо, маҷмуи тамоми соҳаҳо ва корхонаҳои нақлиётиро дар бар гирифта, ҳамзамон интиқолдиҳӣ, нигаҳдорӣ ва таъмини иҷрои онҳоро таъмин месозад.

Дар маҷмуъ ИНЛ минтақа ҳамчун системаи иқтисодии он баррасӣ мешавад, ки барои ташкили оқилонаи амалиёти логистикӣ дар субъектҳои ҳудудӣ зарур мебошад. Инчунин он як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти имрӯза ва мавзуи рӯзафзуни  ҷолиб ва муҳим барои омӯхтани иқтисоди минтақа табдил ёфтааст ва

бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ зич алоқамананд, ки бо кӯмаки он ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои дигар таъсир расонида мешавад.

## 1.2. Омӯзиши асосҳои методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа

Рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҳар як минтақа таҳаввулоти бунёдии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро талаб менамояд. Дар ин раванд рушди ҳамлу нақли автомобилӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои нав таваҷҷуҳи мутахассисонро дар соҳаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ тақвият бахшид.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ нишон дод, ки ширкатҳои нақлиётӣ мустақиман аз рақобатпазирии фаъолияти онҳо вобастаанд. Барои нигоҳ доштани муштариёни мавҷуда ва ҷалб намудани муштариёни нав дар шароити мураккаби бозори муосир корхонаҳо маҷбуранд талаботи фармоишгарро иҷро кунанд ва дар сатҳи нисбатан баландсифат хизмат расонанд. Ҳангоми доштани иншоотҳои мураккаб, корхонаю ташкилотҳои бузург, иншооти сохтори нақлиётӣ ва логистикӣ мунтазам рушд мекунад ва дар муҳити рақобат дубора таҷдидро талаб мекунад. Бе инфрасохтори рушдёфтаи нақлиётӣ ва логистикӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода, рушд ва рақобатпазир будани чунин иншоотҳо ғайриимкон мебошад.

Принсипи асосии сиёсати нақлиётӣ танзими давлатӣ, маблағгузории давлатии ҷузъҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, «Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат танҳо аз ибтидои солҳои 2000-ум сар карда, мо ба марҳалаи рушд ворид шудем ва пешрафти босуботи иқтисодиёт, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардумро тавассути суръат бахшидани корҳои бунёдкорию созандагӣ ва татбиқи ислоҳоти фарогир дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намудем. Баъдан мо тамоми захираю имкониятҳо ва саъю талоши худро ба иҷрои вазифаҳои тибқи се ҳадафи стратегии миллӣ

пешбинишуда – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ сафарбар сохтем»[64].

Ба ақидаи профессор Раҷабов Р.К. «дар шароити иқтисоди бозорӣ зарур аст, ки ба сохтори нави назариявии моҳият, нақш, ҷой аҳамияти системаи нақлиёт барои тамаркузи кофӣ ба фаъолият, рушд ва тақсимоти эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеа ниёз дошта бошад. Самаранокии фаъолияти хоҷагии халқ на танҳо бо сатҳи рушд ва дараҷаи ҳамоҳангсозии кори соҳаҳои базисӣ ва истеҳсолоти моддӣ ва ғайриистеҳсолӣ муайян карда мешавад, балки аз пуррагӣ ва саривақт қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти онҳо ба маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои хизматрасонии нақлиёт, алоқа ва ғайра муайян карда мешавад. Дар рушди ҳар як қаламрав инфрасохтори нақлиётӣ бояд шароити муътадилро барои фаъолият ва рушди соҳаҳои асосии истеҳсолот кафолат диҳад ва истифодаи самараноки иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии минтақаро таъмин намояд. Сарфи назар аз тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии минтақа ҳар як қаламрав бояд як ҷузъи дигари рушд, коммуникатсияи кофӣ ва дигар унсурҳои онро дошта бошад, зеро дастгоҳҳои асосӣ ва доимӣ натанҳо шароити фаъолияти ин бахши иқтисодиёт (нақлиёт) мебошанд, балки омили муҳим дар рушд ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда мебошанд. Ташаккул ва рушди системаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои асосии рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар марҳалаи кунунӣ, аз тарафи дигар, вазъи сиёсии дохилии кишвар, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки мустақиман ба татбиқи манфиатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва геополитикии давлат ва таъмини онҳо боэътимод нигаронида шудаанд, хеле таъсиргузор аст»[65]. Ҳамин тавр, нақши махсуси комплекси нақлиётӣ дар таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз баъзе хусусиятҳои хоси давлат дар кишвар вобастагӣ дорад, аз ҷумла, хусусиятҳои релефи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

[64] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 22 декбри соли 2016.// Сомонаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.President.tj.

[65] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан) // Авторев. Дис. …д.э.н. – Душанбе, 2000. – 46 с.

қаторкӯҳҳое, ки аз болои водиҳо, хамию пушта, дараҳо ва релефи буриши якдигарро доранд, хос мебошад;

– мавҷудияти захираҳои табиӣ, ки дар атрофи он ҷойгир аст, аз маркази иқтисодии ҷумҳурӣ дур буда, сабаби рушд накардани онҳо боиси сарзамини кӯҳӣ будани он мебошад;

– рушди нобаробарии минтақаҳои он натанҳо аз пойтахт, балки аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зеро инфрасохтори нақлиётии рушднаёфта дар тӯли солҳои дароз (то соли 2015) имкон намедод, ки дар давоми сол минтақаҳои шимолу ҷануб, ҷанубу шарқ ба ҳамдигар пайваст шаванд»[66].

Бо дарназардошти ин хусусиятҳо мо имкон дорем, ки мазмуни вазифаҳои ҳаллу фаслшаванда, инчунин нақши комплекси нақлиётӣ ва амнияти нақлиётро дар таъмини манфиатҳои миллӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон пурра дарк намоем.

Сиёсати нақлиёт дар ҳама кишварҳо яке аз муҳимтарин унсурҳои стратегии миллӣ ба ҳисоб меравад ва худи нақлиёт, одатан таҳти назорати доимии давлат қарор дорад.

Иқтисоди бозорӣ бо як қатор номутавозунии ҷиддии соҳаҳо ва норасоии шадиди захираҳо (алалхусус молиявӣ), ноустувории аз ҳад зиёди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ тавсиф карда мешавад[67]. Вобаста ба ин, нақш ва талабот ба омори давлатӣ, холисона ва амиқи фарогирии объектҳои назоратӣ, сифати иттилоот ва ғайра меафзояд.

Инфрасохтори нақлиётӣ як шабакаи марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ аст, ки маҷмуи анборҳо, минтақаҳои терминалиро барои мақсадҳои гуногун, марказҳои иттилоотӣ ва компютерӣ, майдончаҳои контейнерӣ, шабакаҳои муҳандисӣ ва дигар механизмҳо, ки муттаҳидшавии ҷараёнҳои интиқол, интиқоли онҳо ба нақлиёти ҷамъиятӣ, иттилоотӣ, молиявиро дар бар мегирад. Инчунин дигар

---

[66] Джумаев, Д.Д. Проблемы комплексного развития пассажирского автомобильного транспорта Таджикской ССР [Текст] / Д.Д. Джумаев. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 224 с.

[67] Шадиян М.Г. Механизм реализации национальных интересов по обеспечению экономической безопасности в федеральном округе: автореф. дис....к.э.н. [Текст] Шадиян Макар Гарибович – Ростов-на-дону, 2003. – 28 с.

хизматрасониҳои нақлиётӣ, тақсимот ва ташкили таҳвили молҳо бар марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ ва аз он ҷо ба борқабулкунанда, масъалаҳои умумии идоракунии инфрасохтори логистикӣ парки автомобилҳои худӣ, таҷҳизотҳои истифодашаванда ва таъмирталаб буда, роҳҳо ва гузаргоҳҳои дохилӣ, масалан анборҳо; иншоотҳо ва биноҳои нигаҳдорӣ, истеҳсолӣ ва коммуникатсионӣ); идоракунии иншооти нақлиётии худӣ, кори ҳайати ҳаракаткунанда дар хатти нақлиёт (хадамоти диспетчерӣ ва шуъбаҳои банақшагирии хатсайрҳодохил мешаванд[68].

Аслан панҷ намуди асосии нақлиёт мавҷуданд: автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсия, қубурӣ ва баҳрӣ. Ҳар як намуди нақлиёт хусусиятҳо, бартариятҳо ва нуқсонҳои худро доранд. Нақлиёти роҳи оҳан миқдори зиёди молҳоро интиқол медиҳад. Бартарии роҳи оҳан дар он аст, ки он миқдори зиёди борҳоро ба масофаҳои дур ба таври арзон интиқол медиҳад. Аммо хусусиятҳои релефи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодаи пурраи ин навъи нақлиёт имкон намедиҳад. Нақлиёти ҳавоӣ нисбат ба нақлиёти роҳи оҳан, обӣ ва қубурӣ хараҷоти доимии камтаринро доро аст. Хароҷоти муқарраршудаи нақлиёти ҳавоӣ хариди ҳавопаймо ва таҷҳизоти махсусро дар бар мегирад. Ба хароҷоти тағйирёбанда нархи сӯзишворӣ, нигаҳдории ҳавопаймо ва маоши кормандон дохил мешавад.

Нақлиёти қубурӣ барои кашидани нафт ва маҳсулоти нафтӣ, гази табиӣ ва моеъҳои кимиёвӣ пешбинӣ шудааст. Нақлиёти қубурӣ шабонарӯзӣ бо танаффуси ивази насосҳои маҳсулоткашанда кор мекунанд. Қубурҳо дар хароҷоти ибтидоӣ баландтарин ва дар натиҷаи ба кор шурӯъ намудан бо хароҷоти камтарин тавсиф карда мешавад. Нақлиёти қубурӣ арзиши бузурги аввалия ва хароҷоти зиёд барои насби қубур доранд ва онҳо тақрибан бе иштироки омили инсонӣ кор мекунанд. Камбудии ҳамлу нақли қубурӣ якранг будани ҳамлу нақли борро дар бар мегирад. Азбаски қубурҳо дар як ҳафта ҳафт рӯз новобаста аз обу ҳаво мустақил кор мекунанд, усули боэътимоди нақлиёт мебошанд[69].

---

[68] В.С. Лукинский, В.И. Бережной и др. Логистика автомобильного транспорта: Учебное пособие для вузов - М.: Финансы и статистика, 2004. – 366 с.

[69] Катаев А.Х., Кабинов В.А. Транспортный рынок. – Душанбе, 1995. – 188 с.

Нақлиёти автомобилӣ аз ҳама осонтар аст, зеро нақлиёт аз ҷои фиристодан амалӣ мешавад ва ба дари хона расонида мешавад. Самти асосии такмили фаъолияти нақлиёти автомобилӣ рушди системаи инноватсионии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои бозорӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои кишвар мебошад.

Интихоби намуди нақлиёт дар асоси шаш омили асосӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ҷадвали 1.2 баҳои намудҳои гуногуни нақлиёт нишон дода шудаанд, ки баҳои беҳтарини бо 1 ифода ёфтааст.

**Ҷадвалт 1.2. Баҳои намудҳои гуногуни нақлиёт бо назардошти шаш омили асосӣ**

| Омилҳҳои муайян-кунанда / Намуди нақлиёт | Муҳлати расони-дани бор | Зуддии гуселку-нонии бор | Эътимод-нокии риоя намудани реҷаи интиқоли бор | Имконияти кашонида тавонистани борҳои гуногун | Имконияти ба нуқтаҳои гуногун расонидани бор | Арзиши борка-шонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Роҳи оҳан | 3 | 4 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| Обӣ | 4 | 5 | 4 | 1 | 4 | 1 |
| Автомобилӣ | 2 | 2 | 2 | 3 | 1 | 4 |
| Қубурӣ | 5 | 1 | 1 | 5 | 5 | 2 |
| Ҳавоӣ | 1 | 3 | 5 | 4 | 3 | 5 |

**Сарчашма:** Бобоев, О.Б. Маркето логистика (Логистикаи бозор) [матн] / О.Б. Бобоев. Воситаи таълимӣ – Душанбе – 2012. – 252 с. с.85.

Профессор О. Бобоев чунин мешуморанд, ки баҳодиҳии мумийизӣ собит намудааст, ки аз ҳама бештар дар интихоби намуди нақлиёт аз омилиҳои зерин истифода мебаранд:

1. Эътимоднокии риоя намудани реҷаи интиқоли мол;
2. Муҳлати расонидани бор;
3. Арзиши боркашонӣ.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳои ҷадвали 1.2. имконият медиҳанд, ки ба тарзи тахминӣ вобаста ба шароитҳои боркашонии ин ё он намуди нақлиёт, пас аз

он ки бо ҳисобҳои саҳеҳи иқтисодӣ асоснок карда шавад, интихоб карда мешаванд[70].

Қисми ҷудонашавандаи системаи нақлиёти минтақавӣ бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ мебошад. Яке аз хусусиятҳои бозори хизматраонии нақлиётӣ шарти пешрафти суръати рушди он мебошад.

Катаев А.Х. ва Кабинов В.А. чунин мешуморанд, ки «ҳангоми муайян кардани бозори нақлиёт ду равиш дода мешавад: классикӣ (маҳдудӣ) ва муосир (умумӣ). Усули аввал бозори нақлиётро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунад, ки пешбурди мол ва хизматрасониро аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда назорат мекунад. Муносибати дувум, бозори нақлиёт ин равандест, ки тавассути он талабот ба молу хизматрасонӣ тавассути рушд, пешрафт ва пешгӯйи бозори нақлиётӣ васеъ ва қонеъ карда мешавад». Қобили қайд аст, ки дар мавриди ин равишҳо барои муайян кардани бозори нақлиёт ихтилофи назар мавҷуд аст. Ба қавли Нестеров С.Ю. Бозори хизматрасонии нақлиётӣ инчунин бояд фаъолиятҳои ғайритиҷоратии бозори нақлиётро дар бар гирад[71]. Муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки бозори хизматрасонии нақлиётӣ бояд бо фурӯши маҳсулот робита дошта бошад ё бо таҳқиқоти маҳдуд ба ниёзҳо ва хоҳишҳои иқтисодӣ ё мушаххасот ва истифодаи самараноки намудҳои нақлиёт, инчунин патрулизми давлатиро дар бозори нақлиёт дар бар гирад[72]. Ҳамроев Ф.М. чунин меҳисобад, ки «вазифаи бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ на танҳо зиёд кардани таъминот, балки кӯшиш кардан ба талабот ҷавобгӯ будани он аст. Ба ақидаи у, таъриф бояд чунин ҷанбаҳои иҷтимоӣ, аз қабили экологӣ, ахлоқӣ ва бехатарии маҳсулот ё хидматҳои иҷрошаванда, инчунин мувофиқи мақсад будани ин миқдор корро дар бизнес-нақшаи ширкатҳои нақлиётӣ фаро гирад. Илова бар ин, ҳангоми муайян кардани консепсияи бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ, фаъолияти ташкилотҳои

---

[70] Бобоев, О.Б. Маркето логистика (Логистикаи бозор) [матн] / О.Б. Бобоев. Воситаи таълимӣ – Душанбе – 2012. – 252 с. с.85.

[71] Нестеров С.Ю. Управление и организация грузоперевозок автотранспортным логистическим предприятием. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2010. – 184 с.

[72] Алибеков Б.И. Логистика грузовых перевозок региональных транспортных систем: моделирование и управление. – Ростов-на-Дону: РГУПС, 2010. – 179 с.

наклиётии ғайритиҷоратӣ ё бозори ғояҳо ва хидматҳо бояд дохил карда шавад»[73]. Ба ақидаи Амонуллоев И.А. «Бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ пешгӯӣ, идоракунӣ ва қонеъгардонии талабот ба молҳо, хадамоти нақлиётии корхонаҳо ва созмонҳо, аҳолӣ, ҳудуд, инчунин ғояҳо тавассути иҷрои хадамоти нақлиётӣ ва экспедитсия мебошад»[74]. Бо дарназардошти ақидаҳои дар боло овардашуда гуфтан мумкин аст, ки бозори хизматрасонии нақлиётӣ худро ҳамчун харидор ва фурӯшандаи хидматрасонӣ ва мол, инчунин интиқолдиҳандаи молҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар нишон медиҳад. Инчунин бозори хизматрасонии нақлиётӣ як ҳалқаи пешбар дар тиҷорати хориҷии молҳо мебошад.

Мол мустақиман аз фурӯшанда ба харидор гузашта наметавонад, аз ин рӯ, барои интиқоли онҳо баъзе амалҳои миёнараве пайдо мешаванд, ки ҳамчун бахши мустақили хидматрасонӣ – амалиётҳои нақлиётӣ аз ҷониби ташкилотҳои нақлиётӣ ва логистикӣ анҷом дода мешаванд.

«Бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ пештар аз дигар бозорҳои ҳизматрасонӣ, ки бо накши он дар рушди савдои ҷаҳонӣ робита доранд, пайдо шуда буд. Дар ин ҳолат, нақлиёт интиқоли предметии амалиёти нақлиётиро байни ду ва зиёда давлатҳо таъмин мекунад. Дар натиҷа, бозор ба таври фавқулодда рушд кард ва васеъ шуд, хусусан дар давраи инқилоби нақлиётии солҳои 60-80-ум асри XX. Дар солҳои 90-ум вай суръати муътадили афзоишро идома медиҳад»[75].

Баъзе муаллифон бозори хизматрасонии нақлиётиро ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадаф баррасӣ мекунанд: тақсимоти оптималии захираҳои нақлиётӣ[76]. Муаллифони дигар бозори хизматрасонии нақлиётиро ҳамчун системаи

---

[73] Ҳамроев Ф.М. Организационно-экономические основы функционирования и развития рынка транспортных услуг в Республике Таджикистан: автореф.дис....к.э.н. [Текст] / Ф.М. Хамроев,– Душанбе, 2007. - 26 с.

[74] Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах Республики Таджикистан) // дис. ... к.э.н. – Душанбе, 2017. - 174 с.

[75] Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах Республики Таджикистан) // Дис. ... к.э.н. – Душанбе, 2017. - 174 с. С. 40.

[76] Чумаков В.Б. Организация система транспортного обслуживания населения в неопределенных условиях формирования регионалного рынка автомобилных перевозок пассажиров // Монография. – Ставрополь: АГРУС, 2013. – 190 с.

мураккаби бисёрҷонибаи иқтисодии мубодила мебинанд[77]. Персианов В.А. чунин мешуморад, ки «Бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ маҷмуи харидорон ва фурӯшандагони воқеӣ ва эҳтимолӣ дар бораи мубодилаи хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ мебошад»[78]. Муаллиф қайд мекунад, ки «бозори хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиётӣ ин пешгӯӣ, идора ва қонеъ кардани талабот ба мол тавассути амалисозии хадамоти нақлиётӣ, экспедитсия ва хизматрасониҳои техникӣ мебошад»[79]. Хоҷаев П.Д. қайд мекунад, ки «бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ соҳаи фурӯши хизмтрасониҳои нақлиёти автомобилӣ барои ҳаракати мусофирон ва дороиҳои моддӣ мебошад, ки бо аломатҳои муайяни истеҳсолӣ ё истеъмолӣ алоқамандан д»[80]. Бичков В.П. ишора кардааст, ки фаъолияти бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ҳамчун марҳалаи нигаҳдории муносибатҳои бозоргонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои натанҳо хосиятҳои дар боло зикршудаи хизматрасонии нақлиётӣ ҳамчун маҳсулот ва шаклҳои додашудаи ташкили бозор, балки инчунин хусусиятҳои ташкили истеҳсолоти нақлиётӣ асос ёфтааст:

– мавҷуд набудани маҳали мушаххаси фурӯш ва истеҳсоли хизматрасонӣ дар вақт ва фазо, ки дар он метавон муомилоти хариду фурӯшро анҷом диҳад, бинобар он, номукаммалии хидмати нақлиётӣ ва хусусиятҳои истеъмолии он ҳангоми истеҳсол мебошад. Гарчанде ки барои бозори хизматрасонии нақлиётии минтақавӣ тавассути шабакаҳои нақлиётӣ маҳдуд аст;

– ҳаҷми истеҳслолот (онҳо ҳамеша ба ҳаҷми фурӯш баробаранд) хизматрасонӣ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти моддӣ баробар нестанд, зеро бо ёрии

---

[77] Жуков Е.А. Транспортный комплекс в структуре народного хозяйсва (вопросы теории и практики) // Монография. – М.: Наука, 1990. - 160 с.

[78] Персианов В.А. Глобализция экономики и транспорт // Бюлетень транспортной информации. - М., 2011. - №2, - с. 31..

[79] Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и проблемы развития: монография. - Душанбе: “Дониш”, 2007. – 544 с.

[80] Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы: монография [Текст] / *П.Д. Ходжаев* – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 406с.

нақлиёт ҷараёни маҳсулоти истеҳсолӣ ба амал меояд. Ин бо такрори ҳамлу нақли якхелаи борҳо вобаста аст;

– пардохт барои корҳои иҷрошуда, одатан аз қабули муштарӣ аз хидматҳои иҷрошуда бармеояд. Ин хусусият ба бисёр соҳаҳои татбиқи хидматрасонӣ хос аст, на танҳо ба нақлиёт. Дар мувофиқа бо мизоҷон нақшаҳои қисман пешпардохтро истифода бурдан мумкин аст. Дар ҳолати ноустуворӣ, корхонаи хизматрасонӣ 100% пешпардохтро ҳамчун кафолати пардохт барои иҷрои хизматҳо дар маҷмуъ талаб мекунад. Илова ба номуназзамии талаботи пешпардохт инчунин зарурати омода кардани воситаи нақлиёт барои интиқол (хариди сӯзишворӣ, омодасозӣ ва нигоҳдорӣ) ва додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ (иҷозатномадиҳӣ, сабти фаъолият, таҳияи ҳуҷҷатҳои интиқол, гирифтани иҷозат барои ҳаракат ва ғайра);

– муомилоти маблағҳо ва пулҳо дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ аз муомилот дар бозорҳои ҷузъҳои истеҳсолӣ, молҳои истеъмолӣ ва бозорҳои молиявӣ фарқ мекунад. Дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ формулаи муомилот дар намуди (Д - Д′), барои бозорҳои дигар бошад, дар намуди (Д - Т - Д′) нишон дода шудааст.

– дар баробари танзими давлатӣ дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ муҳити рушдкардаи рақобатпазир, нархгузории озод, шароитҳои мухталиф барои бастан ва амалӣ намудани амалиётҳо – унсурҳои потенсиалии худидора мавҷуданд. Мавҷудияти танзими давлатии ин соҳа аз муҳиммияти стратегии нақлиёт, дар маҷмуъ барои иқтисодиёт вобаста аст. Нархгузории озод худтанзимкунандаи рушд аст. Аз ин рӯ, бозори хизматрасонии нақлиётӣ дорои шаклҳои омехтаи муносибатҳои бозоргонӣ мебошад;

– вобастагии бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва шартҳои рушди он аз ҳолат ва рушди бозорҳои молӣ аз муҳити беруна;

– зарари экологӣ аз фаъолияти нақлиёт нисбат ба дигар навъи маҳсулоти моддӣ якчанд маротиба зиёдтар аст, ки он инчунин зарурати танзими бозор, шумораи истеҳсолкунандагони хизматрасонии нақлиёт, ҷорӣ намудани

стандартҳо ва талабот ба сифат ва шароити фаъолият ва маҳдудиятҳои дигарро муайян менамояд[81].

Рушди саноати нақлиёт калиди рушди иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ рушди иқтисоди кишвар мебошад. Аз ин рӯ, мавқеи муҳим пайдо кардани мушкилот дар соҳаи нақлиёт бо истифода аз василаҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ мебошад. Ҷузъҳои муҳимми амсилаи статистикии бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ талабот ва пешниҳод мебошанд. Ҳиссаи хароҷоти нақлиётӣ бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот сатҳи тарифҳоро муайян мекунад.

Дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ проблемаҳои ҷойгирӣ, сохтори бахшҳои иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудаанд. Сатҳи тарифҳо ба муҳити тиҷорат таъсир расонида, барои рушди иқтисодии минтақаҳои кишвар шароити мусоид фароҳам меорад. Арзёбии самаранокии нақлиёти минтақавӣ боиси таваҷҷуҳи махсус мебошад.

Бозори хизматрасонии нақлиётӣ яке аз қисмҳои динамикии ҷаҳон мебошад. Рушди иқтисодӣ бо афзоиши босуръати бозори нақлиёт, хизматрасонии экспедиторӣ ва логистикӣ ҳамроҳ мебошад. Тағйирот дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон ҳоло ногузир аст ва пеш аз ҳама, навсозии фаврии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ зарур аст. Яке аз вазифаҳои таъхирнопазир таҳкими ҷанбаҳои минтақавӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ буда, ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 комилан мувофиқат мекунад. Он натанҳо татбиқи лоиҳаҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, балки рушди ҳамоҳангӣ ва ташкили ҳамкориҳои байни намудҳои гуногуни нақлиёт ва истифодабарандагони хидмати нақлиётӣ аст. Инчунин дар ин давра бояд долонҳои нақлиётӣ ва марказҳои ягонаи нақлиётӣ фаъолона рушд карда шаванд.

Асоси баҳодиҳӣ ба самаранокии системаи нақлиёти минтақавӣ нишондиҳандаҳои истифодабарии техникӣ ва кори системаи нақлиётӣ, нишондиҳандаҳои таъминоти нақлиётӣ дар минтақа мебошанд. Аммо интихоби

---

[81] Бычков В.П. Предпринимателская деятелность на автомобильном транспорте. – СПб.: Питер, 2004. – 448 с.

оптималии намуди нақлиёт бо истифодаи гурӯҳҳои нишондаҳандаҳо сурат мегирад , ки ин нишондиҳандаҳо аз инҳо иборатанд: нишондиҳандаҳое, ки сатҳи истифодаи пойгоҳи моддию техникии системаи нақлиёти минтақавиро арзёбӣ мекунанд; нишондиҳандаҳои ҳамлу накл ва интиқол; фаъолияти корӣ; иқтисодӣ ва молиявӣ; таъминоти нақлиётӣ.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ, ки сатҳи рушди системаи нақлиёти минтақаро тавсиф мекунад, нишондиҳандаи дастрасии ҳамгироишудаи нақлиёт мебошад. Ин нишондод дар вақти интиқол додани молҳо дар як қаламрави муайян чен карда мешавад. Нишондиҳандаи дастрасии ҳамгироишудаи нақлиёт индикаторҳои шабакаи роҳро, ба мисли коэффитсиентҳои Энгел, Успенский, Весилевский, Голтс, Румянсева ва дигарон пурра мекунад.

Ин коэффитсиентҳо барои минтақаҳои гуногун дорои арзиши гуногуни танзимкунанда ва воқеӣ мебошанд ва бо дарназардошти фарқиятҳо дар системаи нақлиёти минтақавӣ фарқ мекунанд.

Меъёри интиқоли бор бо дарназардошти он ҳисоб карда мешавад, ки ронанда бояд ба нуқтаи дурдасти роҳ расад ва дар давоми рӯз баргардад. Меъёри ин нишондиҳанда сифати хизматрасонии нақлиёти автомобилиро кафолат медиҳад. Чунин ҳолати системаи нақлиётии минтақавӣ, ки стандарти нишондиҳандаи дастрасии ҳамгироишудаи нақлиётро таъмин мекунад, барои минтақа оптималӣ ҳисобида мешавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки самарабахшии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ сатҳи кори онро инъикос намекунад, зеро он дар дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ зоҳир мешавад.

Нишондиҳандаи дигари рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ мебошад, ки тавассути таносуби ҳиссаи шахсони ба ин кор ҷалбшуда ба ҳиссаи шахсони дар ин самт фаъолиятдошта дар тамоми кишвар муайян карда мешавад.

Як гурӯҳи муаллифон чунин мешуморанд, ки барои муайян кардани дараҷаи рушд ва истифодаи потенсиали маҷмуи инфрасохтор усулҳои баҳодиҳии ҳолат ва фаъолияти он пешниҳод карда мешаванд, ки миқёси самараи иқтисодии марбут ба

фаъолияти онро муайян мекунанд. Таҳлили истифодаи ин усулҳо дар арзёбии ҳолат ва фаъолияти инфрасохтори истеҳсолшуда нишон медиҳад, ки онҳо бояд ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаҳои ҳамгироии сатҳи рушд ва истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ низ истифода мешаванд[82]. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили сарчашмаҳо, мо як ҷадвали системаи нишондиҳандаҳоро, ки барои арзёбии самаранокии инфрасохторҳои нақлиётии минтақавӣ истифода мешаванд, тартиб додем замимаи 1.

Усулҳои пешниҳодшуда ба мо имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва параметрҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавиро муайян кунем, ки ба хизматрасонии босифати нақлиётӣ мусоидат мекунад.

Тақсимоти оқилонаи маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва фаъолияти самарабахши онҳо бештар аз омили нақлиёт вобастаанд. Такмили нақшаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои байнисоҳавӣ ба такмили фаъолияти бахшҳои иқтисоди миллӣ таъсири назаррас доранд.

Мавҷудият ва дастрасии захираҳои табиӣ, тақсимоти иҷтимоии меҳнат тақвият ёфтан, истеҳсолоти иҷтимоӣ самараноктар гардидан ва робитаҳои иқтисодии байни минтақаҳо ва кишварҳои ҳамсоя наздиктар шудан аз ҳолат, рушд ва фаъолияти хуби инфрасохторҳои нақлиётӣ вобаста аст. Рушди соҳаи нақлиёт ба дастгирии тиҷорати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ мусоидат мекунад, ки яке аз вазифаҳои асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва транзити байналмилалӣ мебошад.

Ба ақидаи Раҷабов Р.К., нақлиёт ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи маҷмуи инфрасохтори иқтисоди миллӣ бо дарназардошти хусусиятҳои худ ба иқтисодиёти минтақа таъсири гуногун дорад:

1. Ҳадафи асосии функсияи комплекси нақлиётӣ ҳамчун унсури инфрасохтори истеҳсолӣ бояд ташкили шароити умумии истеҳсолот ба назар гирифта шавад;

[82] Белоусова Н.И., Вишнякова Е.А., Лившиц В.Н. Системный анализ инфраструктуры как элемента народного хозяйства. – М.: ВНИИСИ 1981. – 62 с.

2. Комплекси нақлиётӣ қариб бо тамоми фаъолияти иқтисодии хориҷии хоҷагии халқ робитаи зич дорад ва мустақиман барои аҳолии минтақа вазифаи иҷтимоӣ дорад;

3. Яке аз хусусиятҳои асосии системаи нақлиёти минтақа сатҳи пасти намоёни он мебошад;

4. Дар минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққиёфта комплекси нақлиётӣ на танҳо як провайдери хидматрасон дар ин қаламрав аст, балки як истеъмолкунандаи бузурги молҳо ва хидматрасониҳо дар минтақа мебошад;

5. Мавҷудияти самараи иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ аз ҷойгиршавии зич ва рушди ҳамаҷонибаи инфрасохтори нақлиётӣ ва дигар унсурҳои маҷмуи инфрасохтор аст;

6. Ба ғайр аз таъсири мусбати инфрасохтори нақлиётӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири манфӣ низ имконпазир аст;

7. Иншоотҳои инфрасохтори нақлиёт бо давраи тӯлонии бунёд ва созмони иқтидорҳои иншоот, инчунин зичии зиёд ва мухлати баргардонии онҳо хос мебошанд;

8. Фаъолияти дуру дароз, тарзи динамикии кор бо сарбории нобаробари маблағҳои инфрасохтори нақлиёт захираҳои назаррасро талаб менамояд[83].

Ҳамин тавр, дар раванди танзими давлатӣ хизматрасонии босифати нақлиётӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳим барои фаъолияти самараноки иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Гузариш ба ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дар асоси принсипҳои нави бозор зарурати тағйир додани нуқтаи назарро дар бораи нақши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дар рушди минтақаҳо тақозо карда, ба як қатор мушкилоти нав ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ боис гардид.

Ба самтҳои асосии рушд ва такмили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ метавон нисбат дод:

---

[83] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры. - Душанбе: «Ирфон», 1999. - 187 с.

– рушди милликунонӣ ва хусусикунонии объетҳои инфрасохторҳои нақлиётӣ, инчунин заминаи моддию техникии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дар шароити бозор;

– рушди системаи идоракунӣ ва шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар системаи нақлиёти минтақавӣ;

– банақшагирии стратегӣ ва назорат аз болои фаъолияти объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, маблағгузории нақшаҳои рушди он;

– такмили маркетинг ва инноватсия системаи нақлиёти минтақавӣ, ташкили корхонаҳои инноватсионии нақлиётӣ ва корхонаҳои фурӯши нақлиёт;

– таъмини рушди устувори муносибатҳои байнисоҳавӣ бо кишварҳои хориҷӣ, ташкили долонҳои нави нақлиётӣ.

– ташкили кафедраҳои логистикаи нақлиётӣ дар донишгоҳҳои минтақаи вилояти Хатлон;

– омӯзонидан ва ҷалб намудани занону духтарон барои рондани автомобилҳои ҷамъиятии байнишаҳрӣ.

Ҳамин тариқ, дар таҳияи масоили рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда бояд масъалаҳои зикршуда ва мушкилоти рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дохил карда шаванд. Рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкили минтақавии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ баҳисобгирии ҳатмӣ ва ҳалли мушкилоти зикршударо талаб мекунад.

## 1.3. Хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ

Тавре ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ба ҷаҳиши босифат дар соҳаи нақлиёт танҳо тавассути истифодаи технологияҳои нав ҷиҳати таъмини равандҳои нақлиётӣ, ки ҷавобгӯи талаботи муосир ва стандартҳои олии байналмилалӣ, аз ҷумла тавассути тавсеаи тафаккури логистикӣ ва принсипҳои логистикӣ мебошанд. Вазифаи муосири интиқол дар системаи хизматрасонии логистикӣ чунин эълон карда шудааст «расонидани маҳсулот бо сифати дуруст ва миқдори зарурӣ дар вақти муайян ва бо нархи муносиб».

Чунон, ки профессор Рауфӣ Абдуғаффор қайд намудаанд, муҳимтарин воситаи иртибот байни минтақаҳо нақлиёт аст, ки амнияти иқтисодӣ ва якпорчагии ҳар як минтақаро таъмин менамояд. Дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозор дар назди минтақаҳо мушкилот ва вазифаҳои наве пайдо мешаванд, ки пештар вуҷуд надоштанд ва дар ҳалли онҳо нақлиёт роли калон мебозад[84].

Интиқол ҷузъи муҳимми раванди логистика ва идоракунии занҷираи таъминот аст: дар сохтори хароҷоти логистикӣ хароҷоти нақлиёт 20 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, муносибгардонии қарорҳои самарабахши идоракунии логистикӣ дар соҳаи ҳамлу нақл ва татбиқи хизматрасониҳои логистикӣ дар соҳаи инноватсия ва менеҷменти логистика имкон медиҳад, ки камтарин хароҷоти назаррасро ба даст оранд.

Пеш аз он, ки хусусият ва мушкилоти рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар қаламрави вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоем, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ ба монанди кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон Федератсияи Россия, Хитой, ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Аврупои ғарбиро, ки истифода аз кадом воситаҳо ва механизмҳо намудаанд, таваҷҷуҳи хосса доданро зарур мешуморем.

«Тибқи индекси LPI (Logistic Performance Index – Индекси самаранокии логистикӣ), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ҳисоб карда шудааст, дар соли 2016 Россия фавран 9-зина поён рафта, мақоми 99-умро ишғол намуд, ки дар қатори пешсафони рейтинг баъд аз Олмон, ИМА, Шветсия, Гонконг мебошад»[85].

Пеш аз ҳама, мо хароҷот барои рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикиро дар кишварҳои хориҷӣ дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунем. Бояд қайд кард, ки чи тавре, ки 26 декабри соли 2019 дар Паёми

---

[84] Рауфи Абдуғаффор Региональные проблемы развития транспорта в системе рыночной экономики Татжикистана: автореф. док...к.э.н. [Текст] / Рауфи Абдуғаффор – Москви, 2008 г. 43 с. с. 13

[85] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид, оварда шудааст: «Имрӯз дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст»[86].

«Тибқи маълумоти DVZ (Deutsche Verkehrs-Zeitung – Рӯзномаи ҳаракати Олмон) арзиши бозори ҷаҳонии логистика дар соли 2018 9,25 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад»[87].

Беш аз панҷяки бозори ҷаҳонӣ ба Чин рост меояд. DVZ хароҷоти умумии логистика дар Ҷумҳурии мардумии Чинро дар соли 2018 1,94 триллион доллар ҳисоб мекунад. ИМА бошад, дар ин сатҳ ҷойи дуюмро ишғол мекунад, ки хароҷоти он 1,64 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Пас аз зинаи сеюм то панҷум – мутаносибан Ҷопон (423 миллиард доллар), Ҳиндустон (353 миллиард доллар) ва Олмон (352 миллиард доллар) мебошанд. Яъне мавқеи сеюм аз ҷойи аввал тақрибан 5 маротиба фарқ мекунад.

«Аз даҳ бузургтарин бозори логистикии миллӣ, ки хароҷоти логистика беш аз 13% ММД-ро ташкил медиҳад, инҳоянд: Ҷумҳурии мардумии Чин (дар ҷойи аввал) бо ҳиссаи хароҷоти логистика 14,5% ММД, Россия (ҳафтум) – 16,1% ва Индонезия (нуҳум) – 22%. Дар маҷмӯъ, дар ин рӯйхат 50 кишвар мавҷуд аст, ки хароҷоти логистика аз 12-тои онҳо 13% зиёдтар аст. Индонезия пешсафи зиддирейтингӣ аст, Ветнам бо 20% дар ҷойи дувум мебошад. Дар рейтинг 17 кишваре зикр шудааст, ки хароҷот дар соҳаи логистикаашон аз 10% то 13 фоизро

[86] Паёми Президенти Ҷусхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019. шаҳри Душанбе.

[87] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

ташкил медиҳад. Дар даҳгонаи аввал Ҳиндустон (13%) ва Бразилия (11,6%) мебошад»[88].

Ба даҳгонаи бузургтарини бозорҳои логистикӣ дар ҷаҳон, ки хароҷоти логистикиашон аз 10 фоизи ММД зиёд нестанд, ИМА, Ҷопон, Олмон, Фаронса (шашум) ва Британиёи Кабир (ҳаштум) дохил мешаванд. ИМА на танҳо дувумин бозори бузурги логистикӣ аст, балки инчунин кишварест, ки дорои хизматрасонии самараноки логистикӣ мебошад. Дар ин ҷо ҳиссаи камтарини хароҷоти логистика дар ММД 8 фоизро ташкил медиҳад. Шветсия дар ин нишондиҳанда дар зинаи дувум ва Нидерландия бо 8,3% хароҷот дар зинаи севум мебошанд. Ҳаҷми бозори логистикӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором 3,66 триллион доллари ИМА дар Амрикои Шимолӣ 2,02 триллион доллар, бозори Аврупо тақрибан ба бозори Ҷумҳурии мардумии Чин баробар буда, 1,9 трилллион долларро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷоти логистика дар кишварҳои ИДМ, тақрибан баробари Ҳиндустон буда, соли гузашта 384 миллиард долларро ташкил додааст[89].

Илова ба афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқи якҷояи лоиҳаҳои инфрасохторӣ аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккули рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои кишварҳои хориҷӣ самти муҳим мегардад. Масалан, дар «Осиё ширкати чинии China Railway Group ltd (CREC) бо ҳукумати ноҳияҳои Юлин ва Янан музофоти Шенси барои татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Суид-Янчуан ба маблағи 13,1 миллиард юан созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид, ки баробар ба 1,96 миллиард доллари ИМА аст.

Инчунин қайд кардан бамаврид аст, ки дар минтақаи вилояти Хатлон низ саҳми ин ширкат назаррас мебошад. Мувофиқи маълумоти омории соли 2017 дар вилоят барои марҳалаи дуюми таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилӣ ёрии бебозгашт аз тарафи Ширкати Чайна Роуди Ҷумҳурии мардумии Чин ба маблағи умумии 59,6

---

[88] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

[89] https://www.finanz.ru/novosti/aksii/stoimost-mirovogo-rynka-logistiki-v-2018-godu-sostavila-$9-25-trin-dvz-1028679946.

миллион юан ҷудо шудааст, ки баробар ба (9,6 миллион доллари ИМА) дар масофаи 18,5 километр мебошад. Аз ҷумла, дар ш. Бохтар 7,3 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 18 метри умумӣ бо маблағи умумии 28 миллиону 500 ҳазор сомонӣ, дар ш. Кӯлоб 11,2 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 45 метр бо маблағи умумии 43 миллиону 156 ҳазор сомонӣ дар арафаи анҷомёбист.

Дар соли 2016 Агентии рейтинги байналмилалии Fitch натиҷаҳои омӯзиши инфрасохтори ИМА, аз ҷумла нақлиёт ва логистикаро интишор намуд, ки мувофиқи он сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва шумораи лоиҳаҳои инфрасохтори ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ рӯ ба афзоиш аст, аммо ин сектор ҳоло ҳам ба дастгирии федералӣ ниёз дорад»[90].

Дар Австралия Шӯрои ҳукуматҳои Австралия Сиёсат ва принсипҳои миллии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро моҳи ноябри соли 2008 тасдиқ кард. Ҳоло гурӯҳи кории ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ таъсис дода шуда, ба он вазирон аз ҳама иёлотҳо, ҳудудҳо ва ҳукумати Австралия шомиланд. Дар айни замон, механизми ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар ташаккули инфрасохтор дар Ҷануби Нави Уэлс, Виктория ва Квинсленд истифода мешаванд[91].

Илова ба афзоиши сармоягузорӣ ва истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, дар шароити муосир стандартҳои тарҳрезии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ тағйир меёбад. Масалан, бо мақсади таҷдиди иншооти мавҷудаи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар тавсеаи иқтисодӣ Шветсия амсилаи сохтории баҳодиҳии ҳолати логистикаи минтақавиро таҳия ва татбиқ кардааст, ки баҳодиҳии ҳолати ҷории инфрасохтор, муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод мекунад. Ин амсила дар

---

[90] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

[91] Australia Government: Public private partnerships [Электронный ресурс]. – URL: http://infrastructureaustralia.-gov.au/policy-publications/public-private-partnerships/ (дата обращения 07.04.2017).

шаҳри Евле, ки дар яке аз бандарҳои Шветсия ҷойгир аст, озмоиш карда шудааст[92].

Ҳангоми бунёди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ талабот ба ҷузъи экологӣ низ тақвият дода мешавад. Бо афзоиши коҳиш додани партовҳои $CO_2$ дар шабакаи логистикии минтақа тадриҷан тадқиқот гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, чунин таҳқиқот дар Ҷумҳурии мардумии Чин дар шаҳри Чанша гузаронида шудааст[93].

Мо метавонем боз як самти ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар сатҳи байналмилалӣ шарҳ диҳем. «Соли 2015 Бонки осиёии рушд таҳқиқотро оид ба ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо истифода аз сиёсати минтақавӣ ва миллӣ барои ҳамгироии Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ гузаронид. Дар ин ҳисобот мушкилотҳои инфрасохтори нақлиётро, ки ба ҳамбастагии ин ду минтақа (пайвасти роҳи оҳан ва роҳи оҳани байни Бангладеш, Ҳиндустон, Мянма ва Тайланд, иқтидори нокифоя ва самаранокии пасти бандарҳои баҳрии Бенгал) ва арзиши умумии унсурҳои инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро (роҳ, роҳи оҳан ва бандарҳо) ҳисоб кардааст, ки арзиши он ба 62,6 миллиард доллар баробар мебошад»[94]. Пешгӯӣ мешавад, ки манфиатҳои эҳтимолии татбиқи чунин як лоиҳаи минтақавӣ аз хароҷот зиёдтар хоҳад буд (аз 89 миллиард доллар то 358 миллиард доллар)[95].

Ба ақидаи Тваровская А.И. «ҳамасола барнома вобаста аз ҳаҷми тақсимот ба системаи нақлиётӣ тасҳеҳ мешавад». Бозори муосири хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ИМА аз Аврупо, ки ширкатҳои нақлиётӣ дар доираи ҳамгироии Аврупо рушд

---

[92] Vilko J. Logistic Infrastructure and Its Effects on Economic Development / J. Vilko, B. Karandassov., E. Myller, China-USA Business Review, 2012, vol. 10, no. 11. p. 152-167.

[93] Dezhi Zhang, Qingwen Zhan, Yuche Chen, Shuangyan Li Joint optimization of logistics infrastructure investments and subsidies in a regional logistics network with CO2 emission reduction targets, Transportation Research Part D: Transport and Environment, 2016 [Электронный ресурс]. – URL: http://www.sciencedirect.com/science/article/pii/S1361920916-000286 (дата обращения 10.12.2016).

[94] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

[95] Asian Development Bank, Regional Transport Infrastructure: Mapping Projects to Bridge South Asia and Southeast Asia, 2015, no. 43., p. 1-11.

мекунанд ва Осиё, ки сарҳадҳои давлатӣ ба тасмимҳои нақлиётӣ ва логистикӣ таъсири назаррас доранд, хеле фарқ мекунад (расми 1.5).

Пас аз таъсиси минтақаи озоди тиҷоратии Америкои Шимолӣ (НАФТА) дар соли 1992 бузургтарин минтақа дар ҷаҳон бо ҳаракати озоди молҳо таъсис дода шуд. Ин муҳити иқтисодиро ба вуҷуд овард, ки дар он ширкатҳо имконоти беҳтарини ҷойгиркунии иншооти истеҳсолӣ ва минтақаҳои фурӯшро озодона интихоб мекунанд ва ба ин восита ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки интиқолро ҳавасманд кардаанд[96].




**Расми 1.5. - Тамоюлҳои мавҷуда дар минтақаи Аврупо барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

Омӯзиши таҷрибаи системаи ҳамлу нақли Ҷумҳурии мардумии Чин боиси таваҷҷуҳи махсус мебошад. «Самтҳои афзалиятноки рушди системаи нақлиёти минтақавии Чин аз инҳо иборат мебошанд:

– афзоиши суръати интиқол;

– ташкили хизматрасонии ҳамлу нақли «аз дар ба дар;

[96] Тваровская, А.И. Зарубежный опыт использования транспортных систем в качестве фактора регионального развития // Стратегия устойчивого развития регионов России. - Новосибирск, 2012. - №9. - С.14-20.

– таъмини системаи самараноки нақлиётии минтақавӣ ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти аҳолии кишвар»[97].

Дар Чин бо мақсади ҷалби сармоя ба соҳаи нақлиётислоҳоти системаи сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудааст, ки кушодани бозори нақлиёт ва такмили бозори лоиҳаҳои сармоягузориро бо дарназардошти механизмҳои бозорӣ дар тақсимоти захираҳоро дар бар мегирад.

Дар Чин барои корхонаҳои нақлиётии боркашонӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ самтҳои зерин дода шудаанд:

– интиқол ва нигаҳдории молҳо, борбардорӣ, борфарорӣ ва дигар амалиётҳои логистикӣ;

– ҳамлу нақли байналмилалии боркашонӣ ва имкони таъсиси корхонаҳои муштараки ҳамкориҳои Чин;

– ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарор дар корхонаҳои нақлиётии боркаш.

Таҷрибаҳои баррасишавандаи хориҷӣ дар таҳия ва истифодаи инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, рушди марказҳои нақлиётии бисёррасонаиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаҳои вилояти Хатлонро таъмин менамояд, ки бо такмил додани инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, ба ҷараёни гардиши мол ва даромаднокии иқтисодиёт мусоидат мекунад»[98].

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз, роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузоштаанд, ки ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ дода, долонҳои транзитиро тавассути кишварамон бунёд намоем. Стратегияи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шуда буд. Стратегияи мазкур ду самти асосиро дар бар мегирад: якум, ташаккули шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар кишвар ва пайвастани он бо долонҳои

[97] Ашуров Н.А. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. Қисми 2. – С. 46-52. – ISSN 2413-5151.

[98] Нигар, дар ин ҷо саҳ. 46-52.

байналмилалии нақлиётӣ; дуюм, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт.

Дар давоми солҳои охир барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва дастрасӣ ба бандарҳои ҷаҳонӣ 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи қариб 8,7 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудаанд. Дар натиҷа 109 пул ва 27 нақбҳо сохта, ба истифода дода шуданд, инчунин 1650 км роҳҳо таҷдид ва сохта шудаанд. Дар баробари ин, мушкилоти бунёди роҳҳои алтернативӣ аз ҳукумати кишвар тақозо менамояд, ки доираи ҳамгироии иқтисодиро васеъ намуда, дар доираи созмонҳои минтақавӣ ҷиҳати пайвастан ба шабакаҳои байналмилалии коммуникатсионӣ ва ташкили шабакаҳои наве, ки ҷавобгӯи стандартҳои муосир мебошанд, чораҳои зарурӣ андешад.

«Бо ин мақсад, андешидани тадбирҳои зарурӣ вобаста ба татбиқи лоиҳаи роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон, ки омили муҳимми рушди иқтисодии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа буда метавонад, идома дорад. Татбиқи барномаи барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои байналмилалӣ то соли 2025 сохтмон ва таҷдиди беш аз чаҳор ҳазор роҳ ва 576 пул ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст. Ин барномаҳо манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷабҳаҳоро ба назар гирифта, метавонанд арзиши хизматрасониҳои нақлиётиро кам кунанд. Дар оянда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари дорои имкониятҳои транзитӣ, ки дар гузаргоҳҳои байналмилалии нақлиётӣ, ба монанди ЕврАзЭС, ТРАСЕКА, САРЭС ва Иттиҳоди Аврупо пайдо мешавад, дар назар дорад, ки Тоҷикистон мехоҳад муносибатҳоро ҳамчун транзити боэътимоди интиқоли маблағҳо идома диҳад»[99].

Ҳамкориҳои минтақаҳо барои ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст. Қарорҳои байналмилалии барои ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ пешниҳодшуда бояд ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегия ва

---

[99] Ашуров Н.А. Инфрасохтори логистикӣ ва манфиати он [матн] / Н.А. Ашуров / Нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. Рӯзномаи «Хатлон» – №10 (3369), 8.02.2022. – С. 3.

барномаҳои мақсадноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон ба назар гирифта шаванд.

Дар марҳалаи кунунӣ рушди муносибатҳои бозоргонӣ, баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт аз такмили хадамоти нақлиёт вобаста аст. Аз ин рӯ, инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии ҳар як минтақа бояд ба талаботи системаи бозорӣ ва инчунин ба талаботи афзояндаи хизматрасонии нақлиётӣ ҷавобгӯ бошад. Ташаккул додани захираҳои зарурӣ барои ташкил ва идоракунии раванди нақлиёт дар шароити дигаргуниҳои ҳудудӣ аз дастгирии системаи инфрасохтори он вобаста аст.

Дар чунин шароит ҳалли масъалаҳои муайяншуда, инчунин ташаккули ҳамаҷонибаи рушд ва густариши инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус минтақаи вилояти Хатлон робитаи ногусастанӣ доранд. Дар асоси таҳлил ва таҳқиқоти паҳлуҳои гуногуни ташкил ва идоракунии ҷараёни нақлиёт, таҳияи нақшҳо ва тарҳҳои хизматрасонии нақлиётӣ, механизми танзими давлатии фаъолияти нақлиёт, инчунин аҳамият ва афзалияти рушди нақлиёт дар муқоиса бо дигар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт муқаррар карда шудааст, ки он дорои хусусиятҳои мухталиф буда, ба ташаккули стратегияи асосии дурнамои рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон таъсиррасон аст.

Ба ин хусусиятҳо дохил мешаванд:

Вобастагии азими инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, ташаккул ва рушди он аз ҷойгиршавӣ, ҷуғрофӣ ва релефи мураккаби кӯҳӣ (93%  қаламравро кӯҳсор ташкил медиҳад). Ин ба рушди шабакаи коммуникатсия (роҳҳо), ҷойгиршавии объектҳои воситаҳои нақлиёт ва қисми ҳаракаткунанда, амиқтар шудани робитаҳои нақлиётӣ ва иқтисодӣ дар дохили кишвар таъсир мерасонад.

I. Вобастагии зич байни рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ. Муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ ҳангоми таҳияи нақшаи рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди ин соҳа тибқи «принсипи пасмонда» сурат гирифтааст, ки ба амнияти нақлиётӣ ва рушди дигар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти кишвар, махсусгардонии истеҳсолот, истифодаи

мошинҳои махсус ва инчунин такмили ташкили содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба кишварҳои хориҷӣ таъсир мерасонад.

II. Мавҷудияти робитаҳо ва имконпазирии унсурҳои гуногуни инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва системаи нақлиёт. Таъкид кардани пайдоиши намудҳои гуногуни хизматрасониҳои нақлиётӣ бо мақсади таъмин намудани рушди мутавозини бозор дар шароити касрӣ ва маҳдудияти истифодаи сармоягузорӣ барои рушди он. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳияи стратегияи рушди иқтисодиёти кишвар ва соҳаҳои он ҳалли мушкилоти комплекси нақлиёти кишвар ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии он бояд вазифаи аввалиндараҷа ва афзалиятнок ба ҳисоб равад.

III. Дар ташкил ва идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ хусусияти байниидоравии истифодаи воситаи нақлиёт ва роҳ, махсусан роҳҳо ва воситаҳои нақлиёт ва коммуникатсия аз ҷониби тамоми соҳаҳо, бахшҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Бо дарназардошти ин хусусият, таҳияи барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва татбиқи онҳоҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ҳам аз ҳисоби сармоягузории истифодабарандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ талаб карда мешавад, ки ба ворид шудани инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ дар байни робитаҳои муассир дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

IV. Истифодаи самараноки имкониятҳои бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ инчунин субъектҳои хоҷагидорӣ барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар шароити қаламрави муайян. Аз ин рӯ, истифодаи равиши иҷтимоиву самтгириро ҳангоми таҳияи стратегияи рушди комплекси нақлиёт бо дарназардошти эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ, саноатӣ ва иқтисодии ҳудудҳо ва аҳолӣ, инчунин истифодаи воситаҳои бозорӣ, ки имкон медиҳанд самараи иҷтимоию иқтисодиро аз рушд ва ҷойгиркунии бозори хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ истифода барем, муҳим мешуморем.

V. Сармояи баланди унсурҳои бозори хизматрасонии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, инчунин муҳлати тӯлонии сохтмон ва истифодаи онҳо. Аз ин

рӯ, баррасии ҷанбаи захираҳо авлавият дониста шуда, ҳамоҳангсозии мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва худидоракунӣ, инчунин корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногуни хусусӣ барои ташаккули бозори нақлиёт ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии онро талаб мекунад. Аммо ин хусусият дар он ҳолате зоҳир мегардад, ки субъектҳои алоҳидаи бозор барои тақсими захираҳои молиявӣ барои рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ ва бахшҳои он ҳавасманд нестанд.

Ҳалли ин мушкилот бо иштироки давлат дар заминаи танзими бозоргонии сармоягузорӣ ва манфиатҳои бонкӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва ғайра имконпазир аст, ки дар маҷмуъ талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳои операторони нақлиётиро таъмин менамояд.

VI. Рушди бисёрсатҳаи бозори хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ. Объектҳои ин бозор ва инфрасохторҳои он босуръат рушд мекунанд. Ин хусусият бо шароити афзояндаи мавсимии ҳамлу нақли худ хос аст, ки афзоиши қобилияти нақлиётро талаб мекунад. Ин ташаккули захираи тавонмандии интиқол ва борбариро барои қонеъ кардани талабот ба хадамоти тағйирёбандаи нақлиёт талаб мекунад, то нақлиёт омили маҳдудкунанда дар рушди иқтисодиёти миллӣ нашавад. Бо дарназардошти ин хусусият, зарурати таҳия ва татбиқи дурнамои дарозмуҳлат оид ба рушд ва ҷойгиркунии иқтисодиёти миллӣ ва ҳам соҳаҳои он дар заминаи ташаккули талабот ба хизматрасониҳои намудҳои гуногуни нақлиётӣ-логистикиро нишон медиҳад.

VII. Ташаккули шабакавӣ ва рушди бозори хизматрасонии ифрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ. Ин хусусият дар шароити ҳудудии мушаххас ба таври возеҳ зоҳир мешавад, зеро онҳо бо хусусиятҳои хоси бинобар шабакаи мавҷудаи нақлиётӣ ва роҳҳо, сатҳи рушд ва густариши қувваҳои истеҳсолкунанда тавсиф мешаванд. Аз ин рӯ, муайян кардани таъсири нақлиёт ва омили нақлиёт барои тақсимоти оқилонаи корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва дигар хизматрасониҳо, инчунин хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ ба аҳолӣ муҳим аст.

VIII. Ташаккул ва рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ аз стратегияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ вобаста мебошад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки вазифаҳои афзалиятноки рушди

инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро таҳия намуда, инчунин масъалаҳои ҷойдоштаро ҳал намоем ва бо дарназардошти афзалият ва фароҳам овардани шароит барои рушди муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳал намоем.

Дар маҷмуъ, таҳияи дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ таҷдиди принсипҳо ва меъёрҳоро пешбинӣ менамояд, ки он таҳияи консепсияи нави рушдро дар асоси хусусиятҳои интихобшуда ва истифодаи усулу равишҳои муосири илмӣ ва амалӣ талаб мекунад.

Дар ин ҳолат, таҳия ва татбиқи консепсияи ояндадор оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ аз сатҳи рушд, амният ва дараҷаи пешниҳоди хизматрасониҳои нақлиётӣ ба иқтисодиёт ва аҳолӣ вобаста буда, ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ мекунад:

I. Анҷоми раванди хусусигардонии амвол ва ташаккули муҳити рақобат дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ.

II. Такмил додани ҷараёни ташкил ва таҷдиди заминаи истеҳсолӣ ва техникии бозори нақлиёт, бо дарназардошти ҷудо кардани сармоя ва сарчашмаҳои гуногун, рушди шаклҳои самарабахши фаъолияти соҳибкорӣ, механизми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ ва ғайра.

III. Такмили системаи ташкилию идоракунӣ дар стратегияи таҳияшудаи рушди комплекси нақлиётӣ ва роҳдорӣ, инчунин тағйир додани шакли ташкили истеҳсоли нақлиёт аз ҷониби операторони гуногун, ташкили биржаҳои нақлиётӣ ва ассотсиатсияи интиқолдиҳандагон.

IV. Такмили системаи банақшагирӣ ва танзими кори корхонаҳо ва ташкилотҳои бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ бо дарназардошти тағйирот ва автоматикикунонии ҳисоббаробаркуниҳо.

V. Рушди низоми маблағгузорӣ барои рушд ва фаъолияти инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, инчунин шарикии давлат ва бахшҳои хусусӣ.

VI. Такмилдиҳии маркетингӣ ва инноватсия дар инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии минтақа, инчунин таъсиси корхонаҳои муосири нақлиётӣ ва маркетингӣ.

VII. Рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ бо мақсади беҳтар сохтани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, СҲШ ва ғайра.

Умуман, дар шароити нав, барои тамаркузи мувофиқ ба фаъолият, таҳия ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои анъанавӣ бояд бо дарназардошти мушкилоти дар боло зикршудаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ илова карда шаванд. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, мо муайян кардем, ки хусусиятҳои хоси он сатҳи пасти он ва мавҷудияти масъалаҳои ҳалталаби ташкилӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ мебошад:

– сатҳи нокифояи хизматрасониҳои нақлиётӣ дар қисмати туризм, хизматрасонӣ дар деҳот, инфиродӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ, инчунин банақшагирии шабакаи хатсайрҳо, ташкили ҳамлу нақли бисёрсамта;

– сатҳи сусти ташкилию техникии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва имконнопазирии он рушди иқтисодиёти миллӣ ва зудҳаракатии аҳолиро дар шаҳрҳо, атрофи шаҳрҳо, минтақаҳои байналмилалӣ ва деҳот таъмин менамояд;

– даромаднокии пасти операторони нақлиётии шаклҳои гуногуни моликият ва заминаи истеҳсолӣ-техникии онҳо;

– номукаммалии сохтори паркҳои ҳаракаткунанда, душвориҳои ба даст овардани техникаи нав;

– рушди нокифояи нақлиёти мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар шаҳрҳои хурду миёна, шиддатнокии нақлиёти шаҳру деҳот ва мушкилоти роҳҳо;

– бандшавии роҳҳои автомобилгард дар шаҳрҳои калон аз ҳисоби набудани таваққуфгоҳҳои иловагӣ;

– мушкилот дар таъмини сӯзишвории нақлиётӣ, нокифоягии истифодаи захираҳои алтернативии сӯзишворию энергетикӣ ва ғайра;

– кам будани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи логистикаи нақлиётӣ.

Масъалаи муҳим ва ҳалношуда таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии илмӣ мебошад, ки рушди мутавозин ва ҷойгиронии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, ҳамоҳангсозии намудҳои гуногуни нақлиёт ва муайян кардани истифодаи самараноки онҳо, ташаккули стандартҳои давлатӣ ва талабот ба ҳамлу нақли борҳо ва мусофирон, инчунин рушди муносибатҳои иштирокчиёни ҷараёни нақлиётӣ, истеъмолкунандагон, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тақсимоти оптималии сармоягузориҳо ва маблағҳои давлатӣ байни онҳо дар шеваи нақлиёт, ташаккули долонҳои роҳи байналмилалӣ, инчунин рушди нақлиёт ва терминалҳои гумрукиро таъмин менамояд.

Ба андешаи мо, мушкилоти ҳалношуда бартарафсозии рушди мутавозини намудҳои алоҳидаи нақлиёт дар тағйироти гуногуни ҳудуди ҷумҳурӣ боқӣ мемонад, инчунин мавҷуд ё набудани захираи қобилияти ҳамлу нақлие, ки метавонад дар ҳалли вазифаҳои мудофиаи шаҳрвандӣ ва ҳолатҳои фавқулода истифода шаванд.

Фаъолияти комплекси нақлиётӣ ва бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба омилҳои шаҳршавӣ урбанизатсия, ҷойгиршавии ноокилонаи шаҳрҳо ва нуқтаҳои аҳолинишини деҳот, инчунин мушкилоти нақлиёти ҷамъиятии шаҳр ба таври назаррас таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, вобастагии зичии нақлиёти ҷумҳурӣ аз кишварҳои дигар, алалхусус ҳангоми ҳамлу нақли байналхалқӣ, проблемаҳои ҳалношуда боқӣ мемонад.

Инчунин ғайр аз он, мо дарёфт кардани таносубҳои муносиби байни сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ, нақлиёт ва хизматрасониҳои инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикиро афзалиятнок мешуморем. Ин ҳолат боиси беасос баланд шудани хароҷоти нақлиётӣ мегардад, рушди соҳаҳои дигари иқтисодиётро бозмедорад, рушди озоди қувваҳои истеҳсолкунандаро дар кишвар ва минтақаҳои он мушкил менамояд.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди босуръат ва мутаносиби комплекси нақлиётӣ ва роҳсозӣ, сохтмони нақбҳо, роҳи оҳан ва автомобилгард, таҷдиди онҳо, инчунин ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудан, таъмин намудани роҳи ягонаи тобеият надошта ва ташкили

фазои ягонаи нақлиёт дар ҷумҳурӣ чораҳои мушаххас андешида истодааст. Барои ҳалли ин мушкилот сармоягузории мустақими хориҷӣ ва буҷети давлатӣ харҷ карда шуд, ки ин ба ҳалли яке аз вазифаҳои муҳимми стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – баромадани кишвар аз бунбасти нақлиётӣ-коммуникатсионӣ мусоидат намуд. Аз ҷониби дигар, барои таъмини рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии минтақаҳо, ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳамоҳангсозии намудҳои гуногуни нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

Дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ ба ҳадафҳои зерин расидан зарур аст: «сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ; бунёди долонҳои транзитии нақлиётӣ; инкишофи таъминоти нақлиётии минтақаҳои саноатии рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории аҳамияти давлатидошта; рушди соҳаи нақлиёт, ки ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани самаранокии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ва беҳсозии сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст; таъмини самаранокии кори нақлиёт ва инфрасохтори он, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии манотиқи кишвар мусоидат мекунад; нигаҳдорӣ ва инкишофи шабакаҳои фурудгоҳҳои маҳаллӣ, авиатсияи хурду миёна ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ҳамаи минтақаҳо ба нақлиёти ҳавоӣ; таъмини дастрасии нақлиёти ҷамъиятӣ барои шахсони маъюб; паст кардани таъсири манфии комплекси нақлиётӣ ба муҳити атроф ва саломатии инсон ва ғ»[100].

Нақлиёти автомобилӣ дар сохтори инфрасохтори кишвар нақши калидӣ бозида, зарурати таҳияи шабакаи роҳҳо ва иншоотҳоро тақозо мекунад, ки тамоми минтақаҳои кишварро ба ҳам мепайвандад. Хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки транзити мол ва хизматрасонӣ миёни Чин, Осиёи Марказӣ, кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ наздик имконпазир гардад. Ҳаракати байналмилалии транзитӣ ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

100 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.– Душанбе, 2016.-103 с., с. 12-13.

Дар доираи таҳкими муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ байни кишварҳо ва афзоиши ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ва транзитӣ, сатҳи техникии системаи анборӣ, системаи нақлиётӣ, сифати хизматрасонӣ, асосан тағйирёбии шаклҳои гуногуни марказҳои логистикӣ ва инфрасохторҳои нақлиётӣ омилҳои тиҷоратии байналмилалӣ ба ҳисоб меравaнд»[101].

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор 26 апрели соли 2019 дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд - як роҳ» дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии мардумии Чин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон зикр намуданд, ки «кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон роҳи баромад ба баҳр надоранд. Дар робита ба ин, мо ба татбиқи лоиҳаҳои бунёди шоҳроҳҳои автомобилгарди Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон ва Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ҳавасманд мебошем. Ҳадафи мо дар татбиқи лоиҳаҳои мазкур ташаккул додани долонҳои транзитӣ – нақлиётӣ ба самти бандарҳои баҳрии Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ мебошад»[102].

Бо дарназардошти ин ҳадафҳо қайд кардан мумкин аст, ки «рушди инфрасохтори нақлиётию логистикии вилояти Хатлон барои ташаккули бозори миллӣ ва байналхалқии нақлиёт, инчунин анборҳои хизматрасонӣ замина шуда метавонад. Ба ақидаи мо, таъсири манфии комплекси нақлиётӣ ва роҳсозӣ ба муҳити зист таҳияи барномаҳои махсусро барои кам кардани партовҳои зарарнок аз муҳаррикҳои нақлиётӣ, инчунин ҳифзи заминҳоро аз маҳсулоти нафтӣ, ҳифзи заминҳои ҷангал, пиряхҳо ва ғайраҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми мушаххассозӣ ва рушди афзалиятҳо барои ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаҳо бояд хусусиятҳо ва мушкилоти муайяншуда ба назар гирифта шавад.

[101] Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

[102] Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар форуми дуюми ҳамкории байналмилалии “Як камарбанд – як роҳ”, Чин, 26 апрели соли 2019 “Таҳкими муносибатҳои дӯстона тақозои замон аст” // Ҷумҳурият, Душанбе, 29 апрели соли 2019. №81 (23 684).

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарин, гармтарин ва кӯҳсор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, соли 1992 ташкил шудааст. Маркази вилоят ш. Бохтар буда, масофаи байни шаҳри Бохтар ва шаҳри Душанбе 100 км роҳро ташкил медиҳад. Вилоят дар қисмати ҷанубу ғарби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад, ки ҳудуди он 24,6 ҳазор км$^2$-роташкил медиҳад, ки ба 17 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст.

Мувафиқи маълумоти оморӣ дар вилояти Хатлон шумораи аҳолӣ ба 1.01.2018-ум 3198,5 ҳазор нафар мебошад. Зичии аҳолӣ ба 1 январи соли 2017 бо ҳисоби миёна ба майдони 1 км мураббаъ 129,5 нафарро ташкил медиҳад. Аҳолии минтақаҳои вилояти Хатлон гуногунмиллат буда, дар он зиёда аз 62 миллат, бисёртар тоҷикҳо, ӯзбекҳо, русҳо ва дигар миллатҳо зиндагӣ мекунанд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 568,6 ҳазор нафар ва аҳолии деҳот 2555,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Хатлон ҳарорат ҳаво дар фасли тобистон то + 48 дараҷа гарм шуда дар фасли зимистон то -20 дараҷа хунук мешавад. Минтақаи вилояти Хатлон ба 24 ноҳия, 4 шаҳр ва 22 шаҳрак, 133 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад. Вилояти Хатлон аз тарафи шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷониби шарқӣ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз тарафи ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва аз ҷануб бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳое ба шумор меравад, ки воридот ва содироти молу маҳсулот тавассути ин минтақа дар дохил ва бо кишварҳои минтақаи ҳамсоя ва дур аз он ба анҷом расонида мешавад. Умуман, минтақаи вилояти Хатлон дар ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои транзитӣ ба шумор меравад. Дар вилоят ба 1-уми январи соли 2018-ум 591 корхонаи саноатӣ фаъолият кардааст, ки дар баланси мустақил қарор доранд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба моҳи январи соли 2018-ум 6753,1 млн. сомониро ташкил додааст.

Вилоят дорои ду муассисаи давлатии минтақавии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард мебошад. Аз соли 1991 то ин давра сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 450 адад иншоотҳои дорои аҳамияти давлатӣ ҷараён гирифтаанд, аз он ҷумла: таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Бохтар-Данғара-Кӯлоб-Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад.

Дар қаламрави вилоят дар солҳои охир ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, «КАРИТАС»-и Шветсария, бонки Исломии рушд, бонки рушди Осиё, «Хазинаи Оғохон», Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳо бо барномаҳои муайян дар марҳалаҳои гуногун фаъолият карда истодаанд.

Нақлиёт як соҳаи ташаккулёбанда мебошад, ки на танҳо гардиши молҳо ва ҳамлу нақли мусофиронро таъмин менамояд, балки дар баробари ин, ҳамчун катализатор барои рушди саноат хизмат мекунад ва талабот ба маҳсулоти технологияҳои баландро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фароҳам меорад. Инфрасохторҳои нақлиётӣ ва логистикии вилоят барои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои давраи то соли 2030 афзалият дорад.

Бо дарназардошти мавқеи геополитикӣ вилояти Хатлон дорои потенсиали калони транзити ҳамлу нақли молҳо ва мусофирон дар ҳамлу нақли байналмилалӣ мебошад. Истифодаи неруи транзитии минтақа дар системаи рушди долонҳои байналмилалии нақлиёт на танҳо афзалияти рушди системаи нақлиёти минтақавӣ, балки шарти пурзӯр намудани фаъолияти иқтисодии вилояти Хатлон мебошад.

Тадбирҳо оид ба ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ (ИНЛ) барои фаъолияти самарабахши системаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Марказҳои муосири нақлиёт ва логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи таҳия қарор доранд. Ҳама амалиётҳо оид ба қабул, интиқол ва коркарди мол дар пойгоҳи савдо, терминал ва анбори сатҳҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Омӯзиши инфрасохторҳои мавҷудаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла минтақаи вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки онҳо инфрасохторҳои

аз ҷиҳати техникӣ хуб инкишофёфта нестанд ва хидматҳои баландсифатро, ки ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ бошанд, надоранд. Дар терминалҳо таҷҳизоти муосир мавҷуд нест, ки имкон медиҳад маҷмуи хизматрасониҳоеро, ки дар равандҳои интиқол, навъбандӣ, борбардорӣ, борфарорӣ, тақсимот, коркарди борҳо, барасмиятдарории гумрукӣ ва хизматрасонии техникии қисми ҳаракаткунандаро иҷро кунад.

Рушди усулҳои мавҷуда ва истифодаи усулҳои оптималии такмили илмии маҷмуи хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ барои стратегияи таъсиси марказҳои нақлиётӣ-логистӣ дар Тоҷикистон, ки маркази ягонаи нақлиётӣ-логистикиро ташкил медиҳанд, аҳамият дорад.

«Илова бар ин, ташкил ва рушди марказҳои нақлиётию логистикӣ ҳамчун қисми таркибии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ метавонад имкониятҳои транзитии кишварро беҳтар намуда, ба афзоиши ҳиссаи мамлакат дар хизматрасонии минтақавию байналмилалии нақлиётӣ мусоидат намояд, ки ин ҳам ҷойҳои нави корӣ ва ҳам манбаи даромади иловагии буҷет ва рушди иқтисодиёт мебошад»[103].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «...такмилу таҷдид ва нигоҳдории роҳҳои дохилишаҳриву байниноҳиявӣ ва шаҳраку деҳот вазифаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо мебошад ва дар ин самт корҳо бояд тақвият дода шаванд. Вобаста ба ин, Вазорати нақлиёт якҷоя бо дигар сохтору мақомот оид ба ташкили терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, долонҳои нақлиётӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани хизматрасониҳо лоиҳаҳои дахлдорро таҳия ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ амалӣ намояд»[104].

Ҳар як минтақа бояд инфрасохтори нақлиётӣ дошта бошад, ки талаботи минтақаро барои хизматрасонии нақлиётӣ пурра қонеъ гардонад. Тағйирот дар

---

[103] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 23.04.2014. http://www.president.tj.

[104] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 22.12.2017. http://www.president.tj.

инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо тамоюлҳои асосии рушди геоиқтисодии минтақавӣ ба амал меоянд. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон чунин тавсиф карда мешаванд:

– нақлиёт ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ буда, шароити асосии зиндагии ҷамъиятро таъмин менамояд, воситаи муҳимми ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад;

– ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвар ва хусусияти он нақши афзалиятноки нақлиётро дар рушди афзалиятҳои рақобатии ҳудуд муайян мекунад;

– вилояти Хатлон минтақаест, ки нақлиёти роҳи оҳан дар инфрасохтори нақлиёт ба қадри кофӣ истифода намешавад, яъне сатҳи рушди иқтисодӣ он қадар баланд нест;

– аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти ҷаҳонии рақобатпазирӣ, ки Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ гузарондааст, сифати хизматрасонии инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои қисмати роҳ дар сатҳи нокифоя қарор дорад;

– аз рӯйи ҳисобҳои Бонки Ҷаҳонӣ оид ба Индекси самаранокии логистикӣ (Logistics Performance Index – LPI), Тоҷикистон дар байни 163 кишвар, ҷойи 114 -умро ишғол намудааст[105]. Дар байни кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ бошад, дар ҷойи охир меистад. Аз лиҳози пайгирӣ ва интиқоли саривақтӣ Тоҷикистон дар байни 166 кишвари пурсидашуда дар ҷаҳон ҷойи 133-умро гирифтааст ва дар байни кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҷойи сеюм меистад[106].

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд марказҳои нақлиётиро фарқ кардан мумкин аст, ки фаъолиятaшон ҳоло ба таври пайваста ҳамоҳанг карда

---

[105] Нажмудинов Ф.Н. Формирование и развитие сети интегрированних транспортно-логистических центров Республики Таджикистан в условиях глобализации транспортных систем: дисс.…канд.тех.наук: 05.22.08 [Текст] / Нажмудинов Фахриддин Низомович.– Душанбе, 2018.

[106] Ашуров Н.А. Инфрасохтори логистикӣ ва манфиати он [матн] / Н.А. Ашуров / Нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. Рӯзномаи «Хатлон» – 8.02.2022. – №10 (3369),– С. 3.

нашудааст. Танҳо фаъолияти ҳамоҳангшудаи шабакаи логистикаи нақлиётӣ метавонад самараи бештарро ба бор орад.

Тоҷикистон, ҳамчун як кишвари дар иқтисоди ҷаҳонӣ иштироккунанда, инчунин бояд оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ қарорҳои саривақтӣ қабул намояд. Дар ҳолати сатҳи нокифояи рушд, инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба як ҳолати бозистӣ ва дар ҳолати рушди босуръат – ба як муҳаррики рушди иқтисодии кишвар табдил меёбад.

Ҳадафҳои стратегии соҳаи саноати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамгирой ба системаҳои нақлиётии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ ва методологии рушди логистикаро дар соҳаи хизматрасониҳои нақлиётӣ тақозо мекунанд. Аммо вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон сатҳи ҳалли ҳам назариявӣ ва ҳам амалии масъалаҳои таҳия ва тақсимоти марказҳои логистикӣ, инчунин ташаккули системаҳои нақлиётӣ-логистикӣ, бахусус бо дарназардошти динамикӣ ва рушди банақшагирифташудаи иқтисодии Тоҷикистон, кофӣ нестанд.

Бо рушди терминалҳо ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ бисёр корҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои фаъолият ва ташкили онҳо пайдо шуданд. Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки на ҳама мушкилоти марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ дар нақлиёти автомобилӣ тибқи талаботи муосири хоҷагии халқ ҳал карда мешаванд. Такмили мавҷуда ва ҷорӣ кардани усулҳои нави асосноксозии илмии рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ аз нуқтаи назари ташкили маркази логистикии сатҳҳои мухталиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки якҷоя системаи ягонаи нақлиётӣ ва логистикиро ташкил медиҳанд, ниҳоят муҳим аст.

Роҳҳо яке аз унсурҳои муҳимми системаи нақлиётӣ буда, аз бисёр нуқтаи назар, имконот ва суръати рушди иҷтимоию иқтисодии қаламрави минтақаи Хатлонро муайян мекунанд. Дар вилоят бештари хизматрасониҳои нақлиётӣ тавассути автомобилӣ ва роҳи оҳан ба анҷом расонида мешавад. Мувофиқи маълумоти ба даст мадаи оморӣ дар соли 2020-ум вилояти Хатлон дорои 5434,8 км роҳи автомобилгард буда, аз он 816,2 километр дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, 779,2

километр байналмилалӣ ва 3839,4 километр маҳаллӣ мебошад. Чуноне, ки аз замимаи 2 бар мояд, минтақаи Бохтар дар соли 2020-ум дорои 2884 км роҳи автомобилгард буда, аз ин 334,8 км. дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, 435,2 км. дар сатҳи байналмилаӣ ва 2114 км.-ро маҳаллӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумотҳои замимаи 3 дар минтақаи Бохтар соли 2020-ум 8,08 км роҳҳои автомобилгард таъмири асосӣ карда шуда, 1745,4 км роҳ, 24 пул бо дарозии 6557 м. ва 20 қубур бо дарозии 269 м. аз таъмири ҷорӣ гузаронида шудааст.

Шаҳри Кӯлоб яке аз шаҳрҳои калоинтарин дар вилоят ба шумор рафта, як минтақаи алоҳидаи вилояти Хатлонро ташкил медиҳад, ки дар ин минтақа якҷоя бо шаҳри Кӯлоб 12 шаҳру ноҳияи вилоят дохил мешаванд. Читавре, ки дар замимаи 3 оварда шудааст, дар соли 2020-ум минттақаи Кӯлоб доро 2550,8 км роҳи автомобилгард буда, аз ин 481,4 км.-ро ҷумҳуриявӣ, 344 км.-ро байналмилалӣ ва 1725,4 км.-ро маҳаллӣ ташкил медиҳад. Шаҳри Кӯлоб дар шоҳроҳи байналмилалӣ ҷойгир буда, дар худ дорои 179,3 км роҳҳои маҳаллӣ, 26,1 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 18 км роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалидошта мебошад. Дар ш. Кӯлоб барои таъмири роҳҳо ва пулҳо дар соли 2019-ум аз буҷаи ҷумҳуриявӣ 685 ҳаз. сом. ва аз буҷаи маҳаллӣ 553,7 ҳаз. сом, дар ҷамъ бо соҳибкорон ва аҳолӣ 11777 ҳаз. сом. маблағгузорӣ карда шудааст[107]. Маълумоти бештар оид ба роҳҳои автомобилгард ва таъмиру азнавсозии онҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар замимаи 2, 3 ва 4 оварда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи маълумоти омории шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон соли 2016-ум аз ҳисоби Ширкати Синохайдрои Ҷумҳурии мардумии Чин роҳи автомобилгарди Восеъ-Ховалинг ба масофаи 88 километр, 10 пул бо дарозии 233 метр ва 114 қубур бо дарозии 1241м/м, ба маблағи умумии 250 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Инчунин роҳи автомобилгарди «Кӯлоб-Қалъаихумб, қитъаи Ш. Шоҳин-Шоҳон ба масофаи 40 километр, 10 пул бо дарозии 1121 метр, қубур 85 адад бо

[107] Маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

дарозии 2100м/м ба маблағи умумии 426 миллиону 203 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби Ширкати Комбайнд Групп (Қуввейт) ва Текар (Туркия) ба анҷом расонида шудааст»[108].

Аз нишондиҳандаҳои соли 2020-ум, ки дар замимаи 2 оварда шудааст бар меояд, ки дар вилоят барои таъмири асосии 38 км. ва таъмри ҷории 3284 км. роҳҳои автомобилгард инчунин 36 пул бо дарозии 943 м. ва 20 қубур бо дароизии 269 м гузаронида шудааст. Ҳаҷми маблағгузори мувофиқи замимаи 4 барои таъмир роҳҳо, пулҳо ва қубурҳои обгузари таги роҳҳо дар вилоят соли 2020-ум 198232 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 39100 ҳаз. сомониро ташкил дода нисбат ба соли 2013-ум 184438- ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар маркази вилоят ш. Бохтар таъмири асосӣ 0,4 км ва таъмири ҷорӣ 2,1 км роҳҳои автомобилгард бо маблағгузории буҷаи маҳаллӣ 2117,3 ҳазор сомонӣ таъмир карда шудааст.

Таҳлили сохтмон ва таъмири роҳҳо, пулҳо ва қубурҳое, ки аз таги роҳҳо гузаштаанд дар вилояти Хатлон, солҳои 2013-2019 нишон медиҳад ҳаҷми сармоягузорӣ дар ин самт рӯ ба афзоиш дорад. Дар соли 2013-ум ҳаҷми маблағгузорӣ барои таъмри роҳу пулҳо 13794,0 ҳаз. сом. ташкил дода, соли 2019-ум баробар ба 159132,0 ҳаз. сом. шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 11,5 маротиба зиёд буда, 145338 ҳаз. сом. фарқ мекунад. Ин ва дигар маълумот дар замимаи 4 оварда шудаст.

Бояд қайд намуд, ки лоиҳаи «Таҷдид ва азнавсозии роҳи автомобилгарди Душанбе – Бохтар, марҳалаҳои 1 ва 2» бо дарозии 73 км, бо маблағи 204 млн. доллари ИМА идома доранд. Дар маҷмуъ 68% марҳалаи 1 ва 2 бошад 25,6% иҷро шудааст. Роҳи Кангурт – Балҷувон – Ховалинг 42,5 км бо маблағи 16,3 млн. доллари ИМА санаи 6.08.2019-ум иҷро гардид. Ба роҳи Кӯлоб – Муъминобод, Кӯлоб – Шамсиддин Шоҳин ва Ҳулбук – Темурмалик – Кангурт аз ҷониби Пешвои миллат саннаи 11.09.2019 санги асос гузошта шуд. Дар доираи кумакҳои Ҷумҳурии мардумии Чин татбиқи лоиҳаи «Таъмиру барқароркунии кӯча ва

[108] Маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

роҳҳои дохилии шаҳри Бохтару Кӯлоб» амалӣ мегардад. Бо пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз 10 км. роҳҳои шаҳри Кӯлоб таъмир мегарданд»[109].

«Дар доираи таҳкими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ байни кишварҳо ва афзоиши ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ ва транзитӣ, сатҳи техникии системаи анборӣ, системаи нақлиётӣ, сифати хизматрасонӣ, асосан тағйирёбии шаклҳои гуногуни марказҳои логистикӣ ва инфрасохторҳои нақлиётӣ омилҳои тиҷоратии байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд»[110].

Шаклҳои муҳимтарини нақлиёт дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, алалхусус Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан мебошад. Дар Туркманистон ва Ӯзбекистон нақлиёти қубурӣ дар ҳамлу нақли мол ва ҳам дар Амударё - дарёӣ нақши муҳим мебозад. Танҳо Туркманистон соҳиби баҳр аст. Бузургтарин бандари баҳр дар Туркманистон Туркменбоши (Красноводск) мебошад, ки бо пароми роҳи оҳани Боку пайваст аст.

Шарикони асосии иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Россия, Украина, Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ, инчунин Туркия, Эрон ва Кореяи Ҷанубӣ мебошанд. Аз кишварҳои Осиёи Марказӣ содирот карда мешавад: гази табиӣ, металҳои ранга ва маъданҳо онҳо, нафт, мошин, ашёи кимиёвӣ, пашм, қолин, пахта, матоъ, харбуза, сабзавот ва меваҳои барвақтӣ, чормағз, писта, мавиз ва ғайра. Ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ворид карда мешаванд: мошинҳо, сӯзишворӣ, таҷҳизоти барқӣ, таҷҳизотҳо, молҳои ниёзи мардум, маҳсулоти кимиёвӣ, ҷангал ва ғайраҳо.

Мувофиқи маълумотҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар соли 2020-ум гардиши савдои хориҷии вилояти Хатлон 308508,6 ҳазор

---

[109] Маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

[110] Ашуров Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров, Р.К. Раҷабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2019. – №2(46). – С. 56-63. – ISSN 2520-2235.

доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2012-ум ба 90,4 фоиз баробар буда -34704,2 ҳазор доллар кам мебошад. Нисбат ба соли 2019-ум 23,7 фоиз ё ин ки баробар ба 95973,9 ҳазор доллар кам мебошад. Тарози савдои вилоят дар соли 2020-ум манфӣ буда -22540,2 ҳазор долларро ташкил кардааст. Ин ва дигар маълумот доир ба гардиши савдои хориҷии вилояти Хатлон дар замимаи 5 оварда шудааст.

Мувофиқ ба замимаи 5 дар гардиши савдои хориҷӣ ба ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ соли 2020-ум 25 фоиз ё баробар ба 77010,3 ҳазор доллар ва ба ҳиссаи мамлакатҳои хориҷи дур 75 фоизро ташкил додааст, ки баробар ба 231498,3 ҳазор доллар рост меояд. Касри тарози савдо бо мамлакатҳои ИДМ баробар ба 31405,7 ҳазор доллар буда, бо мамлакатҳои хориҷи дур 8865,5 ҳазор долларро ташкил додааст.

Умуман ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2020-ум нисбат ба соли 2019-ум бо мамлакатҳои ИДМ 3,6 фоиз ё баробар ба 2877,1 ҳазор доллар кам буда ва бо мамлакатҳои хориҷи дур бошад 28,7 фоизро дар бар мегирад, ки баробар ба 93096,8 ҳазор доллар кам шудааст. Дар соли 2020-ум содироти мол 142984,2 ҳаз. доллрро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2019-ум 22,3 фоиз ё баробарба 41124,9 ҳаз. доллар кам мебошад. Воридоти мол ба вилоят дар соли 2020-ум 165524,4 ҳаз. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 24,9 фоиз ё баробар ба 54849 ҳаз. доллар кам мебошад[111].

Тағйироти сифатӣ дар сохтори савдои дохилӣ ва хориҷӣ инчунин зиёд шудани ҳиссаи сохторҳои шабакаи савдо бояд ба назар гирифта шаванд. Яке аз меъёрҳои муҳимтарини рушди бозор ва ҷолибияти сармоягузории як минтақаи муайян вазъи инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ мебошад[112]. Арзёбии ҳолати инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии минтақа барои татбиқи Стратегияи рушди

---

[111] Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, (январ-декабр) № 2929, 2018, 155с. ва № 2646, 08.01.с.2019, -153с.

[112] Белякова Е. В., Рыжая А. А. "транспортно-логистическая инфраструктура как основа развития промышленности региона" Сибирский государственный аэрокосмический университет имени академика М. Ф. Решетнева Российская Федерация, 660037, г. Красноярск, просп. им. газ. «Красноярский рабочий», 31 E-mail: ev_belyakova@rambler.ru.

иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои давраи то соли 2030, ки дар он ба рушди саноат диққати махсус дода мешавад, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад»[113].

Бо дарназардошти шароити иқлими вилоят, ки бисёре аз минтақаҳои онро кӯҳсор ташкил медиҳад, мавқеи муҳимтарини стратегиро дар байни навъҳои дигари нақлиёт нақлиёти автомобилӣ ишғол мекунад, ки таъмини ҳамлу нақли борҳои дохилӣ ва фарогири тамоми минтақаҳои вилоят мебошад. Аз ин рӯ, нақлиёти автомобилӣ ҳамчун ҷузъи асосии инфрасохтори истеҳсолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши асосӣ мебозад.

Профессор Раҷабов Р.К. чунин назар дорад, ки «Инфрасохтори нақлиётӣ яке аз муҳимтарин зерсистемаҳои бозор аст. Он ҳамчун асосҳои моддӣ барои муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ шароити мусоид фароҳам меорад»[114].

Аз таҳлилҳои оварда шуда бармеояд, ки шумораи нақлиёти автомобилии дар вилояти Хатлон тули солҳои охир зиёд шудааст. Дар соли 2020-ум ҳамаи намуди нақлиёти автомобилӣ 110128 ададро ташкил додааст, ки фарқияти он нисбат ба соли 2019-ум 102,2 фоизро ташкил дода баробар ба 2385 ада зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012-ум, 130,3 фоизро ташкил мекунад, ки ин баробар ба 25616 адад автомобил зиёд мебошад. Аз ин миқдор автомобилҳои номбаркардашуда дар вилоят соли 2020-ум 3210 адад автомобили давлатӣ буда, 106918 ададро автомобилҳои ғайридавлатӣ ташкил медиҳад.

Аз таҳлили ҷадвали дар зер овардашуда мушоҳида намудан мумкин аст, ки афзоиши шумораи нақлиёти автомобилии шахсӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят

---

[113] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 26.12.2019. http://www.president.tj.

[114] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры // Монография. - Душанбе: «Ирфон», 1999. - 187 с.

бештар дар ш. Кӯлоб, н. Ёвон ва н. Кӯшониён ба назар мерасад. Дар ш. Кӯлоб шумораи нақлиёти автомобилӣ 7387 ададро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2016-ум 106,7 фоизро ташкил дода ва фарқият он 464 ададро дар бар мегирад. (ниг. замимаи 6).

Шумораи нақлиёти автомобилии давлатӣ дар вилоят соли 2020-ум нисбат ба соли 2012-ум 76,4 фоизро ташкил дода баробар ба -990 адад автомобил кам мебошад. Шумораи нақлиёти ғайридавлатӣ дар вилоят соли 2020-ум нисбат ба соли 2012-ум 133,1 фоизро дар бар гирифта баробар ба 26606 адад автомобил зиёд мебошад (рами 2.1 ва замимаи 6).

Мувофиқ ба маълумотҳои оморӣ минтақаи Бохтари вилояти Хатлон дорои 1863 адад нақлиёти давлатӣ мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012-ум 71,2 фоизро ташкил дода, баробар ба -752 адад автомобилро дар бар мегирад. Шумораи нақлиётӣ ғайридавлатӣ дар ин минтақа 76210 ададро ташкил намуда нисбат ба солҳои таҳлилшаванда 23531 адад зиёд мебошад.




**Расми 2.1. - Диаграммаи афзоиши шумораи умумии нақлиёти автомобилӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Рушди шумораи нақлиёти автомобилиро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки минтақа дар соли 2020-ум доорои 32055 адад автомобил мебошад, ки нисбат ба ҳашт соли таҳлилшаванда 109,7 фоизро ташкил додааст, ки баробар ба 2837 адад зиёд мебошад.

Соли 2019-ум аз 107743 адад воситаҳои нақлиёти механикӣ, ядак ва нимядакҳое дар ШНТ БДА РВКД-и вилояти Хатлон ба қайд гирифташуда, 106773 адади он аз муоинаи ҳатмии солонаи техникӣ гузаронида шудааст. Аз 106773 адад воситаи нақлиёт 3163 ададро давлатӣ ташкил дода, аз ин миқдор бо маблағи 1013015 сомонӣ ва 103610 адаро ғайри давлати ташкил медиҳад, ки бо маблағи 40383960 сомонӣ андоз ҷамоварӣ карда шуда, дар маҷмуъ маблағи 4139697 сомонӣ ба буҷаи мамлакат ворид карда шудааст.

Чуноне, ки маълумотҳои замимаи 7 нишон медиҳад, аз 110128 адад нақлиёти автомобилии дар вилоят номбаркардашуда дар соли 2020-ум , 7425 – ададашро боркаш, 98465 – адад сабукрав, 469 – адад автомобилҳои махсусгардонидашуда, 1687 – ададро автобус ва 2082 адади дигарро ядакҳо ва нимядакҳо ташкил медиҳад[115]. Дар вилоят фарқияти шумораи нақлиёт соли 2020-ум назар ба соли 2014-ум нишон медиҳад, ки нақлиёти боркаш 103,4 фоиз, нақлиёти сабукрав 117,05 фоиз, нақлиёти махсусгардонидашуда 109,06 фоиз ва нақлиёти мусофирбарии автобус 100,7 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин нишондиҳандаҳо бар меояд, ки дар байни навъҳои нақлиёт, воридоти нақлиёти сабукрав дар вилоят бештар буда, фарқияти солҳои таҳлил шаванда ба 14349 ададро расида аст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи умумии нақлиёти автомобилие, ки дар охири соли 2020 дар вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудаанд, аз 110128 адад автомобил 40558 адади он бо сӯзишвории газ, 53381 ададаш бо сӯзишвории бензин ва 13397 адад бо сӯзишвории дизелӣ ҳаракат менамоянд (замимаи 6 ва 7).

Самаранокии кори нақлиёти автомобилӣ аз ташкили дурусти ҳамлу нақли борҳо, интихоби оқилонаи таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобилӣ ва истифодаи комили он вобаста аст[116].

Байни солҳои 2017 ва 2019 дар минтақа аз сабаби таъсири якчанд омилҳо афзоиши гардиши нақлиёт мушоҳида шудааст; афзоиши талабот ба бозори

---

[115] Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, (январ-декабр) №2870, с.2016, 156с., № 2929, 2017, 155с., № 2646, с 2018, 153с. №3058, с.2019, 160., ва с.2020. 146с.

[116] Азимов П.Х. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры в РТ. [Текст] / П.Х. Азимов // Вестник ЮУрГУ. Серия “Экономика и менеҷмент”. – 2017. т. 11. – №2. – С. 159-165.

нақлиёти автомобилӣ; афзалият дар таҳвили масофаи миёна ва хурд аз борҳои азим; афзоиши шумораи ҳамлу нақли контейнерӣ ва роҳи оҳан ҳам дар саросари кишвар ва ҳам дар доираи мубодилаи байналмилалӣ.

Рушдӣ иқтисодиёт талаботро нисбат ба нақлиёт зиёд мегардонад, зеро ки аз дараҷаи тараққиёт ва истифодаи оқилонаи нақлиёти хушкигар самаранокии иқтисодиёти мамлакат вобаста мебошад. Ин ҳолат боиси васеъшавии соҳаи фаъолияти нақлиёти мамлакат мегардад ва зарурати истифодаи техника ва технологияи нав, принсипҳои идоракунии навин ва ташкили технологияи боркашониро дар ин соҳа муайян мекунад.

«Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ тақозо мекунад, ки афзоиши талабот ба хизматрасонии нақлиёт афзун гардад. Ҳаҷми истеҳсолот ва сохтмон афзоиш ёфт, ки ин яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба нақлиёти боркаш мебошад»[117]. Нақлиёти боркаш, махсусан нақлиёти автомобилӣ як соҳаи ташаккулёбандае мебошад, ки рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро бе нақлиёти боркаш тасавур кардан ғайриимкон аст. Таҳлили ҳамлу нақли боркашони бо нақлиёти автомобилӣ дар вилояти Хатлон солҳои 1992-2020 дар расми 2.2 оварда шудааст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилояти Хатлон ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар соли 2000-ум 2500,9 ҳазор тоннаро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 22688,1 ҳазор тонна расидааст. Аз ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки ҳаҷми боркашонӣ аз соли 2000-ум то соли 2020-ум дар давоми 20 сол зиёда аз 9 маротиба афзудааст. Агар ба солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем яъне солҳои 1992, дар ин давра ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ 3227 ҳазор тоннаро ташкил медод.

---

[117] Азимов П.Х. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры в Республике Таджикистан [Текст] / П.Х. Азимов // Вестник ЮУрГУ. Серия “Экономика и менеҷмент”. – 2017. т. 11. – №2. – С. 159-165.




**Расми 2.2. - Динамикаи ҳаҷми боркашонӣ бо наклиёти автомобилӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 1992-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар муқоиса соли 2020-ум нисбат ба соли 1992, зиёда аз 7 маротиба яъне 19461,1 ҳазор тонна кашонидани бор бо наклиётӣ автомобилӣ зиёд шудааст. Дар байни солҳои таҳлилшавандаи расми 2.2. рушди ҳаҷми боркашони бо наклиёти автомобилӣ соли 2015-ум дида мешавад, ки 25017,3 ҳаз.тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 110,2 фоизро ташкил дода, барбар ба 2329,2 ҳаз.тонна зиёд мебошад. Таҳлили нишондиҳандаҳои ҳачми боркашонӣ бо наклиёти автомобилӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар расми 2.3. нишон дода шудааст.

Дар шаҳри Бохтар, ки маркази вилоят ба ҳисоб меравад, бештари ҳамлу накли бор бо наклиёти автомобилӣ нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад.

Ҳаҷми боркашонӣ бо наклиёти автомобилӣ дар ш. Бохтор соли 1992-юм 303,3 ҳазор тоннаро ташкил дода, ин нишондиҳанда соли 2000-ум бо сабабҳои гуногун рӯ ба пастшавӣ ниҳод, ки ин ба 203,9 ҳазор тонна баробар шуд. Соли 2010-ум 2119,6 ҳазор тонна бо наклиёти автомобилӣ бор кашонида шуда, нисбат ба соли 2000 зиёда аз 10 маротиба афзуд. Ин нишондиҳандаҳо соли 2020-ум 2252,7 ҳ. т. баробар шудааст, ки фаркияти он нисбат соли 2010-ум 106,2 фоизро ташкил медиҳад.




**Расми 2.3. - Динамикаи ҳаҷми боркашонӣ бо наклиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар байни шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, шаҳри Кӯлоб дар ҳамлу нақли борҳо бо нақлиёти автомобилӣ пешсаф аст. Ҳаҷми боркашонӣ соли 2020-ум дар шаҳри Кӯлоб ба 2611 ҳазор тонна баробар шудааст, ки нисбат ба даҳсолаи пеш, яъне соли 2010-ум 127,9  фоиз афзудааст, ки баробар ба 569,9 ҳаз.тонна бор зиёд

кашонида шудааст. Дар вилояти Хатлон бо нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан миқдори зиёди боркашониро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, хӯроквcovорӣ, хоҷагии ҷангал ва ғайра амалӣ гардонида мешавад. Аз ин лиҳоз, дар раванди ҳамлу накл бор хусусиятҳои намудҳои мухталифи борҳо бояд ба назар гирифта шаванд ва технологияи ташкил ва идоракунии интиқоли онҳо риоя карда шавад.

Чуноне, ки дар ҷадвали 2.1. оврада шудааст, ҳаҷми боркашонӣ ба ҳамаи намудҳои нақлиёт (якҷоя бо нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилии ҳамаи идораҳо, корхонаву ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти авомобилӣ доранд, инчунин бо нақлиёти автомобилии ашхоси воқеӣ, ки ба боркашонии тиҷоратӣ машғуланд ва бо дарназардошти бозҳисобии нақлиётҳои ғайриумум ва АВВАТ) дар вилояти Хатлон «соли 2012-ум 19842,5 ҳазор тонна, дар соли 2016-ум 21106,9 ҳазор тонна, дар соли 2019-ум 22423,9 ҳазор тонна ва дар соли 2020-ум 23277,6 ҳаз.тон. бор кашонида шудааст»[118].

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилояти Хатлон маҷмуи корҳои боркашонӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан ба анҷом расонида шудаанд. Фарқияти соли 2020-ум нисбат ба соли 2019-ум 3,8 фоизро ташкил дода баробар ба 853,7 ҳаз. тонна зиёд мебошад. Фарқияти ҳаҷми боркашони соли 2020-ум нисбат ба соли 2012-ум 17,3 фоизро ташкил дода, баробар ба 3435,1 ҳаз. тонна зиёд мебошад. Ин ва дигар нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 2.1 ва расми 2.4 оварда шудааст. Дар соли 2020-ум ҳаҷми боркашонии нақлиёти роҳи оҳан нисбат ба соли гузашта 108 ҳаз.тонна ё ин ки 22,4 фоиз зиёд шуда, 589,5 ҳаз. тоннаро ташкил додааст. Бо нақлиёти автомобилии Корхонаи воҳиди давлатии нақлиётии автомобили хизматрасони «Логистикӣ»-и минтақаи Бохтар ва идораҳои нақлиётии шаҳри Кӯлоб дар соли 2020-ум 7328 ҳаз. тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 61,1 фоиз зиёд мебошад[119].

---

[118] Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, (январ-декабри),. №3058, с.2019, 160., ва с.2020. 146с.

[119] Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, (январ-декабри) №3058, с.2019, 160., ва с.2020. 146с.

**Ҷадвали 2.1. Динамикаи ҳаҷми боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиёти вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2020**

| Номгӯи солҳо | Бор кашонида шуд, бо ҳисоби (ҳазор тонна) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Бор кашонида шудааст ҳамагӣ** | Аз он ҷумла: | **Бо Нақлиёти хушкигард** | **Бо Нақлиёти роҳи оҳан** | **Бо Нақлиёти автомобилӣ** | **Аз он ҷумла: бо нақлиёти соҳибкорони хусусӣ** | **Бо Нақлиёти хавоӣ** |
| **Соли 2012** | 19842,5 | | 19842,5 | 76,6 | 19765,9 | 14266,5 | - |
| **Соли 2013** | 18128,7 | | 18128,7 | 66,2 | 18062,3 | 14572,5 | 0,2 |
| **Соли 2014** | 18977,6 | | 18977,6 | 76,0 | 18901,5 | 14910,0 | 0,11 |
| **Соли 2015** | 20207,9 | | 20207,9 | 233,2 | 19974,7 | 15484,9 | - |
| **Соли 2016** | 21106,9 | | 21106,9 | 329,4 | 20777,5 | 15221,7 | - |
| **Соли 2017** | 21497,4 | | 21497,4 | 196,8 | 21300,6 | 13724,3 | - |
| **Соли 2018** | 21984,5 | | 21984,5 | 320,2 | 21664,3 | 10553,7 | - |
| **Соли 2019** | 22423,9 | | 22423,9 | 481,5 | 21942,4 | 10553,7 | - |
| **Соли 2020** | 23277,6 | | 23277,6 | 589,5 | 22688,1 | 10824,5 | - |
| **Фарқият 2020-2019 (%)** | 103,8 | | 103,8 | 122,4 | 103,3 | 102,5 | - |
| **Фарқият2020-2012 (%)** | 117,3 | | 117,3 | 7,6 бар | 114,7 | 7,5 бар | - |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Нишондиҳандаҳои омории ҳаҷми боркашонии нақлиёти автомобилии шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2012-2020-ум ноҳияҳое, ки бештар молу маҳсулот кашонидаанд, ин шаҳри Кӯлоб бо 2611 ҳазор тонна, ш. Бохтар бо 2252,7 ҳазор тонна, н. Данғара бо 1882 ҳазор тонна, н. Ҷ. Балхӣ бо 1724,1 ҳазор тонна, н. Ҷайҳун бо 1576,4 ҳазор тонна, н. Вахш бо 1538,2 ҳазор тонна пешсаф мебошанд.




**Расми 2.4. - Диаграммаи ҳаҷми боркашонӣ ва дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Ҳаҷми ҳамлу нақли боркашонӣ дар шаҳри Кӯлоб соли 2020-ум нисбат ба соли 2012-ум 144,9 фоизро ташкил намудааст, ки 809,8 ҳаз. тонна зиёд мебошад. Дар ин роста ш. Бохтар низ назаррас буда, нисбат ба солҳои таҳлил шаванда 2

баробар боло рафта, 1142,5 ҳаз тонна фарқият дорад. Ин ва дигар нишондиҳандаҳои ҳаҷми боркашонӣ бо наклиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон солҳои 2012-2020 дар ҷадвали 2.2 дар шакли пурра оварда шудааст. Дар мувофиқа ба маълумотҳои дар ҷадвал ва расми 2.5, ки дар зер овардашудааст метавон гуфт, ки ҳаҷми боркашонӣ бо нацлиёти автомобилӣ дар минтақаи Бохтар ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давоми солҳои таҳлилшаванла ба таври назаррас рушд намудааст.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки ҳаҷми ҳамлу нақли боркашонӣ бо нақлиёти автомболӣ дар минтақаи Бохтар соли 2020-ум нисбат ба соли 2019-ум 104,5 фоиз, ки фарқияти он баробар ба 606,2 ҳаз.тон. ва нисбат ба соли 2012-ум 131,4 фоиз, ки фарқияти он баробар ба 3358,6 ҳаз.тоннаро ташкил додааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамлу нақли борҳои бо нақлиёти автомобилӣ кашонидашуда дар вилоят 61,8 фоиз ба минтақа Бохтар ва 38,2 фоиз ба мин. Кӯлоб рост меояд.




**Расми 2.5. – Динамикаи ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар минтақаи Бохтар ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Минтақаи Бохтар, ки маркази вилоят ба ҳисоб меравад аз ин лиҳоз ҳаҷми боркашонӣ дар ин минтақа бештар ба назар мерасад, ки нисбат ба минтақаи Кӯлоб дар соли 2020-ум 5367,3 ҳаз. тонна бор зиёд кашонида шудааст. Мувофиқ ба маълумоти расми 2.1.5. дар минтақаи Кӯлоб ҳаҷми боркашонӣ соли 2020-ум нисбат ба соли 2019-ум 101,6 фоиз ва нисбат ба соли 2012-ум 127,09 фоизро ташкил медиҳад, ки дар давоми солҳои таҳлил шаванда 1846,4 ҳаз. тонна зиёд кашонида шудааст.

**Ҷадвали 2.2. Динамикаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми боркашонии нақлиёти автомобилии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2020**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Бор кашонида шуд, бо ҳисоби (ҳазор тонна) | | | | | | | | | 2020 нисбат ба 2019 % | 2020 нисбат ба 2012 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| **В. Хатлон** | 17483,1 | 18062,3 | 18901,5 | 19974,7 | 20777,5 | 21300,6 | 21664,3 | 21942,4 | 22688,1 | 103,3 | 129,7 |
| **ш. Бохтар** | 1110,2 | 1206,9 | 1312,4 | 1466 | 1508,7 | 1613,2 | 1660,8 | 1900,9 | 2252,7 | 118,5 | 2 бар |
| **н. Кӯшониён** | 861 | 867 | 894,2 | 990,1 | 1037 | 1110,5 | 1110,5 | 1111,4 | 1167 | 105 | 135,5 |
| **н. Вахш** | 1306,3 | 1376,2 | 1434,5 | 1437,8 | 1501,4 | 1515,2 | 1537,1 | 1537,3 | 1538,2 | 100 | 117,7 |
| **н. Хуросон** | 360,7 | 366 | 374,3 | 428 | 485 | 501,8 | 501,9 | 503,9 | 620 | 123 | 171,8 |
| **н. Дӯстӣ** | 349,2 | 354,5 | 375,1 | 387,3 | 399,3 | 403,6 | 405,5 | 408,2 | 425 | 104,1 | 121,7 |
| **н. Қубодиён** | 380,1 | 386,2 | 404,6 | 456 | 504,1 | 506,2 | 508,7 | 510,5 | 520,5 | 101,9 | 136,9 |
| **н. Ҷ. Балхӣ** | 1570,5 | 1586,2 | 1672,4 | 1703 | 1704,4 | 1709,4 | 1723,6 | 1723,6 | 1724,1 | 100 | 109,7 |
| **н. А. Ҷомӣ** | 423,6 | 459,3 | 474,2 | 528 | 548,5 | 556,3 | 556,4 | 556,4 | 570,1 | 102,4 | 134,5 |
| **н. Ҷайҳун** | 1244 | 1273 | 1308 | 1426,9 | 1501, | 1549 | 1561,2 | 1561,3 | 1576,4 | 100,9 | 126,7 |
| **н. Панҷ** | 349,8 | 354,6 | 369,7 | 406,9 | 441,9 | 447,2 | 450,8 | 452,7 | 460 | 101,6 | 131,5 |
| **н. Шаҳритуз** | 633,2 | 651,3 | 676,4 | 687,6 | 693,9 | 705,8 | 707,5 | 707,9 | 712,4 | 100,6 | 112,5 |
| **н. Ёвон** | 1294,9 | 1324,4 | 1339,7 | 1425,7 | 1452 | 1456,3 | 1466,2 | 1466,2 | 1467,6 | 100,09 | 113,3 |
| **н. Н. Хусрав** | 135 | 136,4 | 140,4 | 172,4 | 189,4 | 189,8 | 190,6 | 190,6 | 190,8 | 100,1 | 141,3 |
| **ш. Левакант** | 650,6 | 665,5 | 705,2 | 740,7 | 769 | 785,4 | 790,5 | 790,6 | 802,9 | 101,5 | 123,4 |
| **ш. Кӯлоб** | 1801,2 | 1848 | 1946,2 | 2112,6 | 2255,2 | 2384,7 | 2590,2 | 2594,5 | 2611 | 100,6 | 144,9 |
| **н. Муъминобод** | 380,7 | 394,1 | 396 | 403,4 | 410,5 | 420,1 | 420,5 | 420,9 | 476,3 | 113,1 | 125,1 |
| **н. Восеъ** | 863,7 | 870,6 | 927,6 | 942,5 | 946,9 | 961,1 | 965,5 | 966,8 | 988,6 | 102,2 | 114,4 |
| **н. Ҳамадонӣ** | 676,4 | 712,3 | 734,2 | 737,5 | 747 | 750,3 | 750,4 | 750,4 | 751 | 100,07 | 111,02 |
| **н. Фархор** | 807,3 | 822,4 | 881,3 | 914,2 | 925,1 | 941,4 | 941,5 | 955 | 956 | 100,1 | 118,4 |
| **н. Темурмалик** | 123,8 | 138,2 | 143,7 | 160,3 | 161 | 173,1 | 173,2 | 173,4 | 196,4 | 113,2 | 158,6 |
| **н. Данғара** | 1571,8 | 1575,2 | 1688,8 | 1721,4 | 1848 | 1765,4 | 1876,3 | 1881,8 | 1882 | 100,01 | 119,7 |
| **н. Ховалинг** | 226,9 | 235,4 | 237,9 | 258,4 | 265 | 267,3 | 270,5 | 271,8 | 274,9 | 101,1 | 121,1 |
| **н. Ш. Шоҳин** | 220,8 | 300,4 | 301 | 301,2 | 302,0 | 203,1 | 302,3 | 303,2 | 303,4 | 100,06 | 137,4 |
| **н. Балҷувон** | 59,5 | 60 | 64,3 | 67,6 | 74,2 | 79,8 | 82,1 | 82,5 | 100 | 121,2 | 168,06 |
| **ш. Норак** | 81,9 | 98,2 | 99 | 99,2 | 104 | 105,6 | 120,5 | 120,6 | 120,8 | 100,1 | 147,4 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар ноҳияи Ёвон, ки яке аз ноҳияҳои саноатӣ дар минтақаи Бохтар ба шумор меравад дар давоми соли 2019-ум 1467,6 ҳазор тонна бор кашонида, нисбат ба соли 2019-ум 100,09 фисад, яъне 1,4 ҳазор тонна ва назар ба соли 2012-ум 113,3 фисад баробар ба 172,7 ҳазор тонна афзудааст.

Аз нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 2.2 оварда шудааст, мушоҳида мешавад, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят афзоиши ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дида мешавад.

Гардиши боркашонӣ бо дарназардошти нақлиёти автомобилии соҳибкорон ва вазорату идораҳои ҳамаи намудҳои нақлиёт дар соли 2020-ум 2430400 ҳазор тонна км-ро ташкил медиҳад, ки фарқияти он нисбат ба соли 2016-ум 31,9 фоиз афзуда, баробар ба 589100 ҳазор тонна км зиёд гардидааст. Ҳаҷми гардиши боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар соли 2020-ум 2384500 ҳазор тонна км-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум 30,6 фисад зиёд буда, нисбат ба с. 2012-ум 92,9 фисад зиёд шудааст, ки баробар ба 1148549 ҳазор тонна км-ро дар бар мегирад. (ҷадвали 2.3.)

**Ҷадвали 2.3. Ҳаҷми гардиши боркашонӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои нақлиёт дар вилояти Хатлон солҳои 2012-2020**

| Номгӯи солҳо | Бор кашонида шуд, бо ҳисоби (ҳазор тонна км) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гардиши бор ҳамагӣ** | Аз он ҷумла: | **Бо Нақлиёти хушкигард** | **Нақлиёти роҳи оҳан** | **Нақлиёти автомобилӣ** | **Аз он ҷумла: бо нақлиёти соҳибкорони хусусӣ** | **Нақлиёти ҳавоӣ** |
| **Соли 2012** | 1934442,8 | | 1934442,8 | 1900 | 1235951 | 696590,9 | - |
| **Соли 2013** | 2139876,2 | | 2139400 | 1600 | 2137800 | 745800 | 476,2 |
| **Соли 2014** | 1657357,7 | | 1657000 | 2700 | 1654300 | 741000 | 357,7 |
| **Соли 2015** | 1758700 | | 1758700 | 11900 | 1746800 | - | - |
| **Соли 2016** | 1841300 | | 1841300 | 16100 | 1825200 | 783300 | - |
| **Соли 2017** | 1898700 | | 1898700 | 6800 | 1891900 | 850500 | - |
| **Соли 2018** | 1909100 | | 1909100 | 15700 | 1893400 | 808500 | - |
| **Соли 2019** | 2145200 | | 2145200 | 32600 | 2112600 | 755000 | - |
| **Соли 2020** | 2430400 | | 2430400 | 45900 | 2384500 | 835400 | - |
| **Фарқият 2020/2019** | 113,2 | | 113,2 | 140,7 | 112,8 | 110,6 | - |
| **Фарқият 2020/2012** | 125,6 | | 125,6 | 24,1бар | 192,9 | 119,9 | - |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3. бармеояд, ки гардиши бори нақлиёти роҳи оҳан дар соли 2020-ум баробар 45900 ҳазор тонна км рост омада, дар таносуб

нисбат ба соли 2019-ум 40,7 фоиз афзудааст, ки 32500 ҳазор тонна км. зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда соли 2012-ум 1900,0 ҳазор тонна км-ро ташкил додааст, ки фарқияти ин ва соли 2020-ум бараъло назаррас буда, соли 2020-ум нисбат ба соли 2012-ум дар давоми 8 сол 24,1 маротиба зиёд шудааст.




**Расми 2.6. - Диаграммаи ҳаҷми гардиши боркашонӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Бо нақлиёти соҳибкорони хусусӣ ҳаҷми гардиши боркашонӣ соли 2020-ум нисбат ба соли 2016-ум 10,6 фисад боло рафтааст, ки ин ба 80400 ҳазор тонна км баробар шудааст .

Дар раванди баҳодиҳии фаъолияти боркашонӣ ҷойи асосӣ ба омузиши ҳаҷми гардиши боркашонии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо дарназардошти нақлиёти автомобилии соҳибкорон ва ҳамаи вазорату идораҳо дода мешавад (ҷадвали 2.4.).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.4. бармеояд, ки дар соли 2020-ум нисбат ба 2012-ум афзоиши ҳаҷми гардиши боркашонии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо дарназардошти нақлиёти автомобилии соҳибкорон ва ҳамаи вазорату идораҳо дида мешавад. Ҳаҷми гардиши боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар ш. Бохтар 333951,5 ҳазор тонна км-ро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012 2,8 баробар зиёд буда, дар давоми ҳашт соли гузашта баробар ба 215421,5 ҳазор тонна км афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.4. Ҳаҷми гардиши боркашонии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо дарназардошти нақлиёти автомобилии соҳибкорон ва ҳамаи вазорату идораҳо дар солҳои 2012-2020**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Бор кашонида шуд, ба ҳисоби (ҳазор тонна км) | | | | | | | | | 2020 нисбат ба 2019 (%) | 2020 нисбат ба 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2012** | **Соли 2013** | **Соли 2014** | **Соли 2015** | **Соли 2016** | **Соли 2017** | **Соли 2018** | **Соли 2019** | **Соли 2020** | | |
| **Вилояти Хатлон** | 1969000 | 2137800 | 1654300 | 1746800 | 1825200 | 1891900 | 1893400 | 2112600 | 2384500 | 112,8 | 121,1 |
| **ш. Бохтар** | 118500 | 138500 | 122017,1 | 203619,1 | 206822,1 | 208745 | 210980 | 235219,8 | 333951,5 | 141,9 | 2,8 бар |
| **н. Кӯшониён** | 33800 | 42800 | 36068,2 | 41164,5 | 41967,6 | 43268,7 | 43270 | 52691,5 | 55791 | 105,8 | 165,06 |
| **н. Вахш** | 60000 | 68700 | 49181,5 | 54356,3 | 55689 | 58946,1 | 57980 | 64964,4 | 73398 | 112,9 | 122,3 |
| **н. Хуросон** | 12000 | 14200 | 11789,2 | 12419 | 12812 | 12814 | 12820 | 18013,1 | 30133 | 167,2 | 2,5 бар |
| **н. Дӯстӣ** | 17500 | 20500 | 15832,2 | 16125 | 18921,3 | 20145 | 20155 | 30220,2 | 56189 | 185,9 | 3,2 бар |
| **н. Қубодиён** | 14300 | 16400 | 14865 | 15280,3 | 19102 | 19913,4 | 19954,3 | 24461,8 | 36884,5 | 150,7 | 2,5 бар |
| **н. Ҷ. Балхӣ** | 60000 | 69800 | 57088,2 | 15685,2 | 64126,3 | 65672,6 | 65500 | 71520 | 78969 | 110,4 | 131,6 |
| **н. А. Ҷомӣ** | 16400 | 18600 | 15912,2 | 16217,5 | 17124,3 | 18352 | 18355 | 21812,4 | 38761 | 177,7 | 2,3 бар |
| **н. Ҷайҳун** | 1167000 | 1178000 | 837658,5 | 823831,6 | 829545,3 | 867945,6 | 856518,4 | 857464,2 | 867598 | 101,1 | 74,3 |
| **н. Панҷ** | 12000 | 13100 | 15548,5 | 15937,2 | 16798,2 | 17309 | 17310 | 21243,1 | 38994 | 183,5 | 3,2 бар |
| **н. Шаҳритуз** | 21000 | 25300 | 22151,2 | 23411 | 25878,4 | 26845,6 | 26400 | 35217,5 | 38110 | 108,2 | 181,4 |
| **н. Ёвон** | 52200 | 54600 | 44700 | 44989,2 | 51741,9 | 54685 | 54700 | 65199,2 | 74110 | 113,6 | 141,9 |
| **н. Н. Хусрав** | 3600 | 3600 | 3956,3 | 4522 | 5188 | 5189 | 5190 | 7046,2 | 8610 | 122,1 | 2,3 бар |
| **ш. Левакант** | 10900 | 13100 | 11458,1 | 12251,3 | 14602,3 | 15126 | 15026 | 18105,6 | 18529 | 102,3 | 169,9 |
| **ш. Кӯлоб** | 178900 | 218200 | 181042,5 | 184932,5 | 205112,5 | 208780 | 222940 | 284925,2 | 295515 | 103,7 | 165,1 |
| **н. Муъминобод** | 6600 | 8700 | 8072 | 8240,6 | 8999,6 | 9582,2 | 9583 | 11225 | 12730 | 113,4 | 192,8 |
| **н. Восеъ** | 29500 | 38300 | 33947,6 | 36128,6 | 39999 | 42461 | 42465 | 47887,6 | 58598 | 122,3 | 198,6 |
| **н. Ҳамадонӣ** | 22800 | 30600 | 26624,8 | 27059,3 | 28425,3 | 29685,1 | 29100 | 43192 | 49225 | 113,9 | 2,1 бар |
| **н. Фархор** | 57200 | 65800 | 60017,5 | 61933,2 | 63889,5 | 64818 | 63520 | 75846,2 | 85900 | 113,2 | 150,1 |
| **н. Темурмалик** | 4900 | 6900 | 6271,5 | 6327,3 | 7012 | 75,15,2 | 7516,5 | 10280 | 10535,5 | 102,4 | 2,1 бар |
| **н. Данғара** | 52400 | 70100 | 59002,2 | 59002,3 | 68512 | 70060 | 70070 | 86672,7 | 88690 | 102,3 | 169,2 |
| **н. Ховалинг** | 6000 | 7300 | 7441,5 | 7460,9 | 8012,4 | 8212 | 8212,7 | 9450,5 | 10206 | 107,9 | 170,1 |
| **н. Ш, Шоҳин** | 6000 | 7200 | 7442,5 | 7498,2 | 8025 | 8563 | 8563,1 | 10696,3 | 11798 | 110,2 | 196,6 |
| **н. Балҷувон** | 2300 | 3300 | 2798,2 | 2948,7 | 3295 | 3570 | 3571 | 4680 | 5235 | 111,8 | 2,2 бар |
| **ш. Норак** | 3200 | 4200 | 3413,5 | 3459,2 | 3599 | 3696,6 | 3700 | 4565,5 | 5540 | 121,3 | 173,1 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2020-ум гардиши бори нақлиёти автомобилии Корхонаҳои воҳидии давлатии нақлиёти автомобилии хизматрасонии «Логистикӣ»-и минтақаи Бохтар ва идораи нақлиёти шаҳри Кӯлоб ба андозаи 21,1 фисад нисбат ба соли 2012 зиёд гардидааст, ки баробар ба 415500 ҳазор тонн км зиёд мебошад.

Таносуби нақлиёти авомобилии Корхонаи воҳидии давлатии нақлиёти автомобилии хизматрасонии «Логистикӣ»-и минтақаи Бохтар ва идораҳои нақлиётии шаҳри Кӯлоб дар ҳаҷми умумии гардиши боркашонӣ дар соли 2016-ум аз ҷадвали 2.4. ба назар мерасад, ки нисбат ба соли 2012-ум -7,3 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо дар солҳои охир, яъне соли 2019-ум нисбат ба соли 2016 15,7 фоиз ва нисбат ба соли 2012-ум 7,2 фоизро ташкил додааст.

Дар шароити муосири иқтисодӣ фаъолияти нақлиёт ҷаҳонӣ мегардад. Ин бо густариши ҳамаҷонибаи намудҳои нақлиёт дар тамоми силсилаи таъминоти маҳсулот оварда мерасонад.

Рушди инфрасохтори нақлиётие, ки ба хизматрасонии боркашонӣ алоқамандӣ дорад, пеш аз ҳама, дастрасии минтақаҳои маҳдуд, сифат, сатҳи зиндагӣ, миёнаравии аҳолӣ, озодиҳои ҳаракати мол, таъмини хизматрасонӣ ва фаъолияти иқтисоди хориҷиро муайян мекунад.

Барои беҳтар шудани сифати хизматрасонии нақлиётии боркашонӣ, ташкили ҳамлу нақли автомобилии борҳо аз рӯйи марҳалаҳои зерин ба роҳ мондан зарур аст[120].

Яке аз самтҳои дигари рушди хизматрасонии нақлиётии боркашонӣ ин вусъат додани шабакаҳои роҳи оҳан мебошад, ки тақрибан 90 фисади ҳамлу нақли борҳоро берун аз ҷумҳурӣ тавассути роҳи оҳан анҷом дода мешаванд.

Нақлиёт нақши муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ дорад ва ҷузъи зарурии рушди пешрафтаи ҷомеа мебошад. Ҳаракати мусофирон яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодии мамлакати мо ба ҳисоб рафта, шабакаи нақлиёт яке аз васеътарин шабака дар ҷаҳон мебошад.

---

[120] Раҳимова Р.Ҳ., Ҳотамӣ И. Ҳамлу нақли автомобилии борҳо.-Душанбе-2015.-240с.

Мусофиркашонӣ аз рӯйи маҷмуи ҳамаи мусофироне ҳисоб карда мешавад, ки бо воситаҳои нақлиёт чи дар дохили мамлакат ва чи дар роҳҳои байналхалқӣ, сарфи назар аз он ки дар мавриди пардохти ҳаққи мусофиркашонӣ, аз он ҷумла мусофироне, ки бепул, инчунин бо чиптаи бепул ҳуқуқи рафтуомад карданро доранд, кадом тарифе татбиқ мегардад, кашонида мешаванд.

Гардиши мусофир ҳаҷми корҳои иҷрошударо аз рӯйи мусофиркашонӣ бо дарназардошти масофае, ки мусофирон кашонида шудаанд, тавсиф мекунад.

Нақлиёт ҳамчун намуди фаъолияти хоҷагӣ ба нақлиёти истифодаи умум ва ғайриумум ҷудо мешавад.

Нақлиёти истифодаи умум нақлиётест, ки талаботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро дар боркашонӣ ва мусофиркашонӣ қонеъ намуда, намудҳои гуногуни маҳсулотро байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мекашонанд ва ба ҳамаи аҳолӣ хизмати дастраси умум мерасонанд.

Нақлиёти истифодаи ғайриумумӣ (идоравӣ), одатан барои мусофирони корхонаю иттиҳодияи (ассосиатсия, консерн ва ғайра) худро мекашонанд.

Аҳамияти нақлиёти мусофирбар ҳамчун унсури соҳаи ғайриистеҳсолии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир аз афзоиши таъсири омилҳои зерин ба ҳаёти ҷомеа вобаста аст.

Дар вилояти Хатлон соли 2020-ум бо ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофиркашонии ҳамаи идораҳо, корхонаю ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти автомобилӣ доранд, (бо дарназардошти бозҳисоби шумораи мусофирони кашонидаи соҳибкорони хусусӣ ва нақлиёти истифодаи ғайриумум, АВВАТ ва бо нақлиёти роҳи оҳану ҳавоӣ) 101278,9 ҳазор нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 5,5 фоиз ва соли 2012–ум 2,6 баробар фарқият дошта 62444,9 ҳаз. нафар мусофир зиёд кашонида шудааст. Дар соли 2020-ум бо нақлиёти истифодаи умум 86908 ҳазор нафар мусофир кашонидашуда, нисбат ба соли 2019-ум 7,2 фоиз афзудааст. Ин ва дигар маълумот дар ҷадвали 2.5. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5. Динамикаи нишондиҳандаҳо оид ба мусофиркашонӣ тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт дар вилояти Хатлон**

| Номгӯи солҳо | Мусофир кашонида шуд, бо ҳисоби (ҳазор нафар мусофир) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Мусофир кашонида шуд, ҳамагӣ** | Аз он чумла: | **Бо Нақлиёти хушкигард** | **Бо Нақлиёти роҳи оҳан** | **Бо автобус (якҷоя бо таксомоторҳо)** | **Бо Нақлиёти ҳавоӣ** |
| **Соли 2012** | 38834,5 | | 38565,5 | 3900 | 34662,5 | 67400 |
| **Соли 2013** | 42309,5 | | 42090,2 | - | 42090,2 | 219,3 |
| **Соли 2014** | 50956,6 | | 50792,2 | - | 50792,2 | 164,4 |
| **Соли 2015** | 62409,5 | | - | - | 62409,5 | - |
| **Соли 2016** | 72955,1 | | 72955,1 | - | 72955,1 | - |
| **Соли 2017** | 77413,2 | | 77387 | - | 77387 | 26,2 |
| **Соли 2018** | 84354,8 | | 84354,8 | 42,3 | 84287,7 | 24,8 |
| **Соли 2019** | 95949,3 | | 95949,3 | 44,3 | 95905 | - |
| **Соли 2020** | 101278,9 | | 101278,9 | 34,1 | 101244,8 | - |
| **Фарқият 2020-2019** | 105,5 | | 105,5 | 76,9 | 105,5 | - |
| **Фарқият 2020-2012** | 2,6 бар | | 2,6 бар | - | 2,9 бар | - |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар соли 2019-ум нақлиёти истифодаи умум, якҷоя бо ассотсиатсияҳои нақлиётӣ ва терминалҳои мусофиркашонӣ 84,5 фоиз ва дар соли 2020-ум 85,8 фоиз ҳаҷми умумии мусофиркашониро дар вилояти Хатлон ташкил медиҳанд. Мувофиқи маълумоти омории дар ҷадвали 2.5. оварда шуда аз солҳои 2013 то соли 2017-ум бо нақлиёти роҳи оҳан мусофир кашонида нашудааст.

Бо нақлиёти роҳи оҳан дар соли 2018-ум 42,3 ҳазор нафар мусофир, дар соли 2019-ум 44,3 ҳазор нафар мусофир, дар соли 2020-ум бошад ин нишондиҳанда ба 34,1 ҳаз. наф. мус. баробар шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019-ум 23,1 фисад кам мебошад. Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали дар боло овардашуда хулоса намудан мумкин аст, ки тули солҳои охир баъд аз амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоқикистон, ки ин «аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтани мамлакат» буд рушди хизматрасонии соҳаи нақлиёти мусофиркашонӣ дар минтақаи вилояти Хатлон назаррас мебошад.

**Ҷадвали 2.6. Динамикаи ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тӯли солҳои 2012-2020**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Мусофир кашонида шуд, бо ҳисоби (ҳазор нафар мусофир) | | | | | | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2019 (%) | Соли 2020 нисбат ба соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2012** | **Соли 2013** | **Соли 2014** | **Соли 2015** | **Соли 2016** | **Соли 2017** | **Соли 2018** | **Соли 2019** | **Соли 2020** | | |
| **Вилояти Хатлон** | 39128,9 | 42090,2 | 50792,2 | 62409,5 | 72955,1 | 77387 | 84287,7 | 95905 | 101244,8 | 105,5 | 2,5 бар |
| **ш. Бохтар** | 2017,9 | 2187,2 | 2896,7 | 3943,9 | 5501,3 | 6560,7 | 8674,9 | 10788 | 14735 | 136,5 | 7,3 бар |
| **н. Кӯшониён** | 1946,2 | 2034,6 | 2412,5 | 3063,1 | 3374,2 | 3374,8 | 3486,2 | 3792,3 | 3793 | 100,01 | 194,8 |
| **н. Вахш** | 1839,1 | 2073,2 | 2525,5 | 2894,6 | 3294,8 | 3386,1 | 3390,1 | 3450 | 3460 | 100,2 | 188,1 |
| **н. Хуросон** | 603,4 | 703,1 | 805,1 | 998 | 1261 | 1261,3 | 1261,4 | 1261,4 | 1262 | 100,04 | 2 бар |
| **н. Дӯстӣ** | 638,7 | 702,5 | 796 | 901 | 1014 | 1018,5 | 1156 | 1170,5 | 1190 | 101,6 | 186,3 |
| **н. Қубодиён** | 1069 | 1141 | 1419,3 | 1654,1 | 1966,5 | 1966,8 | 2046,5 | 2119,6 | 2120,7 | 100,05 | 198,3 |
| **н. Ҷ. Балхӣ** | 3179,5 | 3312 | 4031,1 | 4858,2 | 5419,9 | 5595 | 5695 | 6005,5 | 6180 | 102,9 | 194,3 |
| **н. А. Ҷомӣ** | 1046,2 | 1055 | 1344 | 1682,6 | 1826,6 | 1826,9 | 1891,7 | 1928,7 | 1930 | 100,06 | 184,4 |
| **н. Ҷайҳун** | 1023 | 1211,2 | 1327,6 | 1747,3 | 1765,2 | 1766,2 | 1827,5 | 1993,1 | 1995,1 | 100,1 | 195,02 |
| **н. Панҷ** | 541,2 | 571,5 | 767,2 | 1102,2 | 1383,3 | 1528 | 1533,2 | 1690,1 | 1706 | 100,9 | 3,1 бар |
| **н. Шаҳритуз** | 1027,5 | 1085,2 | 1294,5 | 1792,6 | 1914,2 | 1964,7 | 1989 | 2236,4 | 2237 | 100,02 | 2,1 бар |
| **н. Ёвон** | 1762,9 | 1882,9 | 2286,6 | 2938,1 | 3216 | 3285,5 | 3386,4 | 3649 | 3650 | 100,02 | 2,1 бар |
| **н. Н. Хусрав** | 230,2 | 232,2 | 272,8 | 340 | 388,5 | 424,3 | 463,6 | 463,5 | 463,5 | 100 | 2,01 бар |
| **ш. Левакант** | 3790,4 | 4088,7 | 5151,6 | 6234,2 | 7077,6 | 7365,8 | 7575 | 8928 | 9028 | 101,1 | 2,3 бар |
| **ш. Кӯлоб** | 5287 | 5571 | 6938,2 | 6494 | 11799,3 | 13104,8 | 15913,1 | 18327,3 | 18979,3 | 103,5 | 3,5 бар |
| **н. Муъминобод** | 428,7 | 457 | 509 | 576 | 650,2 | 657,8 | 680,1 | 818,2 | 819,1 | 100,1 | 191,06 |
| **н. Восеъ** | 2470,9 | 2587,5 | 3222,6 | 3996,5 | 4946,1 | 5407,6 | 5412 | 6292,3 | 6316 | 100,3 | 2,5 бар |
| **н. Ҳамадонӣ** | 2226,2 | 2335,8 | 2949 | 3259 | 3978 | 4056 | 4138,1 | 4745,5 | 4845 | 102,09 | 2,1 бар |
| **н. Фархор** | 2990,5 | 3047,2 | 3592,5 | 3988 | 4474,9 | 4564,2 | 4653,5 | 5503,6 | 5503,8 | 100,003 | 184,04 |
| **н. Темурмалик** | 420 | 421,2 | 451,2 | 480 | 482 | 493,1 | 510,3 | 650,2 | 870 | 133,8 | 2,07 бар |
| **н. Данғара** | 3365,5 | 4128,2 | 4417,7 | 4937,7 | 5506,2 | 6044 | 6845,2 | 8263,6 | 8264 | 100,004 | 2,4 бар |
| **н. Ховалинг** | 303,3 | 320,6 | 354,6 | 391 | 424,9 | 425,5 | 430,1 | 458,2 | 525 | 114,5 | 173,09 |
| **н. Ш. Шоҳин** | 675 | 675,2 | 722,5 | 750 | 850,2 | 850,4 | 860,5 | 860,6 | 861,3 | 100,08 | 127,6 |
| **н. Балҷувон** | 90,6 | 100,4 | 111,3 | 157 | 177,2 | 178,2 | 178,3 | 178,9 | 179 | 100,05 | 197,5 |
| **ш. Норак** | 156 | 165,8 | 193,1 | 230,4 | 263 | 281 | 290 | 330,5 | 332 | 100,4 | 2,1 бар |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Рушди наклиёти мусофиркашонии вилояти Хатлонро аз динамикаи мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи маълумоти оморие, ки дар ҷад. 2.6. оварда шудааст қайд намудан бо маврид аст, ки дар миёни шаҳру ноҳияҳои вилоят ш. Бохтар ва ш. Кӯлоб дар соҳаи хизматрасонии мусофиркашонӣ пешсаф мебошанд.

Дар ш. Бохтар соли 2019-ум 14735 ҳазор нафар мусофир кашонида шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019-ум 3947 ҳаз. наф. мус. зиёд кашонида шудааст, ки 136,5 фоиз фарқият намудааст. Агар ин нишондиҳандаи соли 2020-умро мо ба соли 2012 нисбат бидиҳем, он 7,3 маротиба зиёд мебошад. Дар ин радиф нишондиҳандаи ш. Кӯлоб низ назаррас мебошад. Дар соли 2019-ум динамикаи мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар ш. Кӯлоб нишон медиҳад, ки 18979,3 ҳаз. наф. мус. кашонида шуда, нисбат ба соли 2019-ум 3,5 фоиз ва нисбат ба соли 2012-ум 3,5 маротиба зиёд мебошад (расми 2.7.).




**Расми 2.7. - Диаграммаи ҳаҷми мусофиркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар вилояти Хатлон мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши мусофирон ба ҳамаи намудҳои нақлиёт соли 2020-ум 1724700 ҳазор мусофир км-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2019-ум 14,5 фисад зиёд шудааст, ки ин 218800 ҳаз. мусофир км фарқ мекунад. Бо нақлиёти роҳи оҳан гардиши мусофиркашонӣ соли 2020-ум 6100,0 ҳаз. мусофир км-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2019-ум 11,6 фоиз кам

буда, нисбат ба соли 2012-ум, 75,3 фоизро ташкил додааст, ки -18500 ҳаз. мусофир км кам мебошад ҷадвали 2.7.

**Ҷадвали 2.7. Динамикаи гардиши мусофирон бо ҳамаи намуди нақлиёт дар вилояти Хатлон**

| Номгӯи солҳо | Гардиши мусофир, бо ҳисоби (ҳазор мусофир км) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гардиши мусофир, ҳамагӣ** | Аз он чумла: | **Бо Нақлиёти хушкигард** | **Бо Нақлиёти роҳи оҳан** | **Бо автобус (якҷоя бо таксомоторҳо)** | **Бо Нақлиёти ҳавой** |
| **Соли 2012** | 852500 | | 648100 | 24600 | 623500 | 204400 |
| **Соли 2013** | 1506400 | | 814300 | - | 10,7 | 3,5 бар |
| **Соли 2014** | 1503600 | | 967900 | - | 967900 | 535700 |
| **Соли 2015** | 10121000 | | - | - | 10121000 | - |
| **Соли 2016** | 1104300 | | 1104300 | - | 1104300 | - |
| **Соли 2017** | 1174200 | | 1104800 | - | 1104800 | 64000 |
| **Соли 2018** | 1291800 | | 1291800 | 3100 | 1228500 | 60200 |
| **Соли 2019** | 1505900 | | 1505900 | 6900 | 1499000 | - |
| **Соли 2020** | 1724700 | | 1724700 | 6100 | 1718000 | |
| **Фарқият 2020-2019** | 114,5 | | 114,5 | 88,4 | 114,6 | - |
| **Фарқият 2020-2012** | 2,02 бар | | 2,6 бар | 24,7 | 2,7 бар | - |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Агар ба нишондиҳандаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон назар афканем мувофиқи маълумоти омории ҷадвали 2.8. динамикаи гардиши мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ дар ш. Кӯлоб нишон медиҳад, ки дар соли 2020-ум 250257 ҳаз. мусофир км кашонида шуда, нисбат ба соли 2019-ум 21,4 фоиззиёд шуда, фарқияти он 44133,1 ҳаз. наф. мус. км-ро ташкил медиҳад. Дар ш. Бохтар гардиши боркашони дар соли 2020-ум 42,8 фоиз нисбат ба соли гузашта боло рафта нисбат ба соли 2012-ум 4,3 баробар фарқият мекунад.

Аз динамикаи гардиши мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки дар ҷадвали 2.7. ва 2.8. оварда шудааст, рушди соҳаи хизматрасонии мусофирбарӣ соли 2020-ум нисбат ба ҳашт соли таҳлил шаванда мушоҳида мешавад. Махсусан қайд намудан мумкин аст, ки н. Кушониён 2,1 баробар, н. Вахш 2,1 баробар, н. Н. Хусрав 2,2 баробар, н. Темурмалик 2,09 баробар ва дигар шаҳру ноҳияҳо зиёда аз 150 фоизро ташил медиҳанд.

**Ҷадвали 2.8. Динамикаи гардиши мусофирон бо нақлиёти автомобилии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2020**

| Номгӯи шахру ноҳияҳо | Гардиши мусофирон, бо ҳисоби (ҳазор мусофир км.) | | | | | | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2019 | Соли 2020 нисбат ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | | |
| **Вилояти Хатлон** | 798700 | 814300 | 967900 | 1021000 | 1078700 | 1104800 | 1228500 | 1499000 | 1718000 | 114,6 | 2,1 бар |
| **ш. Бохтар** | 55600 | 57700 | 63757,1 | 66955,9 | 78799,4 | 80360,7 | 110207 | 168871,2 | 241183,6 | 142,8 | 4,3 бар |
| **н. Кӯшониён** | 33000 | 33700 | 37581,8 | 38992,3 | 45874 | 45877 | 45888 | 69495,3 | 69500 | 125,3 | 2,1 бар |
| **н. Вахш** | 30400 | 31400 | 37373,4 | 39121 | 45889 | 45905,4 | 53210,4 | 55430 | 66006,5 | 119,08 | 2,1 бар |
| **н. Хуросон** | 16100 | 16200 | 17646,5 | 18844,6 | 20341 | 20580 | 20746 | 25392,4 | 30159 | 118,7 | 187,3 |
| **н. Дӯстӣ** | 13600 | 13900 | 15044,7 | 15415,5 | 16128,3 | 16668 | 18342 | 22444,4 | 24947 | 111,1 | 183,4 |
| **н. Қубодиён** | 29400 | 30500 | 35150,6 | 37306,5 | 40364 | 40630,9 | 41390 | 42850 | 42950 | 100,2 | 146,08 |
| **н. Ҷ. Балхӣ** | 43600 | 43600 | 54850,2 | 56946 | 62858 | 63879,2 | 64980 | 68650 | 78890 | 114,9 | 180,9 |
| **н. А. Ҷомӣ** | 24000 | 24000 | 30004,5 | 33305 | 38989 | 38994,5 | 40510 | 43236,6 | 45366 | 104,9 | 189,02 |
| **н. Ҷайҳун** | 101400 | 102500 | 129992,8 | 141406 | 131501 | 136105 | 139180 | 155518,6 | 156520,4 | 100,6 | 154,3 |
| **н. Панҷ** | 12200 | 12500 | 14921,5 | 15233,8 | 18048 | 18052,4 | 19050 | 21598,5 | 23766 | 110 | 194,8 |
| **н. Шаҳритуз** | 27800 | 28200 | 33592,4 | 36000 | 37707 | 37925 | 39550 | 52558 | 60396,5 | 114,9 | 2,1 бар |
| **н. Ёвон** | 37000 | 37100 | 43513,1 | 46790,6 | 49393 | 49396 | 53150 | 56127,5 | 82063 | 146,2 | 2,2 бар |
| **н. Н. Хусрав** | 15800 | 16200 | 18169 | 18866,2 | 18887 | 19281,1 | 19784 | 25363,6 | 25470 | 100,4 | 161,2 |
| **ш. Левакант** | 53400 | 53400 | 61083,3 | 63980,6 | 64444 | 64608 | 68150 | 82047,9 | 99450 | 121,2 | 186,2 |
| **ш. Кӯлоб** | 68700 | 68700 | 90070,6 | 95856,9 | 103732 | 108090 | 148353,4 | 206123,9 | 250257 | 121,4 | 3,6 бар |
| **н. Муъминобод** | 19400 | 21000 | 23152,2 | 25309,8 | 20412 | 24415 | 25012 | 26015 | 28060 | 107,8 | 144,6 |
| **н. Восеъ** | 42500 | 43500 | 52087,7 | 53299,6 | 55725,9 | 60135,2 | 66565 | 75654,5 | 81430 | 107,6 | 191,6 |
| **н. Ҳамадонӣ** | 30300 | 31400 | 34650,6 | 35861,3 | 36109 | 38738,4 | 39738 | 48254 | 50280 | 104,1 | 165,9 |
| **н. Фархор** | 38000 | 38400 | 46601,5 | 48182,5 | 51612,4 | 51613 | 55615 | 71766,5 | 71770,5 | 100,01 | 188,8 |
| **н. Темурмалик** | 9000 | 10800 | 12126,6 | 12139,7 | 12440 | 12549 | 14539 | 16795,6 | 18898 | 112,5 | 2,09 бар |
| **н. Данғара** | 41400 | 42400 | 51400,4 | 52370 | 59538 | 59905 | 65550 | 76793,5 | 81694 | 106,3 | 197,3 |
| **н. Ховалинг** | 12000 | 12200 | 15330,6 | 15732,3 | 16060 | 16080 | 17469 | 20278,9 | 20280,9 | 100,01 | 169,01 |
| **н. Ш, Шоҳин** | 12200 | 12600 | 15675,2 | 16063,0 | 16156 | 16160 | 17469 | 20294,1 | 20402 | 100,5 | 167,2 |
| **н. Балҷувон** | 15900 | 16200 | 16709,5 | 18392,3 | 18551 | 19553,4 | 24150 | 25396 | 25800 | 101,5 | 162,2 |
| **ш. Норак** | 16000 | 16200 | 17414,2 | 18628,6 | 19141 | 19297 | 19902,2 | 22034 | 22459,6 | 101,9 | 140,3 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф мувофиқи маълумоти омории солҳои 2012-2020-и Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Дар шароити муосир барои рушди иқтисодиёти миллӣ нақши терминалҳои наздисарҳадӣ муҳим шуморида мешавад. Дар ин раванд, омӯзиши терминалҳои наздисарҳадӣ тақозо менамояд, ки мавқеъи онро барои ҳаракат байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он бо назардошти истифодабарии онҳо ҷудо намояд.

«Терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007-ум таҳти №212 «Дар бораи убури транзити воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилаии автомобилӣ» ташкил карда мешаванд»[121].

Терминалҳои наздисарҳадӣ аз ҳисоби маблагузории ташкилотҳои байнулмилалии молиявӣ, карзҳои бонкӣ, грантҳо ва дигар манбаъҳои маблағҷудокуниҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, бунёд карда мешаванд.

Ба вазифаҳои асосии терминалҳои наздисарҳадӣ дохил мешаванд:

- қабули воситаҳои нақлиёти хориҷӣ ва ватанӣ ба ҳудуди терминали наздисарҳадӣ;

- бақайдгирии воридоту содироти воситаҳои нақлиёт;

- таъмини истгоҳҳои муваққатӣ барои нигоҳдории воситаҳои нақлиёт;

- ташкили санҷиши ҳолати техникӣ ва санитарии воситаҳои нақлиёт;

- ташкили раванди борфурорӣ ва боркунӣ.

Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути 18 терминали наздисарҳадӣ, ки аз он 7 ададаш мақоми байналмилалӣ ва 11 адади дигар мақоми дуҷонибаро доранд, дар доираи муқаррароти 9 конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз шумораи терминалҳои номбурда дар .Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ дорои 2 терминал, ВМКБ доро 2 терминал, вилояти Суғд дорои 12 терминал ва дар вилояти Хатлон низ ду терминали наздисарҳадӣ фаъолият

[121] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.10.2010 № 527 Дар бораи убури транзити воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилаии автомобилӣ.

мекунад, ки воридот ва содироти молу маҳсулат ба кишварҳои ҳамсоя тавассути ин терминалҳо сурат мегиранд.

Аз ҷумла :

1. Панҷи-Поён (н. Ҷайҳун) – Шерхонбандар (Афғонстон);
2. Айвоҷ (н. Шаҳритуз) – Ӯзбекистон.

Масъалаҳои воридоту содирот ва убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси харитаҳои технологӣ ба танзим медароранд.

Гузариши воситаҳои нақлиёти як давлат тавассути каламрави давлати дигар ба давлати сеюм убури транзитӣ ба ҳисоб меравад.

«Хатсайрҳои ҳаракат ва убури транзитии воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007 № 212 «Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байлалмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди термималҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ» муайян карда шуда, бо Харитаҳои технологии мазкур ба танзим дароварда мешаванд»[122]. Дар ҷадвали 2.9. Нишондиҳандаҳои воридот ва содироти воситаҳои нақлиётӣ аз рӯи гузаргоҳҳои сарҳадии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.9. Нишондиҳандаҳои воридот ва содироти воситаҳои нақлиётӣ аз рӯи гузаргоҳҳои сарҳадии минтақаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Шумораи воситаҳои нақлиётӣ** | **Иҷроиш (воридот/содирот)** | | **с.2020 нисбат ба с.2019(воридот/содирот)** | |
|---|---|---|---|---|
| | **2020с.** | **2019с.** | **%** | **+\- (адад)** |
| Вилояти Хатлон | | | | |
| Айвоҷ (н.Шаҳртус) | 1075/1086 | 5796/5698 | 18,5/19,1 | -4721/-4612 |
| Панҷи Поён (н.Ҷайҳун) | 10913/10988 | 12836/12987 | 85,0/84,6 | -1923/-1999 |

**Сарчашма:** Маълумотномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019-2020

[122] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.10.2010 № 527 Дар бораи убури транзити воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилаии автомобилӣ.

Аз таҳлилҳои ҷадвали боло хулоса бармеояд, ки соли 2020 бо сабаби ба миён омадани бемории Covid-19 воридот ва содироти автомобилҳо дар маҷмӯъ, яъне ҳам боркаш ва мусофиркаш нисбат ба соли 2019 қариб дар тамоми гузаргоҳҳои сарҳадӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла дар вилояти Хатлон кам гардидааст. Соли 2020-ум воридот аз гузаргоҳи сарҳадии Айвоҷ (н. Шаҳритуз), 81,5 фоиз нисбат ба соли гузашта кам гардидааст, ки баробар ба -4721 адад мебошад. Содирот аз ин гузаргоҳ 19,1 фоизро ташкил додааст, ки баробар ба -4612 адад мебошад. Танҳо ин нишондиҳанда дар гузаргоҳи сарҳадии Панҷи-Поён (н. Ҷайҳун) мушоҳида намудан мумкин аст, ки каме нисба ба гузаргоҳи сарҳадии Айвоҷ (н. Шаҳритуз), зиёд гардидааст.

Дар вилояти Хатлон ба ғайр аз якчанд анбор (сардхонаҳо), ки барои муваққатан муътадил нигоҳ доштани сифати маҳсулот пешбинӣ шудаанд, корхонаҳои логистикӣ барои нигоҳ доштани бор ба қайд гирифта нашудааст. Мувофиқи маълумотҳои Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон дар соли 2020-ум, вилоят дорои зиёда аз 22 анбор ва 45 сардхона барои нигоҳдоштани молу маҳсулот мебошад. Аз ҷумлаи анборҳои фаъолияткунанда дар вилоят, ҶДММ «Фаровон» дар ш. Бохтар бо ғунҷоиши 200 тонна, ҶДММ «Бозори Ҳоҷи Шариф» дар ш. Бохтар бо ғунҷоиши 500 тонна, Ассотсиатсияи «Хушаи Заррин»-и н. Муъминобод бо ғунҷиши 50 тонна ва ҶДММ «Бозори Сомониён»-и ш. Норак бо ғунҷоиши 400 тонна мебошад, ки зиёда аз 54 фоизи молу маҳсулоти анборшавандаро дар вилоят нигоҳ медоранд.

Барои дар шароити хуб нигоҳ доштани молу маҳсулоти кишоварзӣ инчунин берун аз вилоят ва ҷумҳури бо сифатин нисбатан хуб содирот намудани онҳо сардхонаҳо накши муҳим мебозанд. Мувофиқ ба маълумотҳои Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон, яке аз сардхонаҳои калонтарин дар ш. Бохтар ҶСШК «Хурокворӣ» мебошад, ки ғунҷоишаш 2900 тоннаро ташкил дода, дар соли 2020-ум зиёда аз 300 тонна бор нигоҳдорӣ намудааст, ки аз ҷумлаи онҳо 150 тонна пиёз, 70 тонна сабзӣ  ва 80 тонна дигар намуди маҳсулотҳо мебошанд. Инчунин сардхонаи ҷамоати деҳоти Заргари н. Кӯшониён бо ғунҷоиши 2000 тонна, сардхонаи кучаи Рӯдакии ш. Левакант бо ғунҷоиши 1000 тонна, сардхонаи

ҷ/д Фахрободи н. Хуросон бо ғунҷоиши 1000 тонна, сардхонаи ҷ/д Себистони н. Данғара бо ғунҷоиши 900 тонна ва сардхонаи ш. Кӯлоб бо ғунҷоиши 400 тонна фаъолияти назарас доранд. Умуман, дар вилояти Хатлон барои захира намудани зиёда аз 4202 тонна бор анборҳо сохта шуда, барои нигоҳ доштани заёда аз 20390 тонна маҳсулотҳои кишоварзи сардхонаҳо фаъолият мекунанд.

Дар маркази вилояти Хатлон ш. Бохтар як корхонаи Раёсати Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилии хизматрасонии логистикӣ» ҳамчун корхонаи ваколатдор оид ба пешбурди сиёсати ягонаи нақлиётӣ таъсис дода шудааст, ки яке аз самтҳои фаъолияташ хизматрасониҳои логистикӣ ба ҳисоб меравад.

Раёсати Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилии хизматрасонии логистикӣ» дар минтақаи Бохтар ва минтақаи Кӯлоб бо фармоиши Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 8-уми августи соли 2017-ум таҳти №185 таъсис дода шудааст.

Раёсат, аз сохторҳои «дастгоҳи марказӣ», «шуъбаҳо», ва «бахшҳои минтақавӣ (шаҳру ноҳиявӣ)» иборат мебошад. Раёсат бо забони тоҷикӣ: Раёсати Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» дар минтақи Бохтар ва минтақаи Кӯлоб, ихтисоран: РМД «НАваХЛ» дар минтақаи Бохтар ё ин ки минтақаи Кӯлоб ном бурда мешавад. Маҳали ҷойгиршавии Раёсат дар вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Ваҳдат-44 «А» ва дар шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сомонӣ 1/2 ҷойгир мебошад.

Раёсат мутобиқи ваколатҳои базимадошта, вазифаҳои мухталифро иҷро мекунад[123].

Инчунин Раёсати Муассисаи давлатии НА ва ХЛ, ҳуқуқ ва уҳдадор аст, ки ҳамчун мақомоти ваколатдор оид ба идоракунии давлатии соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар қаламрави вилоят, муносибатҳои худро бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сарфи назар аз шакли моликият дар ҳама намуди хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ дар асоси шартнома ва созишномаҳо ба роҳ мемонад.

---

[123] Маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

Хусусияти хоси нақлиёт ҳамчун як соҳаи иқтисодиёт дар он аст, ки мол истеҳсол намекунад, танҳо дар раванди бавуҷудоварии молҳо бо роҳи таъмин намудан бо ашёи хом, мавод, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва интиқоли маҳсулоти тайёр ба истеъмолкунанда иштирок варзида, мувофиқан арзиши маҳсулоти истеҳсолшударо мувофиқи хароҷоти нақлиётӣ, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохил мешавад, зиёд мекунад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳамаи корхонаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон, ки корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ, саҳомӣ, муштарак ва ё кооперативӣ мебошанд дар асоси усулҳои ҳисоби тиҷорат фаъолият намуда, ки мақсади асосии онҳо қонеъгардонидани талаботи истеъмеолкунандагон ва гирифтани фоида бештар мебошад.

Дар вилояти Хатлон зиёда аз 50 корхона ва муассисаҳои нақлиётии боркашонӣ ва мусофирбарӣ фаъолият мекунад, ки аз ҷумлаи он корхонаҳои мусофирбарӣ ва боркашонии ҶДММ “Мусофирбар”-и ш. Бохтар, ҶДММ “Бохтар-транс”-и ш. Бохтар, ҶДММ “Билол” ш. Кӯлоб, ҶДММ “Далер”-и ш. Кӯлоб, ҶДММ “Сомон”-и н. Данғара, ҶДММ “Тер. Хизматрасон”-и ш. Норак, ҶДММ “Мавлоно”-и н. Ҷ. Балхӣ, ҶДММ “Корвони Уялӣ”-и н. Хуросон мебошанд.

Яке аз корхонаҳои нақлиётии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ тӯли даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба арзаю тақозои бозор фаъолият мекунад, ин корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Хатлонтранс», ки дар даврони шӯравӣ «Автобазаи 21» ном бурда мешуд, мебошад.

Сохтори корхонаи нақлиётии ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар мувофиқи шартномаи байни якдигарӣ барои иҷроиши вазифаи муҳимми дар уҳдаи ҳар як коргар гузошташуда, барои мусоидат намудан ба хизматрасониҳои хуб ва рақобатпазирии корхона дар шароит муосир муқаррар карда шудааст. Сохтори идоракунии корхонаи нақлиётӣ ин маҷмуи шӯъбаҳои идоракунанда бо тартиби муайян ташкилкардашудааст ва дар якҷоягӣ ва таносуби байниҳамдигарии кормандон аз рӯи ҳаҷм ва намудҳои фаъолиятҳои иҷрошаванда мебошад.

Яке аз омилҳои асосии мутаҳаррикии истеҳсолот, робитаи наздик байни системаи идорашаванда ва системаи идоракунанда мебошад. «Сохтори идоракунӣ дар таҳти таъсири динамикаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ тағйир меёбад. Дар навбати худ ташкили идоракунӣ бояд аз воқеияти истеҳсолот пешгузар буда, ҳамаи давра ва омилҳои рушди онро муайян намояд. Идоракунӣ мутобиқати байни корҳои алоҳидаро муқаррар намуда, функсияҳои умумии вобаста ба тамоми раванди истеҳсолот пайдошавандаро иҷро менамояд. Дар нақлиёти автомобилӣ ҳар як ронанда ва таъмиргар вазифаҳои худро иҷро намуда, автомобил ё таҷҳизотҳои дигареро идора менамоянд. Вале барои сари вақт иҷро намудан ва гузаштан аз таъмири ҷорӣ, нигоҳубини ҳаррӯзаи воситаи нақлиёт ва дигар хизматрасониҳои техникӣ онҳо ба идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ ниёз доранд, ки ҳар яки ин аз ҷониби шахсият ё мақомоти алоҳида амалӣ мегардад.

Равандҳои истеҳсолии нақлиёти автомобилӣ ҳамчун объектҳои идоракунӣ бо намудҳои мухталиф ва мураккаби худ фарқ мекунанд. Мақсади асосии идоракунии истеҳсолоти нақлиёти автомобилӣ таъмини истифодаи самараноки ҳамаи имкониятҳои иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодии мавҷуда ҷиҳати саривақт ва бо сифати баланд қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо корхонаи нақлиётии автомобилӣ, пеш аз ҳама, бояд сохтори идоракунии оқилона ва фарогирандаи ҳамаи равандҳои истеҳсолотро доро бошад»[124].

Самаранокии кори корхонаҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳолатҳои зерин вобастагӣ дорад, аз ҷумла: «дуруст муқаррар намудани миқдору сифат ва муҳлатҳои истеҳсоли маҳсулот дар робита ба арзаю тақозои бозор, интихоби технология ва ташкили қабули истеҳсолот, таъминоти саривақтӣ ва оқилонаи захираҳо, бузургии сармояи асосию гардон, шакл ва усулҳои фурӯши маҳсулот ё хизматрасонӣ ва ғайра.

---

[124] Ашуров Н.А. Ташаккул ва рушди корхонаҳои нақлиётӣ, заминаи боэътимоди саноатикунонии мамлакат [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022 – №1/1(95). – С. 235-240. – ISSN 2663-5534.

Дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ, чун дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, рушди техникӣ яке аз воситаҳои муҳимми баландшавии маҳсулнокии меҳнат, беҳтаршавии сифат ва пастшавии арзиши аслӣ ба шумор меравад. Инчунин барои дар давоми сол банақшагирии корхона таҳлили даромаднокӣ ва хароҷоти истеҳсолии солонаи корхона  яке аз масъалаҳои муҳим дар корхона ба ҳисоб меравад. Дар корхонаи таҳлилшавандаи ҶДММ «Хатлонтранс», мувофиқи балансиі муҳосиботӣ, қисми ҳисобот оид ба фоида ва зарар дар солҳои 2016-2020-ум нишон медиҳад, ки даромади умумии корхона сол аз сол афзоиш ёфта истодааст»[125].

Мувофиқи маълумоти муҳосиботии корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс», корхона дорои се манбаи асосии даромад мебошад, ки якуми он аз ҳисоби иҷоракорон мебошад. Дар корхона сехҳои зиёде мавҷуд аст, ки барои таъмири автомобилҳои аҳолии шаҳр ва берун аз он хизматрасонӣ мекунанд, дар асоси шартномаи дутарафа ба иҷора гирифта, ба корхона иҷорапулӣ медиҳанд.

Дуюмин манбаи асосии даромади корхона ин аз ҳисоби корхонаю ташкилотҳо мебошад. Корхона ва ташкилотҳое, ки дар дохили ш. Бохтар ва ноҳияҳои гирду атрофи он фаъолият мекунанд, дар натиҷаи истифода намудани сехҳои таъмири автомобилии корхона ё ин ки автомобилҳои боркаш, дар асоси шартномаи байниҳамдигарӣ ба буҷаи корхонаи нақлиётӣ ба воситаи бонк маблағҳои пулӣ ворид мекунанд.

Сеюмин манбаи асосии даромади корхона ин аз ҳисоби парки автомобилии корхона мебошад. Тамоми автомобилҳои боркаш ва мусофирбаре, ки дар баланси корхона ҳаст ва автомобилҳои шахсие, ки ба тариқи шарномавӣ дар қайди корхона гирифта шудаасту кор мекунанд, корхона аз ҳисоби инҳо даромади бештар ба даст меорад.

«Барои муайян кардани шумораи умумии автомобилҳои боркаш ва мусофирбар ба корхона мансуббуда аз рӯи кори иҷрокардашуда дар як рӯз,

[125] Ашуров Н.А. Ташаккул ва рушди корхонаҳои нақлиётӣ, заминаи боэътимоди саноатикунонии мамлакат [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022 – №1/1(95). – С. 235-240. – ISSN 2663-5534.

шумораи автомобилҳои ба корхона дохилшуда ва хориҷшуда аз рӯи формулаи махсус ҳисоб карда мешавад. Бинобар ҳамин, дар ҳар як семоҳа автомобилҳои дохилшуда ва хориҷшуда дар корхона ба ҳисоб ва ба нақша гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат автомобилҳои дохил ва хориҷшуда ба корхона дар миёнаи семоҳа муайян ва маълум мегардад. Дар ин вобастагӣ миқдори автомобилҳое, ки дар рӯйхати парки автомобилии корхона қарор дорад, инчунин воҳидҳои ба корхона ворид ва хориҷшаванда, шумораи рӯйхатии таркиби ҳаракаткунанда дар давраи додашуда, ҳисоб карда мешавад ҷадвали 2.10»[126].

**Ҷадвали 2.10. Шумораи умумии нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ аз рӯйи тамға ва ҳолати техникии онҳо дар корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар**

| № | Номгӯи автомобилҳо | Миқдори автомобилҳо (адад) | Фоиз аз ҳисоби умумӣ | Дар ҳолати корӣ буда (адад) | Дар таъмир буда (адад) | Маълумоти техникии автомобилҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Суръати ҳаракати автмообил (км/с) | Харачоти сӯзишворӣ (литр) | Миқдори мусофирбарӣ (нафар) |
| 1 | Mercedes-Benz Sprinter | 20 | 10,3 | 18 | 2 | 180 | 7,7-9,2 | 16-20 |
| 2 | Hyundai Starex | 3 | 1,5 | 2 | 1 | 180 | 7-8 | 8-10 |
| 3 | Opel Astra - Vectra | 65 | 33,7 | 60 | 5 | 200 | 6,5-7,5 | 4 |
| 4 | Некси-Daewoo Nexia | 30 | 15,6 | 25 | 5 | 200 | 6,5-8,5 | 4 |
| 5 | Мерседес Бенс, C180 | 35 | 18,2 | 32 | 3 | 200 | 7-9 | 4 |
| 6 | Тайота Корола | 13 | 6,7 | 12 | 1 | 220 | 7-8 | 4 |
| 7 | Хюндай | 12 | 6,2 | 10 | 2 | 220 | 7-8 | 4 |
| 8 | Ssang Yong Musso (Муссо) | 15 | 7,8 | 10 | 5 | 220 | ~13,1 | 4 |
| Ҷамъ: | | 193 | 100 | 169 | 24 | | | |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботи муҳосибии корхонаи ҶДММ "Хатлонтранс"- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Чигунае, ки дар ҷадвали 2.10. оварда шудааст, аз шумораи умумии нақлиёти мусофирбарӣ 170 адададшро, ки 88,0 фоизро ташкил медиҳад, автомобилҳои

[126] Ашуров Н.А. Ташаккул ва рушди корхонаҳои нақлиётӣ, заминаи боэътимоди саноатикунонии мамлакат [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022 – №1/1(95). – С. 235-240. – ISSN 2663-5534.

мусофирбарии сабукрав дар бар гирифта, аз ин миқдор автомобили Опел – 65 адад, автомобили Некси – 30 адад, автомобили Мерседес Бенс 180 – 35 адад, автомобили Тайота Корола – 13 адад, автомобили Хюндай – 12 адад ва 15 адади дигарро автомобили Musso ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ дар корхона соли 2019-ум 169 адади он, ки 87,5 фоизро ташкил медиҳад, дар ҳолати корӣ буда, 12,5 фоизи он, ки 24 ададро ташкил медиҳад, автомобилҳои дар таъмир қарордошта мебошад.

**Ҷадвали 2.11. Маълумот оид ба гашти автомобилҳои мусофирбарии корхонаи нақлиётии ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар**

| № | Гашти автомобилҳо, ҳаз. км. | Шумора (адад) | Фоиз аз ҳисоби шумораи умумии автомобилҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | То 50 ҳазор километр | 15 | 7,8 |
| 2 | Аз 50 то 150 ҳазор километр | 78 | 40,4 |
| 3 | Аз 50 ҳазор километр зиёд | 100 | 51,8 |
| Ҳамагӣ: | | 193 | 100 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботи муҳосибии корхонаи ҶДММ “Хаилонтранс”- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Ҳангоми таҳлил ва мушоҳидаҳо аз корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс» маълум гардид, ки 193 адад автомобили мусофирбарие, ки дар қайди корхона ҳастанд, 15 адади он то 50 ҳаз. км гаштаанд, ки аз ин миқдор 7 адади онро автомобили сабукрави Хюндай ва 8 адади дигарро Тайота Корола ташкил медиҳад. Инчунин 78 адади автомобилҳои мусофиркашонӣ аз 50 то 150 ҳаз. км. ва 100 адади дигар аз 50 ҳаз. км. зиёд гаштаанд чадвали 2.11.

Оид ба маълумоти дар чадвали 2.11. нишондодашуда қайд намудан ба маврид аст, ки меъёри коркарди автомобилҳо аз рӯи истифодабарӣ касод шудаанд. Синну соли миёнаи автомобилҳои дар парки автомобилии корхона қарордошта 20 солро ташкил дода, қисми зиёди автомобилҳое, ки кор мекунанд муҳлати истифодабариашон гузашта, чанд маротиба аз таъмири асосӣ гузаронида шудаанд.

**Ҷадвали 2.12. Маълумот оид ба истифодабарии намудҳои сӯзишворӣ дар автомобилҳои мусофирбарии корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»**

| № | Намуди сӯзишворӣ | Шумора (адад) | Фоиз аз шумораи умумӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Дизелӣ | 43 | 22,3 |
| 2 | Бензинӣ | 37 | 19,2 |
| 3 | Газӣ | 3 | 1,5 |
| 4 | Бензинӣ-газӣ | 110 | 57,0 |
| Ҳамагӣ: | | 193 | 100 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботи муҳосибии корхонаи ҶДММ "Хатлонтранс"- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Таҳлили сохтори парки автомобилии корхона вобаста ба нақлиёти автомобилии боркашонӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2019-ум корхона дорои 250 адад нақлиёти боркаш мебошад. Аз ин шумора 10 адад автомобили Газ 53А, 10 адад КАМАЗ 5320, 10 адад КАМАЗ 5930, 10 адад КАМАЗ 55212, 15 адад ЗИЛ 130, 25 адад Форланд, 40 адад Хино, 50 адад Мерседес Бенс, 20 адад Дулан, 60 адад Хюндай Портер буда, аз шумораи умумии автомобилҳои боркаш дар соли 2019-ум 203 адад дар ҳолати корӣ буда, 47 адади дигар дар ҳолати таъмир қарор доранд ҷадвали 2.13.

**Ҷадвали 2.13. Маълумот оид ба автомобилҳои боркаш аз рӯи тамға ва маълумоти техникии онҳо дар корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар**

| Номгӯи автомобилҳо | Микдори автомобилҳо (адад) | Фоиз аз ҳисоби умумӣ | Дар ҳолати корӣ буда (адад) | Дар таъмир буда (адад) | Маълумоти техникии автомобилҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Суръати ҳаракати автмобил (км/с) | Хароҷоти сӯзишворӣ (литр) | Микдори борбардорӣ (кг) |
| ГАЗ 53А | 10 | 4,0 | 8 | 2 | 80 | ~29,6 | **4000** |
| КамАЗ 5320 | 10 | 4,0 | 7 | 3 | 90 | 34 | 8000 |
| КамАЗ 5511 | 10 | 4,0 | 7 | 3 | 90 | ~29 | 10000 |
| КАМАЗ 53212 | 10 | 4,0 | 6 | 4 | 90 | ~25 | 10000 |
| ЗИЛ 130 | 15 | 6,0 | 12 | 3 | 90 | ~29 | 6000 |
| Foton Forland | 25 | 10,0 | 20 | 5 | 140 | ~12 | 3000 |
| HINO 300 XZU6 | 40 | 16,0 | 35 | 5 | 140 | ~12 | 3500 |
| Мерседес Бенс Атего-1218 | 50 | 20,0 | 40 | 10 | 120 | 14-18 | 6000 |
| SHACMAN - Дулан | 20 | 8,0 | 18 | 2 | 77 | 25-30 | 25000 |
| Hyundai Porter H-100 | 60 | 24,0 | 50 | 10 | 160 | ~10 | 1250 |
| **Ҷамъ:** | **250** | **100** | **203** | **47** | **-** | **-** | **-** |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботимуҳосибии корхонаи ҶДММ "Хатлонтранс"- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Аз соли 2000-ум то инҷониб парки автомобилӣ аз сабаби самараи иқтисодии на он қадар баланд доштан мукаммал гардонида нашудааст. Ба гузаштани ҳолати техникии автомобилҳо нигоҳ накарда, корхона барои таъмир ва нигоҳубини автомобилҳо дорои базаи намунавӣ мебошад ва барои мустаҳкам нигоҳдоштани қисми ҳаракаткунандаи корхона доим кушиш мекунад.

Агар таҳлили парки автомобилии корхонаро оид ба гашти автомобилҳо дида бароем, ҳамагӣ 10,0 фоизи онро автомобилҳое, ташкил медиҳанд, ки аз 50 ҳазор километр кам гаштагӣ ҳастанд. Чи гунае, ки дар ҷадвали 2.14. оварда шудааст, 25 адад автомобил, ки 5 адади онро автомобили Форланд ва 20 адади дигарро Хюндай Портер ташкил медиҳад. Автомобилҳое, ки аз 50 то 150 ҳаз. км. гаштаанд 60 фоизи шумораи умумии нақлиёти боркаши корхонаро ташкил дода, бештар ба ин гурӯҳи автомобилҳо Мерседес бенс, Дулан, Хино ва шумораи зиёди авттомобили Хюндай Портер дохил мешавад.

**Ҷадвали 2.14. Маълумот оид ба гашти автомобилҳои боркашонӣ дар корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»-и ш. Бохтар**

| № | Гашти автомобилҳо, ҳаз.км. | Шумора (адад) | Фоиз аз ҳисоби шумораи умумии автомобилҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | То 50 ҳазор километр | 25 | 10,0 |
| 2 | Аз 50 то 150 ҳазор километр | 150 | 60 |
| 3 | Аз 50 ҳазор километр зиёд | 75 | 30 |
| Ҳамагӣ: | | 250 | 100 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботи муҳосибии корхонаи ҶДММ “Хатлонтранс”- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Муҳаррикҳои дизелӣ, ки барои кашонидани бор пурқувват ва тобовар ҳастанд, бештари корхонаҳои нақлиётӣ аз намуди автомобилҳои боркаш, ки бо сӯзишвории дизелӣ ҳаракат мекунанд, харидорӣ намуда истифода мебаранд. Чи гунае, ки дар ҷадвали боло оварда шудааст, шумораи нақлиёти боркаши корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс» дар ҷамъ 250 ададро ташкил додааст, ки аз ин миқдор 12 адад бо сӯзишвории бензин ва газ ҳаракат мекунанд, ки ин ҳам бошад 2 адади онро ГАЗ 53А ва 10 адади онро Хюндай Портер ташкил медиҳад. 238 адад

автомобил, ки 95,2 фоизи шумораи умумии нақлиёти боркашро ташкил медиҳад, бо сӯзишвории дизелӣ кор мекунанд. Ин ва дигар маълумоти бештар оид ба истифодабарии намуди сӯзишворӣ дар ҷадвали 2.15. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.15. Маълумот оид ба истифодаи намуди сӯзишворӣ дар автомобилҳои боркаши корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»**

| № | Намуди сӯзишворӣ | Шумора (адад) | Фоиз аз шумораи умумӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Дизелӣ | 238 | 95,2 |
| 2 | Бензинӣ-газӣ | 12 | 4,8 |
| Ҳамагӣ: | | 250 | 100 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисоботи муҳосибии корхонаи ҶДММ “Хатлонтранс”- и ш. Бохтар дар соли 2019-ум тартиб дода шудааст.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, дар соли 2019-ум корхона дорои 193 адад нақлиёти мусофирбар ва 250 адад нақлиёти боркаш мебошад, ки ҷамъи умумии онҳо 443 адад нақлиётро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии нақлиёти автомобилии корхона 71 адад бо ноустувории техникӣ дар таъмир қарор доранд, ки коэффитсенти тайёрии техникии қисми ҳаракаткунандаи парки автомобилии 08-84 фоизро ташкил медиҳад.

Барои нигоҳубини техникӣ ва таъмири автомобилҳои дар қайди корхона буда, корхона дорои сехҳои зиёд мебошад.

Вобаста ба ин корхонаи нақлиётии ҶДММ «Хатлонтранс» фаъолияти худро аз рӯйи нақшаҳои пешакӣ тасдиқшуда ба роҳ мемонад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мақсади асосии корхонаи мазкур талаботи аҳолиро бо хизматрасонии боркашонӣ ва мусофирбарӣ қонеъ намуда, бо сифати баланд иҷроиши онро ба роҳ монад ва аз натиҷаи фаъолияти худ самраи иқтисодии хуб ба даст орад. Аз ин лиҳоз, тамоми хароҷотҳои ҷориро ба ҳисоб гирифта, нақшаву чорабиниҳое бояд дар амал тадбиқ намуд, ки барои гирифтани самараи иқтисодии бештар ва ҳам дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаи вилояти Хатлон мусоидат намояд.

Зарур мешуморам қайд намоям, ки ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар баробари ин, бо хараҷотҳои камтарин ба аҳолии минтақа ва берун аз он расонидани хизматрасониҳои боркашонӣ, такмили парки автомобилии корхонаҳо ва ҷиҳозонидани онҳо бо таҷҳизотҳои рақамӣ, инчунин вобаста ба шароити муосир кушодани шабакаҳои интернетии ҳар як корхона ва ба роҳ мондани фурӯши чиптаҳои электронӣ, дар баробари инҳо ташкил намудани хизматрасониҳои нақлиётии фаромоишӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии боркашонии минтақаи вилояти Хатлон таъсир хоҳад гузошт.

Бунёд, барқароркунӣ, ба кор андохтан ва такмили ҳар як корхонаи саноатӣ, махсусан корхонаҳои нақлиётии боркашонӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад. Инчунин, барои ба яке аз минтақаҳои саноатӣ табдил ёфтани вилояти Хатлон заминаи боэътимод мегардад, ки саноатикунонии босуръати мамлакат яке аз масъалаҳои калидии пешрафти иқтисодиёти миллии мамлакати мо ба шумор меравад.

## 2.2. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа

Нақлиёт ба рушди иқтисодӣ аз давраи пайдоиши тамаддуни башарӣ таъсир гузоштааст. Рушди иқтисодӣ ба ҳамбастагии системаҳои нақлиётӣ равона шудааст, аз ин рӯ, аввалин шаҳрҳо дар ҳавзаҳои табиии дарёҳо ва кӯлҳо пайдо шуданд. Минбаъд бандарҳо барои мубодилаи молҳо ба вуҷуд омаданд. Румиён роҳҳоеро сохтанд, ки дастрасиро ба ҳамаи қисмҳои империяи бузурги онҳо ва иртиботро таъмин кунанд.

Хусусиятҳои ҷуғрофӣ, ба монанди наздикии уқёнусҳо, баҳрҳо ва роҳҳои обӣ, ҳамворӣ, кӯҳҳо ва ҷойгиршавии оазисҳо ташаккули системаҳои аввалини нақлиётиро муайян карданд (масалан, Роҳи абрешим аз оазис ба оазис, аз шаҳр ба шаҳре, ки дар он ҷо об ё роҳи дуруст мавҷуд набуданд).

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ омили муҳимтарини рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистӣ талаботи бозор аст. Ин тамаркуз ба ниёзҳои иҷтимоӣ,

ташаккули талабот ва имкониятҳои таъминотро дар бар мегирад. Таҳаввулоти таърихии омилҳое, ки ба рушди комплекси наклиётӣ-логистикии қаламрав таъсир мерасонанд, дар расми 2.8. оварда шудаанд.




**Расми 2.8. - Таҳаввули таърихии омилҳое, ки ба рушди инфрасохторҳои наклиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд**

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори наклиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. Қисми 2.– С. 54-61. – ISSN 2413-5151.

Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба рушди маҷмуи ҳудудии наклиётию логистикӣ омилҳои зиёди дохилӣ ва беруна таъсир мерасонанд. Ба рушди инфрасохтори наклиётӣ-логистикии минтақавӣ омилҳои берунии зерин таъсир мерасонанд:

– ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди минтақа бо иқтисоди ҷаҳонӣ;
– диверсификатсия ва афзалиятҳои рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– рушди соҳаҳои туристии иқтисодиёти минтақавӣ;
– баргузории чорабиниҳои мухталифи сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар субъектҳои кишвар.

Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди минтақа бо иқтисоди ҷаҳонӣ боиси робитаҳои устувори иқтисодӣ байни корхонаҳо ва корхонаҳои маҳаллӣ аз дигар минтақаҳо ва кишварҳо мегардад. Барои ҳамкории бомуваффақияти онҳо инфрасохтори наклиёт ва логистика лозим аст. Аз ин рӯ, барои фаъолияти

бомуваффақияти иқтисодиёти қаламрав дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ зарур мебошад.

Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва паҳн карда мешаванд, ки талабот ба сифати маҷмуи нақлиётӣ-логистикиро муқаррар мекунанд. Инҳо талабот ба сифати сатҳи роҳ, қобилияти байнисоҳавии комплекс, талаботи экологӣ ба мошинҳое, ки аз ин маҷмаа мегузаранд ва ғайра. Риояи ин талабот аксар вақт як ҳудуди ҳатмӣ ва корхонаҳои он барои талаботи шарикони хориҷӣ ва бастани шартномаҳои шарикӣ мебошад.

Гузаронидани чорабиниҳои мухталиф дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар ҳама гуна сохторҳои Ҷумҳурии Тоқикистон ташрифи шумораи зиёди одамон, аз ҷумла шахсиятҳои маъруфи сиёсии сатҳи миллӣ ва байналмилалиро дар назар дорад. Чунин чорабиниҳо ва ҷамъомадҳо ҳамасола ҳангоми ҷашни иди Наврӯз дар як чанд шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад, ки шумораи зиёди меҳмонон ва сайёҳони хориҷӣ ташриф меоранд. Ҳамаи ин меҳмонон ва сайёҳон барои дидани минтақаҳои Тоҷикистон бештар аз нақлиёти автомобилӣ истифода мебаранд, ки ин талабот, бешубҳа омилҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар ҳар як минтақа тақозо менамояд.

Барои ба таври оммавӣ омадани одамон ба чунин чорабиниҳо инфрасохтори махсуси нақлиётӣ ва логистикӣ лозим аст. Чун қоида барои сохтани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва ё аз буҷети маҳаллӣ маблағ ҷудо карда мешавад ва маблағҳо аз минтақа ва сармоягузорони хусусӣ низ ҷалб карда мешаванд.

Баргузории чунин чорабиниҳо ба рушди босуръати комплекси нақлиётӣ-логистикии ин минтақа мусоидат менамояд, аммо дар охири ин ҳодисаҳо, аксар вақт мушкилот дар ҳамон сатҳ нигоҳ доштани он ва рушди минбаъда ба миён меоянд, ки барои онҳо маблағҳои беруна дигар ҷудо карда намешаванд. Мутаассифона, аксарияти субъектҳои мамлакати мо мустақилона ин вазифаро иҷро карда наметавонанд ва бо мурури замон иншоотҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар ҳолати садамавӣ қарор мегиранд.

Ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ омилҳои зерини дохилӣ низ таъсир мерасонанд: тамоюли афзоиш додани таваҷҷуҳи ҷомеа ба

ҳифзи муҳити зист; талаботи соҳибкорони минтақавӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ; мавҷудияти захираҳои сармоягузории кишвар барои рушди комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ; дараҷаи назорат аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ ва аз ҷониби фармоишҳои давлатӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ.

Ин омилҳоро ба таври муфассал баррасӣ мекунем. Тамоюли афзоиши ҳавасмандии ҷамъиятӣ ба ҳифзи муҳити зист ба пурзӯр намудани талабот ба бехатарии экологии инфрасохторҳои нақлиётӣ ва логистикӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи ин раванд, субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои нави экологӣ, ки партовҳои ҳаворо маҳдуд мекунанд, мегузаранд; дар минтақаҳои Тоҷикистон стандартҳои баланди ҷаҳонӣ қабул карда мешаванд. Бо вуҷуди каме дертар қабулгардиданӣ ин стандартҳо дар Тоҷикистон ва гузариш ба стандартҳои нав, ин тамоюл мунтазам меафзояд.

Ҳатто агар дар яке аз минтақаҳое, ки дар тиҷорати шабакаи ватанӣ ё байналмилалӣ иштирок мекунанд ё танҳо шарикии ду ё якчанд корхона, меъёрҳои нисбатан камтари экологӣ татбиқ карда мешаванд, ҳангоми кор бо корхонаҳои дигар қаламравҳои кишвар ва давлат, корхонаҳои ин минтақа бояд меъёрҳои дар ин минтақаҳои транзитӣ ва минтақаҳо татбиқшавандаро риоя кунанд ва ба онҳо молҳои худро равона созанд.

Талаботи соҳибкорони ҳудудӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ сиёсати давлатии субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ муайян мекунад. Азбаски соҳибкорӣ истифодабарандаи асосии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ мебошад, дар навбати аввал манфиатҳои он ба назар гирифта мешаванд.

Дар минтақаҳои вилояти Хатлон мушкилоти роҳи пастсифат нигаронкунанда аст, ки ин боиси садамаҳои зиёд ва дарозмуддати нақлиёти автомобилӣ мегардад. Ин ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонад, зеро ҳаракати молҳо тавассути роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои вилояти Хатлон мушкил аст. Ҳамасола барои таъмири роҳҳои мавҷуда ва сохтмони роҳҳои нав аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад, аммо ба ин нигоҳ накарда, сифати роҳҳо

паст боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки талабот ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ бо рушди соҳибкорӣ мунтазам меафзояд. Ин зарурати пайваста нав кардани комплекси нақлиётӣ-логистикиро мувофиқи ин талабот тақозо менамояд.

Мавҷудияти захираҳои сармоягузории кишвар барои рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ имкониятҳои ҳудудро дар сохтмони иншооти инфрасохторӣ ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани объектҳои мавҷуда муайян мекунад. Дар минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба таври анъанавӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузории хусусӣ мушкил аст ва дар шароити бухрони иқтисодӣ, давлат на танҳо барои маблағгузории комплекси нақлиётӣ-логистикӣ, балки ҳатто барои иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ норасоии маблағ эҳсос менамояд. Пардохти андози нақлиётӣ хароҷоти давлатро барои рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ, ки омили боздоранда мебошад, пурра пӯшонида наметавонад.

Дараҷаи назоратро аз болои иҷрои фармоиши давлатӣ аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ оид ба рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ сифати инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Сарфи назар аз он, ки дар шартномаҳо, одатан, талабот ба сифати кор дақиқ муайян карда мешавад, санҷишҳо дар сатҳи баланд гузаронида мешаванд.

Муҳлати иҷрои кор аксар вақт вайрон карда мешаванд. Ин ҷо сухан натанҳо дар бораи роҳҳои автомобилгард, балки дар бораи таъмири фурудгоҳҳо ва сохтани иншооти нави маҷмуи нақлиётӣ-логистикӣ низ меравад. Ба назар мерасад, дар ниҳояти кор, маблағҳои буҷети давлатӣ бесамар истифода бурда мешаванд ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ босуръат рушд намекунад. Набудани назорати қатъӣ инчунин ба рушди комплекси нақлиётӣ-логистикии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа мешавад.

Ҳамин тариқ, маҷмуи омилҳоеро, ки ба рушди инфрасохторҳои минтақавии нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд, дар расми 2.9. нишон дода шудааст.




**Расми 2.9. - Маҷмуи омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори минтақавии нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд**

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. Қисми 2.– С. 54-61. – ISSN 2413-5151.

Нақлиёт дар микёси иқтисодиёти кишвар соҳае мебошад, ки бе инкишофи муътадили он рушди дигар соҳаҳо ғайриимкон аст, чунки асоси ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Бо дарназардошти ин, функсияи нақлиёт дар чунин ҳамкориҳо натанҳо қонеъ намудани талаботи мавҷудаи боркашонӣ аз тиҷорати ҳудудӣ, балки фароҳам овардани хидматрасонии босифат ва саривақтӣ ба таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон бо усулҳои вазнини кор, яъне бо дарназардошти доимо тағйирёбанда ва дурнамо мебошад.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти самарабахши иқтисодиёт зарур аст, ки системаи нақлиёт ва тақсимот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон тавассути ташкили марказҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақаҳои пурқуввати гардиши моддии молҳо (борҳо) ташкил карда шавад. Тамоюлҳо дар бозори муосири байналмилалии ҳамлу нақл дар соҳаи ҳамкориҳои иттилоотӣ тамоюл ва ҳамгиро кардани системаҳои иттилоотии шарикони логистикиро ташкил медиҳанд.

Истифодаи системаҳои ҷудогонаи иттилоотӣ барои анҷом додани амалиётҳои марбута дар сарҳади мутақобилаи шаклҳои гуногуни нақлиёт ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ боиси такрори амалиёт, мушкил шудани ҷараёни технологӣ ва зиёд шудани мухлати интиқоли молҳо мегардад[127].

Ширкатҳои нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи ҳамкориҳои иттилоотӣ ва транзит аз минтақаи наздиктарини иттилоот ба ҳамгироии захираҳои иттилоотӣ мувофиқат кунанд. Ташаккули майдони ягонаи иттилоотии нақлиёт ва марказҳои логистикӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар самти технологияҳои муосири иттилоотӣ фаҳмем, ки имкониятҳои навро дар идоракунии тамоми самтҳои ҳамкориҳои нақлиётӣ фароҳам меорад ва якчанд мушкилотро ҳал мекунад, масалан: баррасии маълумоти молиявӣ дар нақлиёти боркаш, истифодаи иттилооти оммавӣ ва ҳамгироӣ бо системаҳои мавҷудаи иттилоотӣ ва назорати ҳамаи марҳалаҳои интиқол ва афзоиши суръати интиқол.

Бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар ҷаҳон айни замон раванди тағйироти куллиро идома дода истодаанд, ки ба нақш ва миқёси иштирокчиён ва сохтори муносибатҳои онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд (нигаред ба расми 2.10.).

Ин тағйирот ба пешниҳоди стратегияҳои нав дар амалияи операторони логистика оварда мерасонанд:

---

[127] Нагоев, А.В. Методика управления комплексом информатизации аутсорсингового автотранспортного предприятия / Нагоев А.В. // Политематический сетевой электронный научный журнал Кубанского государственного аграрного университета. - 2010. - № 61. - С. 224-246.

– мустаҳкам кардан дар саноат тавассути муттаҳидсозӣ; нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои интиқоли маълумот ва мушкилии минбаъдаи қарорҳои логистикӣ;

– рад кардан аз хидматрасониҳои махсусгардонидашуда ва тамаркуз дар таъмини ҳалли пурраи логистика;

– тақвияти нуфузи ширкатҳои ҷаҳонии нақлиёт ва логистика (тақрибан 35% бозор барои 30 ширкати калонтарин ҳисобида мешавад);

– муттаҳидсозии ҷории бозор, пеш аз ҳама, бо роҳи муттаҳид кардани бозорҳои байналмилалӣ ва ба бозорҳои нави ҷуғрофӣ ворид шудан;

– нақши афзояндаи хидматҳои арзиши изофӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии операторони бозор.




**Расми 2.10. - Омилҳои асосии бозори хизматрасонии нақлиётӣ**

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. Қисми 2.– С. 54-61. – ISSN 2413-5151.

Яке аз консепсияҳо ё ин ки технологияҳои паҳншуда дар ҷаҳон консепсияи Just-in-time - (танҳо дар вақташ) мебошад. «Пайдоиши ин консепсия ба охири солҳои 50-ум рост меояд. Вақте ки ширкати японии Toyota Motors ва баъдан дигар ширкатҳои автомобилии японӣ ба фаъол кардани системаи KANBAN оғоз карданд, шиори аввалини консепсияи JIT истисно кардани захираҳои эҳтимолии

мавод, ҷузъҳо ва маҳсулоти нимтайёр дар раванди истеҳсоли ҷамъсозии автомобилҳо ва қисмҳои асосии онҳо буд. Вазифаи аввал чунин буд: агар шумо ҷадвали истеҳсолиро муқаррар кунед, пас шумо бояд ҷараёни ҳаракати моддиро ташкил кунед, то ҳамаи мавод, ҷузъҳо ва маҳсулоти нимтайёр ба миқдори зарурӣ, дар ҷойи зарурӣ (дар хатти васлкунӣ) ва дар вақти муқарраршуда барои истеҳсол ё васл кардан расанд»[128].

Just-in-time - (танҳо дар вақташ) ин як воситаҳои банақшагирӣ ва пешбинӣ буда, инчунин JIT-ро ҳамчун мафҳум ва ҳам ҳамчун технология муайян кардан мумкин аст: Ба маънои васеъ ин равишест ба комёбӣ, ки ба рафъи пайдарпайи талафот асос ёфтааст (зарар маънои ҳар амале мебошад, ки ба маҳсулот арзиши изофа намедиҳад). Ба маънои дигар, ин расондани мавод дар вақти зарурӣ ба ҷойи зарурӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари консептуалӣ равиши JIT барои татбиқи минбаъдаи чунин консепсияҳо технологияҳо ба монанди Lean Production («Ҳамвор» ё «истеҳсолоти лоғар») ва логистикаи арзиши иловашуда Value added logistics - «Логистикаи изофа» ҳамчун асос хизмат кард.

Бартариҳои асосии технологияҳои (танҳо дар вақташ) замонавӣ, ки истифодаи онҳоро дар амалияи логистикӣ зарур аст, барои сарфа кардани мавод, захираҳои меҳнатӣ ва муҳимтар аз ҳама вақт, ба таври дақиқ банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорати ҷараёни молу мавод ба тавре лозим аст, ки маҳсулот ва хидматҳои воқеан зарурӣ сари вақт истеҳсол ва расонида шаванд.

Риояи ин принсип яъне Just-in-time - (танҳо дар вақташ), имкон медиҳад, ки сарфаи баландтаринро ба даст орем ва беҳуда сарф кардани вақт ва пулро пешгирӣ кунем. Принсипи «танҳо дар вақташ» танҳо бо ҳамкории наздики истеҳсолкунанда, таҳвилгар ва истеъмолкунанда амалӣ карда мешавад. Азбаски талаби истифодабарандаи охирини занҷири нақлиётӣ ва логистикӣ «саривақтӣ» вокуниши мувофиқро аз таҳвилгар интизор аст, дар ин ҳолат худи истеҳсолкунанда бояд мустақилона ба ин кор роҳбарӣ кунад.

---

[128] https://studopedia.ru/10_56673_sistemi-klassa-CSRP.html.




**Расми 2.11. - Интизориҳо аз татбиқи консепсияи Just-in-time – (танҳо дар вақташ)**

**Сарчашма:** Печерская О.А. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры субъекта РФ как фактор экономического роста (на примере Воронежской области): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 [Текст] / Печерская Ольга Александровна. – Воронеж, 2016. - 185 с.

Ин принсип, пеш аз ҳама, дар муносибатҳои пудратчиён дар соҳаи мошинсозӣ нақши муҳим дошт. Аммо ин мафҳумро дар дигар соҳаҳо татбиқ кардан мумкин аст, бинобар ин, онро дар бахшҳои занҷири нақлиёт ва логистика метавон пайгирӣ кард.

Принсипи танҳо дар вақташ дар муҳити рақобат асосӣ аст, зеро бахшҳои истеҳсолӣ бояд ба сифати кор ва хизматрасонӣ талош варзанд[129]. Ҳамин тавр, ин мафҳум доираи татбиқи онро васеътар мекунад (нигаред ба расми 2.11.).

Тасвири принсипҳои асосии мафҳуми «Just-in-time - (танҳо дар вақташ)» тасаввуроти аниқ медиҳад, ки он «кор мекунад» ва танҳо дар ҳолате дуруст ҳисоб карда мешавад, ки миқдори молҳо, истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон, ширкатҳои хизматрасонӣ ё занҷирҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дуруст ҳисоб карда шаванд. Дар бораи кам кардани сатҳи хатарҳо ва эҷоди як қатор шартҳои дахлдорро ба назар гирифтан зарур аст (нигаред ба расми 2.12.)[130].

---

[129] http://www.cfin.ru/press/loginfo/2001-05/52-55.shtml (дата обращения 12.12.2010 г.).

[130] Ахметов Л.А. Совершенствование предпринимательской деятельности на автотранспорте России / Л.А. Ахметов // Ученые записки: Роль и место цивилизованного предпринимательства в экономике России: Сб. науч. трудов. Вып. XXIII / Под общей ред. В.С.




**Расми 2.12. - Марҳалаҳои раванди таъминот ба тартиби муқаррарӣ ва дар доираи принсипи «Just-in-time - (танҳо дар вақташ)»**

**Сарчашма:** Печерская О.А. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры субъекта РФ как фактор экономического роста (на примере Воронежской области): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 [Текст] / Печерская Ольга Александровна. – Воронеж, 2016. - 185 с.

Иштироки корхонаҳои логистикӣ дар консепсияи «Just-in-time» барои таъминоти корхонаҳои саноатӣ се вариант дорад, ки дар расми 2.13. оварда шудааст:

– таҳвили мустақим аз як молрасон ба як истеҳсолкунанда;
– таҳвил аз таъминкунандагони гуногун аз як минтақаи маҳдуд бо роҳи ҳамҷоя кардани таҳвилашон дар роҳ ба истеҳсолкунанда;
– таҳвил аз таъминкунандагони гуногун ба анбори беруна, инчунин аз ин анбор ба истеҳсолкунанда.

Балабанова. - М.: Российская Академия предпринимательства; Агентство печати «Наука и образование», 2010. - 232 с.

Расонидани мустақим аз молрасон ба истеҳсолкунанда.




Расонидан аз якчанд таъминкунандагон ба истеҳсолкунанда.




Интиқол аз якчанд молрасонҳо ба истеҳсолкунанда бо роҳи ҷойгир кардани молҳо дар анбори беруна.




**Расми 2.13. - Иштироки корхонаҳои логистикӣ дар консепсияи «Just-in-time» барои таъминоти корхонаҳои саноатӣ**

**Сарчашма:** Печерская О.А. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры субъекта РФ как фактор экономического роста (на примере Воронежской области): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 [Текст] / Печерская Ольга Александровна. – Воронеж, 2016. - 185 с.

Ба андешаи С. Чатоян, логистикаи нақлиёт ба қарибӣ натанҳо аз давлат, балки таваҷҷуҳи зиёди бизнесро низ ба худ ҷалб кардааст[131]. Хароҷоти нақлиёт 20-30 фоизи нархи ниҳоии молро ташкил медиҳад, ки бевосита аҳамияти логистикаи нақлиётиро нишон медиҳад. Самтҳои асосии рушди логистикаи нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик бояд такмили заминаи ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии кори ширкатҳои бузурги содиркунанда, мониторинги занҷираи интиқоли борҳо, ягонагии муҳити иттилоотӣ дар соҳаи нақлиёт, таҳқиқ ва омодасозии кадрҳои касбӣ дар соҳаи логистикаи нақлиётӣ бошанд.

Хулоса карда метавонем, ки бартариҳои принсипи «аз дар ба дар» инҳоянд: сарфа кардани вакт; кам кардани хароҷоти умумии нақлиёт; кам кардани хатар;

---

[131] http: // www. service-express / logistic-customs http:// www/ sespb.ru (дата обращения 18.12.212 г.).

баланд бардоштани сифати ҳамлу нақл. Омилҳои нақлиёт ба бахшҳои дохилӣ ва беруни тақсим карда мешаванд, ки ба ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ таъсири мустақим доранд ва дар ҷадвали 2.16. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.16. Омезиши омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ**

| № | Берунӣ | № | Дохилӣ |
|---|---|---|---|
| **1** | Танзими давлатии нақлиёт ва логистика | **1** | Кам кардани занҷири таъминот |
| **2** | Сиёсати нархгузорӣ ба сӯзишворӣ | **2** | Ҷустуҷӯйи усулҳои нав дар тақсими маҳсулот аз рӯйи амсилаи нақлиёт |
| **3** | Дастгирии ҳамлу нақли равобити иқтисодии хориҷӣ (сиёсати нақлиётии хориҷии кишвар) | **3** | Садамаи нақлиётӣ |
| **4** | Васеъ намудани бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ | **4** | Мавҷудияти паркҳои намудҳои гуногуни воситаҳои нақлиёт |
| **5** | Мавҷудияти шоҳроҳҳои нақлиётӣ бо иқтидори функсионалӣ | **5** | Компютеркунонии равандҳои иттилоотӣ |
| **6** | Нархи (тарифҳои) хизматрасонии нақлиётӣ | **6** | Навсозии қисми ҳаракаткунанда |

**Сарчашма:** пешниҳоди муаллиф

Дар асоси таҳқиқоти ба анҷом додашуда омилҳои зерине, ки ба ташаккул ва рушди соҳаи нақлиёт ва логистика дар минтақа таъсир мерасонанд муайян карда шуданд (ҷадвали 2.17.).

Ин омилҳо бояд дар раванди пешниҳоди самтҳои рушди ИНЛ ба назар гирифта шаванд. Аз тарафи дигар фаъолияти нақлиётӣ ва логистикӣ, мисли ҳама гуна дигар фаъолияти иқтисодӣ, бояд аз ҷониби давлат тавассути қонунгузорӣ, фармонҳо, фармоишҳо ва дигар санадҳои қонунӣ танзим карда шуда, аз ҷониби онҳо амалӣ карда шаванд: назорати нархгузорӣ, мусоидат ба рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ, робитаҳои дӯстона бо дигар кишварҳо барои кашониши транзитӣ, танзими фаъолияти нақлиётӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ. Коҳиш додани занҷирҳои таъминот вақти расонидани мол ва хароҷоти онро кам мекунад.

**Ҷадвали 2.17. Омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва рушди соҳаи нақлиёт ва логистика дар минтақа**

| № б/т | Номгӯи омилҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|
| 1. | Афзоиши савдои ҷаҳонӣ | |
| 2. | Рушди босуръати консепсияи идоракунии занҷираи таъминотӣ | ё SCM (Supply Chain Management) |
| 3. | Қоидаи «7R». | Аз бозори истеҳсолкунанда ба бозори харидор, ки қобилияти истеҳсолӣ бо назардошти якҷоя кардани афзалиятҳои инфиродии истеъмолкунандагон бо истеҳсоли чандирӣ ва низоми интиқоли саривақтӣ омили ҳалкунандаи рақобат мегардад. Дар иқтисодиёти муосир, раванди логистика бояд ба қоидаҳои логистикии «7R» мувофиқат кунад: маҳсулоти зарурӣ (Right product) бо сифати зарурӣ (Right quality) ба миқдори зарурӣ (Right quantity) бояд ба ҷойи лозима (Right place) ба истеъмолкунандаи зарурӣ (Right customer) бо сатҳи зарурии хароҷот (Right cost) расонида шавад. |
| 4. | Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар логистика | |
| 5. | Афзоиши вазни қиёсии интиқоли мустақими экспрессии молрасонӣ аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунанда бо истиснои миёнаравҳо ва нигаҳдории мобайнӣ. | |
| 6. | Рушди тиҷорати интернетӣ. | |
| 7. | Муттаҳид намудани коидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти иктисодии байналмилалӣ, стандартикунонии параметрҳои воситаҳои техникӣ дар мамлакатҳои ҷудогона | |
| 8 | Тағйирот дар савдои байналмилалӣ | |
| 9. | Истифодаи автомобилҳои барқӣ (электромобилҳо) | |

**Сарчашма:** Дар асоси Ковалев М. М. Транспортная логистика в Беларусь: состояние, перспективы: монография / М. М. Ковалев, А. А. Королева, А. А. Дутина. - Минск: Изд. Центр БГУ, 2017. - 327 с.; Пять факторов, влияющих на развитие транспортно-логистической отрасли: обзор тенденций развития транспорта и логистики в 2019 году [Электронный ресурс]. – 2019. Режим доступа: - https://www.pwc.ru -v-2019. pdf – (Рӯзи мурочиат: 15.03.2022); https://www.xn7sbzhgab7 ageef.xnp1ai/load/ global_sceince_2019/kicun_a_v_faktory_vlijajushhie_na_razvitie_transportno_logisticheskoj_otrasli/5-1-0-133(Рӯзи мурочиат: 10.02.2022) аз тарафи муаллиф муайян карда шудааст.

Амсилаи нақлиёт чунин як амсилаи оптималиро дар назар дорад, ки барои ҳар як тарзи он бо ҳадди ақали хароҷот ва ҳадди аксар фоида ҳарҷи зудтар расонида мешавад. Ҳамасола фоизи садамаҳои нақлиётӣ афзоиш меёбад ва таҳвили саривақтии молҳо метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Масалан, номувофиқатӣ дар раванди истеҳсолот, маблағҳои иловагӣ барои истеҳсоли такрории нави молҳо ва таҳвили онҳо.

Компютеркунонии равандҳои иттилоотӣ ҷамъоварӣ, коркарди иттилооти бадастоварда ва таҳияи қарорҳои идоракунии оперативиро метезонад. Навсозии қисми ҳаракаткунанда, пеш аз ҳама, ба стандартизатсия, якхелагӣ ва ҳамаҷонибаи воситаҳои нақлиёт барои бор кардану борфарорӣ ва мустақиман барои ҳамлу нақли бор алоқаманд аст. Инчунин якчанд усул ва омилҳои асосие, ки барои рушди инфрасохтори нақлиётии минтақа таъсири мусбат мерасонанд, дар расми 2.14. оварда шудааст.




**Расми 2.14. – Омилҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мавҷудияти шоҳроҳҳои дорои қобилияти функсионалӣ шарти пешакии таҳвили саривақтии молу маҳсулот ба истеъмолкунанда мебошад. Баландшавии нархи сӯзишворӣ боиси болоравии қисмати арзиш ва тарифҳои хизматрасонии нақлиётӣ мегардад. Ҳангоми таҳияи нақшаҳои оптималии хатсайр онҳо стратегияи ташаккули паркҳои намудҳои гуногунро истифода мебаранд (ҳамлу нақли мултимодалӣ). Дастгирии нақлиётии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ (сиёсати нақлиётии хориҷии кишвар) ба рушду таҳкими равобит бо корхонаҳои мухталифи кишварҳои хориҷа мусоидат мекунад. Чунин ҳамкорӣ барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бо дарназардошти ин ҳадафҳо қайд менамоям, ки рушди инфрасохтори нақлиёти-логистикии вилояти Хатлон барои ташаккули бозори миллӣ ва байналхалқии нақлиёт, инчунин анборҳои нигоҳдории молу маҳсулот метавонад замина бошад. Барои ноил шудан ба сатҳи баланди амалиёти транзитӣ дар минтқа бояд пешгӯиҳо ва навовариҳои зиёде оид ба рушди ин соҳа карда шавад. Нақш ва аҳамияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва саҳми он дар рушди соҳаи нақлиётии минтақа беандоза буда, ба раванди амалӣ намудани стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат мекунад.

### 2.3. Амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ҳаҷми боркашонӣ, рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии дар минтақа

Дар ҳолати зарурат пайдошудан ва хоҳиши давлат ҷиҳати таъмини рушди босуръати соҳаи нақлиёт ва махсусан рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёт, зарурати истифодаи усулҳои идоракунӣ ба миён меояд, ки мебояд ин проблема ҳарчи зудтар ва босифат ҳал карда шавад. Яке аз давраҳои таркибии раванди идоракунӣ ва тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт пешгӯии тараққиёти он мебошад. Пешбинии тараққиёти соҳаҳои алоҳида имконият медиҳад, ки вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- схемаҳои миқдории тараққиёт барои давраи кутоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат муайян карда шавад;

- барои мушаххас кардани мақсаду вазиваҳои минбаъдаи стратегияи тараққиёт дар соҳаҳои алоҳида зимина эҷод карда шавад;

- миқдори захираҳои зарурие, ки барои ҳалли вазифаҳои стартегии тараққиёт заруранд, муайян карда шаванд.

Зери мафҳуми пешгӯи (прогноз) «ҳукми аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар борai ҳолати имконпазири объект дар оянда, инчунин роҳҳои алтернативӣ ва шартҳои амалисозии чунин ҳолат»[132] фаҳмида мешавад. Пешгӯии иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимтарини пешгӯии рушди иҷтимоӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқон, дар марҳалаи кунунӣ, беш аз 150 усулҳои пешгӯӣ мавҷуданд, ки аз ҷиҳати мазмун гуногунанд[133].

Ташаккули пешгӯиҳо бо дарназардошти хусусиятҳои объекти пешгӯӣ амалӣ карда мешавад. Хусусиятҳои мундариҷаи ҳар як усул бо хусуситҳои объекти пешгӯӣ, қонунҳои рушди он ва равандҳои иқтисодии дар он ба амаломада муайян карда мешавад.

Масъалаҳои амалӣ ва назариявии пешгӯӣ нисбат ба рушди маҷмааи нақлиёт ва ҷузъҳои алоҳидаи он, аз ҷумла рушди хизматрасонии нақлиётии боркашонӣ ва мусофирбарӣ муддати тӯлонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ин дар як қатор корҳои илмии таҳқиқотчиён инъикос ёфтааст[134].

---

[132] Громова Н.М., Громова Н.И. Основы экономического прогнозирования / Н.М Громова, Н.И.Громова.-М.: Издательство Академия Естествознания., 2007. – 112 с.

[133] Громова Н.М., Громова Н.И. Основы экономического прогнозирования/Н.М Громова, Н.И.Громова.-М.: Издательство Академия Естествознания., 2007. – 112 с.

[134] Чепинога С.Л. Прогнозирование спроса на перевозки пассажиров в международном сообщении: дисс ... канд. экон. наук: 08.00.05/С.Л.Чипинога. – М., 2001. - 214с.; Ярещенко Н.В., Наумов В.С., Низамутдинова Д.Т. Методы прогнозирования объёмов перевозок на автомобильном транспорте // Автомобильный транспорт (Харьков). 2007. №21. С. 49-51.; Богославец Д.М. Специфика построения моделей прогнозирования объемов продаж на примере авиаперевозок/Д.М.Богославец // Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление, № 3(9), 2014, с. 28 – 32.; Дрейцен М.А. Прогноз развития спроса на транспортные услуги по перевозке пассажиров на перспективу // Транспортное дело России. 2014. №6. С. 190-191.; Правдин Н.Н., Негрей В.Я. Прогнозирование пассажирских перевозо/Н.Н.Правдин, В.Я.Негрей. – М.: Транспорт, 1980.; Смирнов А.В. Задача прогнозирования спроса на пассажирские авиаперевозки // Научный вестник Московского государственного технического университета гражданской авиации. 2006. №104. С. 146-152.

Пешгӯии рушди хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Хатлон дар асоси усули коррелятсионӣ ва таҳлили регрессионӣ, бо тартиб додани амсилаи регрессионӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ин ба шумораи зиёди омилҳои таъсиррасон ба ҳолати гардиши бор алоқаманд аст, ки барасмият даровардан онҳо мумкин аст.

Азбаски майдони мушкилотҳои таҳқиқоти мазкур дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ-логистикии минтақа бахшида шудааст, пешгӯӣ намудани ршщди ҳамлу нақли бор ба мақсад мувофиқ аст, зеро ба рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ зич алоқаманд аст. Дар таҳқиқоти худ ҳамчун аломатҳои наиҷадиҳанда барои гузаронидани таҳлили корелятсионӣ-регресионӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ махсусан нақлиёти боркаш мо инҳоро интихоб намудем:

$Y_2$ - Боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт, ҳазор. тонн.

Дар байни омилҳое, ки эҳтимолан ба рушди ҳамлу нақли бор таъсир мерасонанд, мо омилҳои зеринро интихоб намудем:

$X_1$ - ММД бо нархҳои ҷорӣ, млн. сомонӣ

$X_2$ - Хароҷоти ҳақиқии бюҷети давлатӣ ба соҳаи нақлиёти кишвар, млн. сомонӣ

$X_3$ - Ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкҳо ба хоҷагии халқ, млн. смонӣ (дар охири сол)

$X_4$ – Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ, млн. сомонӣ

$X_5$ - Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ млн. сомонӣ

$X_6$ - Зичии шабакаи роҳ дар ҳудуди ҳар як 100 км. кв., дар ҷумҳурӣ (км)

$X_7$ - Шумораи воситаи нақлиёти автомобилии боркаш, адад.

$X_8$ - Шумораи вагонҳои роҳи оҳан дар ҷумҳурӣ. адад

Дар ҷадвали зерин (ҷадвали 2.18.) маълумоти ибтидоӣ барои таҳлили корелятсионӣ-регресионӣ оварда шудааст. Давраи гузаронидани таҳлили корелятсионӣ-регресионӣ солҳои 2010-2020-ро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 2.18. Маълумотҳои ибтидоӣ оид ба омилҳои интихобшуда, ки рушди ҳамлу нақли борҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон барои солҳои 2010-2020 тавсиф мекунанд**

| | Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y | **Боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт, ҳаз. тонн.** | **59327,4** | **61656,6** | **68399,4** | **72248,3** | **74411,2** | **74431,8** | **84066,6** | **84130,8** | **89607,2** | **85394,6** | **85381,9** |
| | Боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт дар в. Хатлон, ҳаз.тонн | 19056,8 | 21680,1 | 19842,5 | 18128,7 | 18977,6 | 20207,9 | 21106,9 | 21497,4 | 21984,5 | 22423,9 | 23277,6 |
| X1 | **ММД бо нархҳои ҷорӣ, млн. сомонӣ** | **24 707** | **30 017** | **36 163** | **40 526** | **45 607** | **48 409** | **54479** | **61093** | **71059,2** | **79109,8** | **82543,1** |
| | МММ бо нархҳои ҷорӣ дар вилояти Хатлон, млн. сомонӣ | 6493,2 | 8013,2 | 9572,6 | 9869,7 | 11777,5 | 12855,2 | 14620,2 | 16049,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 |
| X2 | **Хароҷоти ҳақиқии буҷети давлатӣ ба соҳаи нақлиёти кишвар, млн. сомонӣ** | **109,606** | **1045,84** | **464,179** | **861,773** | **754,632** | **928,039** | **926,569** | **1268,103** | **1292,028** | **1951,998** | **1025,700** |
| | Хароҷоти ҳақиқии буҷети давлатӣ ба соҳаи нақлиёти вилояти Хатлон, млн. сомонӣ | 0,5 | 7,0 | 1,1 | 2,9 | 9,7 | 13,0 | 9,2 | 5,2 | 5,2 | 4,9 | 6,7 |
| X3 | **Ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкҳо ба хоҷагии халқ, млн. смонӣ (дар охири сол)** | **3728,331** | **4799,649** | **5421,302** | **7530,991** | **9783,195** | **11341,609** | **9930,047** | **11022,352** | **3913,3** | **5021,1** | **6370,5** |
| | Ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкҳо ба хоҷагии халқи вилояти Хатлон, млн. смонӣ (дар охири сол) | 344,3 | 418,3 | 549,5 | 778,8 | 1128,3 | 1079,7 | 1128,3 | 926,6 | 993,1 | 1117,9 | 1330,5 |
| X4 | **Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ, млн. сомонӣ** | **15344** | **16548,6** | **18259,8** | **19642,3** | **20472,2** | **21126,3** | **22234** | **26197,8** | **32257,2** | **34558,7** | **37616,6** |
| | Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон, млн. сомонӣ | 4273,3 | 5133,8 | 5020,7 | 5842,4 | 5537,3 | 5705,8 | 6192,2 | 12527,5 | 14042,8 | 15505,2 | 16985,0 |
| X5 | **Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ млн. сомонӣ** | **9156,8** | **9678,7** | **10724** | **11132** | **11688** | **13009** | **15090** | **20029** | **25080** | **28391** | **30890** |
| | Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон, млн.сомонӣ | 3393,2 | 3546,1 | 3973,9 | 4078,5 | 4331,1 | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7652,9 | 8900,3 | 8998,3 |
| X6 | **Зичии шабакаи роҳ дар ҳудуди ҳар як 100 км. кв., дар ҷумҳурӣ (км)** | **0,185** | **0,187** | **0,188** | **0,188** | **0,189** | **0,189** | **0,189** | **0,189** | **0,193** | **0,193** | **0,193** |
| | Зичии шабакаи роҳ дар ҳудуди ҳар як 100 км. кв., дар вилояти Хатлон (км) | 0,197 | 0,199 | 0,205 | 0,205 | 0,208 | 0,214 | 0,217 | 0,219 | 0,220 | 0,220 | 0,220 |
| X7 | **Шумораи воситаи нақлиёти автомобилии боркаш, адад.** | **42337** | **37395** | **35424** | **36346** | **36942** | **39395** | **39160** | **39238** | **41305** | **40853** | **40869** |
| | Шумораи воситаи нақлиёти автомобилии боркаш дар вилояти Хатлон, адад | 8131 | 7779 | 7239 | 6973 | 7179 | 6458 | 6673 | 7177 | 7401 | 7560 | 7425 |
| X8 | **Шумораи вагонҳои роҳи оҳан дар ҷумҳурӣ. адад** | **1269** | **1300** | **1331** | **1367** | **1418** | **1490** | **1546** | **1570** | **2058** | **2058** | **2058** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2010., 202., Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон оид ба Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010., 2020., нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010., 2020., маълумотҳои омории нақлиёт ва алоқа дар Ҷумҳурии Тоқикистон. 2010., 2020., маълумоти омории Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010., 2020.

Умуман, пешбинии ҳаҷми хизматрасонии нақлиёти боркаш дар ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи вилояти Хатлонро, муаллиф дар асоси истифодаи таҳлили чандинкаратаи корелясионӣ-регрессионӣ дар МЭҲ бо истифодаи барномаи Microsoft Excel анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои амсиласозии пешгӯии ҳаҷми хизматрасонии нақлиёти боркашонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар ҷадвали 2.19, замимаи 8 ва 9 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.19. Натиҷаҳои амсилаи иқтисодӣ-риёзии ҳаҷми хизматрасонии боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон**

| Амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ | Омилҳо |
|---|---|
| **1.Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>$Y = 2730948{,}757 + 0{,}4404 * X_1 - 5{,}2231 * X_2 + 2{,}6183 * X_3 - 2{,}7262 * X_4 - 0{,}3033 * X_5 - 14501836{,}26 * X_6 - 5{,}8111 * X_7 + 221{,}7720 * X_8$<br>$R^2 = 0{,}9799$<br>$F_м = 0{,}0778$.<br><br>**2.Вилояти Хатлон**<br>$Y = 7278{,}99 + 1{,}1649 * X_1 + 249{,}9128 * X_2 + 8{,}9674 * X_3 - 0{,}1408 * X_4 - 0{,}8072 * X_5 + 10305{,}3262 * X_6 + 1{,}0781 * X_7$<br>$R^2 = 0{,}9858$<br>$F_м = 0{,}0090$. | Y – Боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт, ҳаз. тонн;<br>$X_1$ – ММД бо нархҳои ҷорӣ, млн. сомонӣ;<br>$X_2$ – Хароҷоти ҳақиқии бюҷети давлатӣ ба соҳаи нақлиёти кишвар, млн. сомонӣ;<br>$X_3$ – Ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкҳо ба хоҷагии халқ, млн. смонӣ (дар охири сол);<br>$X_4$ – Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ, млн. сомонӣ;<br>$X_5$ – Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ млн. сомонӣ;<br>$X_6$ – Зичии шабакаи роҳ дар ҳудуди ҳар як 100 км. кв., дар ҷумҳурӣ (км);<br>$X_7$ – Шумораи воситаи нақлиёти автомобилии боркаш, адад;<br>$X_8$ – Шумораи вагонҳои роҳи оҳан дар ҷумҳурӣ, адад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳангоми таҳлили маълумотҳои бадастомада бояд қайд кард, ки хусусияти натиҷавӣ барои вилояти Хатлон (ҳамлу нақли бор бо тамоми намудҳои нақлиёт)

бо робитаи мустаҳками мустақим бо нишондиҳандаҳои интихобшуда тавсиф мешавад, ба истиснои $X_8$ (Шумораи вагонҳои роҳи оҳан, адад).

Дар ҷадвали 2.20, расмҳои 2.15. ва 2.16. дар асоси амсилаҳои регрессионии бадастомада, мо пешгӯии рушди нақлиёти боркашонӣ тавассути тамоми намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи вилояти Хатлон то соли 2030 муайян карда шудааст .

**Ҷадвали 2.20. Дурнамои пешгӯии ҳаҷми ҳамлу нақли боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон солҳои 2021-2030**

*(ҳаз. тонн)*

| Солҳо | Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар вилояти Хатлон |
|---|---|---|
| **2023** | 99715,80 | 26852,70 |
| **2024** | 102645,50 | 28179,25 |
| **2025** | 105575,00 | 29611,20 |
| **2026** | 108504,90 | 31148,55 |
| **2027** | 111434,60 | 32791,30 |
| **2028** | 114364,30 | 34539,45 |
| **2029** | 117294,00 | 36393,00 |
| **2030** | 120223,70 | 38351,95 |

**Сарчашма:** ҳисоботҳои муаллиф.




**Расми 2.15. – Пешгӯии ҳаҷми боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030**

**Сарчашма:** ҳисоботҳои муаллиф.




**Расми 2.16. – Пешгӯии ҳаҷми боркашонӣ бо ҳамаи намуди нақлиёт дар вилояти Хатлон то соли 2030**

**Сарчашма:** ҳисоботҳои муаллиф.

Аз ҷадвали 2.20. бар меояд, ки дар соли 2030 нисбат ба соли 2023 хаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон мутаносибан ба 20,5 ва 42,82% зиёд мешавад.

Ҳамин тариқ, қобили қайд аст, ки пешгӯиҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби субъектҳои ИНЛ вилояти Хатлон дар соҳаи ҳамлу нақли бор ҳангоми ташаккули амсилаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои давраи дарозмуддат ба назар гирифта шаванд.

Аз ин рӯ ин натиҷаҳо дар раванди амсиласозии иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии бо назардошти истифодаи самаранки шабакаҳои нақлиёт ва тавозуни ҷамъбастии алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ дар асоси муайян намудани ҳосили ҷамъи ҳамаи навъҳои борҳои интиқолёфта гузаронида шавад.

Ҳангоми дар шабака амалӣ кардани ҷадвали шоҳмотии маҷмуи маълумоти перспективии сарфи маблағ, чараёни ояндаи роҳҳои автомобилгард, системаи анборҳои таъминкунӣ, комплексҳои боркашонӣ ва ҷузъҳои дигар ба даст меояд, ки тибқи онҳо сатҳи роҳи оптималии рушди шабака ва муваққатан банд будани инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар муайян мегардад.

«Тавозуни ҷамъбастии алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ дар шакли ҷадвали шоҳмот тавассути ҷамъ кардани нишондиҳандаҳои навъҳои ҷудогонаи системаи амсилаҳои банақшагирии перспективии хоҷагии халқ тартиб дода мешавад. Дар таҳқиқоти мо мураккабии ба даст овардани тавозунро ба назар гирифта, тавозуни ҷамъбастии перспективии алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ дар асоси маълумоти ҳисоботии Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати нақлиёт, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, роҳи оҳани Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоби перспективии пешгӯйи рушди боркашонӣ, ҳамчунин маводи пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии лоиҳакашӣ ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ коркард шудааст»[135].

Таҳқиқи алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ аз рӯйи хусусияти ба вуҷуд овардани боркашонӣ, нуқтаҳои ҳаҷми бор ба назар гирифтани аҳамияти чунин омилҳои алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодиро ҳангоми коркарди онҳо таъкид мекунад: ба ноҳияҳо ҷудо кардани қаламрав; хислат ва хусусияти рушди ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба минтақаҳо ва ноҳияҳо; таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи рушди истеҳсолот, аз ҷумла инфрасохтори нақлиётӣ ва ҷузъҳои он; боркашонӣ аз рӯйи талаботи гуногун; вазъият ва дурнамои рушди боркашонӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои нақлиётӣ-иқтисодии он ва ғайра.

Тавозуни ҷамъбастии перспективии алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба матритсаи чоркунҷаи тартиби 90 монанд аст, ки тамоми объектҳои ба вуҷуд овардани бор ва ҳаҷми борро дар бар мегирад, аз ҷумла якчанд пунктҳои ҷумҳуриҳои ҳамсоя, ки ба алоқаи нақлиётӣ-иқтисодии минтақа таъсиргузоранд, шомиланд[136].

---

[135] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

[136] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

Ба синтези шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ корҳои зиёд бахшида шудаанд[137], ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ин масъалаҳо баррасӣ шудаанд. Аммо вазифаи созмон додани шабакаи хурд, якдигарро иваз кардани навъҳои инфрасохтори нақлиётӣ, такмили шабака бо дарназардошти талаботи мавҷуда ба боркашонӣ, тақсими селаҳо дар шароити рушди шабакаи ягонаи ташкили маҳаллии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ гузаронидани таҳқиқоти махсусро талаб мекунад.

Рушди инфрасохтори минтақавии нақлиётӣ-логистикӣ бо ёрии алгоритми ҷустуҷуӣ дар шабакаи хурд амалӣ карда мешавад. «Бо ин мақсад мо шабакаи эксперименталии (таҷрибавии) ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётиро пешниҳод менамоем, ки аз навъи одии он фарқ мекунад, камонҳои иловагӣ дорад, ки зинаҳои рушди минбаъдаи навъҳои якдигарро ивазкунандаи нақлиёт, комплекси боркашонӣ ва ё анборҳои минтақаи мавриди омӯзишро ифода мекунанд. Ҳар як анбор, комплекс ва ё ҳар як хатсайр вобаста ба ҳолати техникии мавҷуда то сатҳи таҷҳизоти ниҳоии техникӣ рушд мекунад. Ба ҳар як давраи рушд камоне рост меояд, ки бо хусусияти қобилияти гузаронидани бор ва нархи он тавсиф мешавад. Агар ташкили хатҳои (роҳҳои) навъҳои гуногуни нақлиёт ва ё терминал ба нақша гирифта шавад, метавон бо як камони (ба он сӯ ва аз он сӯ ба ин сӯ), ки хусусияти арзишии мувофиқ дорад, қаноат намуд, чунин масъалаи алтернативӣ – сохтан ва ё насохтан ба миён меояд. Бо вуҷуди ин, имконияти

---

[137] Раджабов Р.К., Хамроев Ф.М. Пулатова Ш.Б. Экономико-математическое моделирование развития и размещения регионального транспортно-дорожного комплекса // Вестник ТТУ имени акад. М.С.Осими, №3(31)-2015.- Душанбе ТТУ,2015.-С.208-217; Раджабов Р.К., Амонуллоев И.А. Проблемы моделирования развития региональной транспортной системы // Вестник ТТУ имени акад. М.С. Осими, №3(31)-2015.- Душанбе ТТУ,2015.-С.135-139; Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры (монография).- Душанбе: Ирфон, 1999. – 187 с.; Раджабов Р.К. Корнев В.А., Макенов А.А., Морозова О.В., Зубайдов С. Моделирование микроэкономики (Монография). - Душанбе: «Ирфон», 2017. – 293 с.; Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

сохтани инфрасохтори нақлиётиро бо сатҳҳои гуногуни боргузаронӣ ва тавсифи техникидоштаро таҷриба кардан мумкин аст»[138].

Шароити оптималии ҷойгиркунӣ ва фаъолияти соҳа ва талаботи самараноку коркарди алгоритми амсиласозӣ дар шакли амсилаи кушода вазифаҳои барномасозии нақлиёт муҳайё мегардад[139] .

Амсилаҳои иқтисодӣ-риёзии ҷойгиркунонии истеҳсолот, дар аксар маврид ба типи амсилаҳои истеҳсолӣ-нақлиётӣ хос мебошад. Ба замми ин, такомули банақшагирии соҳавӣ дар асоси амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ на танҳо ба иҷрои вазифаҳои ҷорӣ, балки ба коҳиши сатҳи меҳнатталабии он мусоидат менамояд. Инак, амалӣ кардани навъи оптималии рушд ва ҷойгиркунии соҳа, ки дар натиҷаи ин усулҳо ба даст меояд, нисбат ба навъҳои дигари нақшаҳое, ки бо методҳо анъанавӣ тартиб дода шудаанд, 10-15% хароҷоти камтар дорад.

Истифодаи самарабахши амсилаҳои иқтисодӣ-риёзӣ дар ҳисоби амалӣ кори пешакии таҳлилиро талаб мекунад. То давраи ҳозира истифодаи услуҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва татбиқи он дар соҳаҳои иқтисодиёт бо душворӣ мегузарад.

Дар корҳои илмии пештара[140] вазифаҳои мувофиқ ва ҷойгиркунии муассисаҳои инфрасохтори нақлиётӣ бо роҳҳои ҳалли алоқамандонаи якчанд вазифаҳои нақлиёт арзёбӣ мешавад: ноил шудан ба гашти камтарини воситаҳои нақлиёт бо ёрии хатсайркунонии боркашонӣ; муайян кардани шабакаи ратсионалии корхонаҳои нақлиётии ҷойгиршаванда, ки ба гашти ниҳоии воситаҳои нақлиёт мусоидат мекунад. Бар замми ин, ҳаҷми корхонаҳои нақлиётӣ

---

[138] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 95. – ISSN 2520-2235.

[139] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

[140] Раджабов Р.К., Амонуллоев И.А. Проблемы моделирования развития региональной транспортной системы// Вестник ТТУ имени акад. М.С.Осими, №3(31)-2015.- Душанбе ТТУ,2015.-С.135-139; Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

ба воситаи графоаналитикӣ ва ё усулҳои ҳисоббарории таҳлили риёзӣ муайян мегардад.

Ҷиҳати манфии ин усул дар он аст, ки муаллифони он усулҳои декомпозитсияро истифода бурда, нақшаи ҷойгир кардани корхонаҳои нақлиётиро бо иқтидори оптималӣ ба назар нагирифта буданд.

Дар кори таҳқиқотии анҷомдодаи[141] муаллиф таҳлили амсилаҳои иқтисодӣ-риёзии амалишуда ва усулҳои оптимизатсияи ҷойгиршавии корхонаҳои инфрасохтори нақлиётиро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳлил имкон доданд, ки камбудиҳои асосӣ ошкор шаванд, яъне арзиши моделҳо ва методҳои мазкурро ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷойгиркунии воситаҳои нақлиёти боркаши корхонаҳои нақлиётӣ коҳишдиҳанда муайян гарданд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки варинати ратсионалии рушд ва ҷойгиркунии соҳа васеъ намудан ва реконструксияи корхонаҳои мавҷуда ва нав, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, истифодаи воситаҳои технологии истеҳсолот, ҳамчунин то истифодабаранда расонидани маҳсулот, ҳамзамон иҷрои шароити зарурии фаъолияти соҳа амалӣ шуда, аҳамияти функсияи мақсаднок, ки самаранокии хоҷагии халқ, рушд ва татбиқи онро муайян менамояд, ба сатҳи экстремалӣ мерасад.

Дар замони ҳозира ҳангоми ҳалли вазифаҳои рушди оптималӣ ва ҷойгиршавии истеҳсолот ба сифати меъёри оптималӣ меъёри ниҳоии сарфи маблағ, даромади максималӣ ва ё истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот (кор, хизматрасонӣ), маҷмуи онҳо истифода бурда мешавад.

Ба ақидаи мо, масъалаи даромади калонтарин бояд дар ҳолати зерин ҳал шавад: дараҷаи талабот ба маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) бо дараҷаи нархҳо муайян мешавад; талаботи умумӣ ба маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) нисбат ба имконияти истеҳсоли он хеле зиёд аст; сохтори истеҳсоли маҳсулот наметавонад

[141] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

то ҳалли масъала муайян шавад; пешгӯйи нархҳо нисбат ба пешгӯйи талабот боэътимодтар мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми иҷрои ин вазифаҳо аз рӯйи меъёрҳои мазкур, функсияи мақсаднок фарқияти байни даромадро аз амалӣ кардани маҳсулоти истеҳсолшуда (корҳои иҷрошуда, хизматрасонӣ) ва сарфи маблағ барои истеҳсоли он, интиқоли он то ҷойи истифода ва истеъмолро ифода менамояд.

Ҳангоми истифодаи меъёри максималии даромад бояд дар фаъолият захираҳои камёфт барои ин соҳа ва захираҳои берунаи аҳамияти мақсадҳои гуногундошта (захираҳои меҳнатӣ, маблағгузории асосӣ) ворид карда шаванд. Истифодаи меъёри минималии сарфи маблағ дар он ҳолате манфиатбахш аст, ки агар талабот ба маҳсулоти соҳа аз нархҳо вобаста набуда, ба таъмини ҳатмӣ нигаронида шудааст; нархҳои фурӯши маҳсулот ба ҳолати ҳалли масъала муайян набуда, ба таври зарурӣ устувор нестанд; пешгӯии захираҳои соҳаи мазкур нисбат ба пешгӯии талабот боэъимодтар мебошад.

Ҷиҳати мусбати истифодаи маблағҳои зикршуда ба сифати маблағҳои ниҳоӣ аниқ буд, барои муаррифӣ ва асоснок кардан ҳоҷате нест. Маблағҳои зикршуда нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот буда, аз ҷиҳати оптималӣ рушд ва ҷойгиршавии истеҳсолот ин маблағҳо бояд минималӣ бошанд. Бо вуҷуди ин, шароити иқтисодиеро, ки дар он рушд ва ҷойгиршавии соҳа сурат мегирад, таҳлил намуда, дидан мумкин аст, ки сарфи маблағҳо дар ҳалли масъалаҳои рушд ва ҷойгиршавӣ меъёри ягонаи оптимизатсия нест.

Дар ҳолати ҷудогона ҳангоми ҳалли вазифаҳои ҷойгир кардани истеҳсоли соҳаи алоҳида меъёрҳои оптималии хусусӣ, чун истеҳсоли намудҳои гуногуни истеҳсолот (кор, хизматрасонӣ) ва ё маҷмуи ҳархелаи онҳо истифода бурда мешавад.

Дар солҳои охир ба сифати меъёри самаранокии ҷойгиркунии истеҳсолот дар фаъолияти зикршуда сарфи минималии маблағҳои умумӣ тавсия мешавад, ки он маблағҳоро барои истифода (истеҳсолӣ) ва маблағҳои зарурии капиталӣ, ҳамчунин маблағҳои бо интихоби варианти тахассусӣ ва кооператсияи минбаъдаи

истеҳсолот (асосан сарфи маблағ барои боркунии полуфабрикатҳо, агрегатҳо, интиқоли воситаҳои нақлиётӣ ва мошинҳо дигар)-ро ба назар мегирад.

Бояд қайд кард, ки меъёрҳои оптималии зикршуда[142] барои хоҷагии халқ бошанд ҳам, ҳадафҳои иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро сарфи назар мекунад. Дар маҷмуъ масъалаи амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ҷойгиркунии маҳаллии корхонаҳои инфрасохтори нақлиётӣ аз якчанд масъалаҳои хурди алоқаманд иборат мебошад. Аз тарафи дигар, ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ барои барномасозӣ ва идораи иқтисодиёт, аз ҷумла инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ талаботи наву баландтарро тақозо менамояд.

Бо вуҷуди ин, ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи рушд ва ҷойгиршавии истеҳсолот ба гирифтани натиҷаҳои ниҳоӣ дар заминаи интихоби ратсионалии вариантҳои реконструксияи (азнавсозии) корхонаҳои фаъолиятдошта ва васеъ намудани корхонаҳои мавҷуда, сохтмони корхонаҳои нав, терминалҳо, марказҳои логистикӣ ва ҷобаҷогузории онҳо мусоидат мекунад.

Барои ҳамин ҳам, амсилаи ҷойгиршавии минтақавии корхонаи маҳаллии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ аз давраҳои алоқаманд ва таъсири якдигар иборат мебошад. Дар байни давраҳои амсиласозии иқтисодӣ-риёзии корхонаи маҳаллии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ муносибатҳои пайдарҳам ва баръакс мавҷуд аст. Алоқаҳои баръакс дар натиҷаи дар раванди таҳқиқ пайдо шудани нодуруст ва иштибоҳ будани қарорҳои дар давраҳои пештар қабулшуда ва ё номумкин будани амалӣ кардани ин натиҷаҳо ба вуҷуд меоянд. Ин давраро гузаронида, масъала ҳал мешавад.

Дар умум, амсиласозии иқтисодӣ-риёзии тақсими селаҳо дар шароити рушди шабакаи ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо назардошти даровардани тағйирот ба амсилаи пешниҳод намудаи профессор Раҷабов Р.К. таҳия карда шудааст[143]:

---

[142] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

[143] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб

«Шабакаи корхонаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ $S$ бо $N$ – қуллаҳо (нуқтаҳо) ва $M$ – камонҳо (қитъаҳо) дода шуда аст. Ҳар як камоне, ки бо қуллаҳои $i$ ва $j$, пайваст шудааст, тавсифи $C_{ij}$ (хароҷоти нисбӣ) ва қобилияти гузариши $d_{ij}$, дорад.

Ҷадвали ҷамъбастии шоҳмотии маълумот дода шудааст $||X_{кс}||$»[144].

Ҳангоми коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиркунонии корхонаи минтақавии инфрасохтори нақлиёти-логистикӣ, усулҳои дар таҳқиқоти гузаронидашуда[145] пешниҳодшударо истифода намуда, бо дарназардошти тағйирот дар хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ чунин аломатҳоро ворид менамоем:

«Маълумоти ибтидоӣ:

$i, j$ – қуллаҳои озоди шабака (нуқтаҳо, терминалҳо, анборҳо, комплексҳои боркашонӣ);

$ij$ – звеное, ки нуқтаи $i$ – ро бо нуқтаи $j$ – и шабака пайваст мекунад;

$g$ – намуди бор дар ҷадвали шоҳмотии маълумоти ҷамъбастӣ;

$p$ – сатҳи имконпазири рушди қитъаи шабака (ё анбор, терминал, комплекси боркашонӣ);

$O$ – нуқтаҳои зиёди интиқол (содирот) ва ё (анбор, терминал, комплекси боркашонӣ); $O = \{1, 2, ...., к\}$; $к \in i, j$;

$П$ – нуқтаҳои зиёди воридот (ва ё анбор, терминал, комплекси боркашонӣ); $П = \{1, 2, ...., l\}$; $l \in i, j$;

$a_i$ – ҳаҷми интиқоли бор аз нуқтаи $i$;

$в_i$ – ҳаҷми воридшавии бор ба нуқтаи $j$;

Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.; Раджабов Р.К., Амонуллоев И.А. Проблемы моделирования развития региональной транспортной системы// Вестник ТТУ имени акад. М.С.Осими, №3(31)-2015.- Душанбе ТТУ,2015.-С.135-139.

[144] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

[145] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

$C_{ij}^{p}$ - арзиши боркашонии (коркард ва ҳифз) воҳиди бор аз рӯйи камони $ij$ ҳангоми $p$ – сатҳи рушд;

$X_{ij}^{\gamma gp}$ - бузургии $\gamma$ - и ҷараён, $g$ – намуди бор дар қитъаи $ij$ ҳангоми $p$ – сатҳи рушд;

$Д_{ij}$ – маҷмуи қобилияти гузарониши $ij$ қитъаи шабака;

Бузургиҳои додашуда:

Нуқтаҳои зиёди имконпазири $N$ (куллаҳо) шабакаи ягонаи корхонаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ (аз ҷумла, анборҳо, комплексҳои боркашонӣ, нуқтаҳои ибтидоӣ – ниҳоии қалбакӣ), $N = \{1,2,3,...i, j,...,n\}$;

Камонҳои $M$ зиёди имконпазир ва мавҷудаи (қитъаҳо)-и шабакаи ягона (аз ҷумла бо фаъолияти ибтидоӣ ва ниҳоӣ, коркард ва ҳифз, фаровардани бор ва ғайра мусоидаткунанда), $M = \{1,2,...,ij\}$;

Ҳолатҳои гуногуни $p$ таҷҳизонидани техникии звеноҳои шабакаи нақлиётӣ бо бузургии қобилияти гузарониши мувофиқ $d_{ij}$ ва тавсифи арзишии $C_{ij}$ ба ҷойивазкунии $P = \{1,2,...,P\}$;

Пунктҳои (нуқтаҳои) зиёди интиқол $O$ ва нуқтаҳои ҳозиршавӣ (қабулкунӣ) *П;*

Шабакаи мавҷуда ва перспективии (экспертии) корхонаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ ва сатҳи имконпазири рушди ҳамаи звеноҳо, илова бо сохтмонҳои нав ва чорабиниҳои азнавсозӣ (реконструксивӣ), аз ҷумла (анборҳо ва комплексҳои боркашонӣ) – $S$ »[146].

Ҷадвали шоҳмотии маълумоти ҷамъбастӣ аз чунин сохтор иборат аст[147]:

$$\|x_{kl}\| = \{x_{ij,kl}^{\gamma g}\}; \text{ дар ин ҳолат } \sum_{k} \{x_{ij,kl}^{\gamma g}\} = \sum b_l; \ \sum_{l} \{x_{ij,kl}^{\gamma g}\} = \sum a_k; \quad (1)$$

Ҳамчунин $\gamma = (k-1)n+l$; $\gamma = 1,2,...n^2$;

---

[146] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [Текст] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

[147] Нигар, дар инҷо, С. 97

Бояд ба ҳади ақал расонида шавад:

$$\sum_{ij}\sum_{\gamma}\sum_{g}\sum_{p} c_{ij}^{\gamma p}\cdot x_{ij}^{\gamma g p}\rightarrow\min \qquad (2)$$

Ҳангоми маҳдудкуниҳои зерин:

$$x_{ij}^{\gamma g p}\geq 0;$$

$$\sum_{p} x_{ij}^{\gamma g p}\leq Д_{ijj}; \qquad \sum d_{ij}^{p}=Д_{ij}; \qquad \sum_{k} x_{ij,kl}^{\gamma g}-\sum_{l} x_{ji,kl}^{\gamma g}=0, \qquad (3)$$

Барои ҳар як маркази $i$ ва ҳар як бор $g$ шарти зерин риоя мегардад:

$$\sum_{j}\sum_{p} x_{ij}^{\gamma p}-\sum_{j}\sum_{p} x_{ji}^{\gamma p}=\begin{cases} x^{\gamma}, агар i=k; \\ 0, агар i\neq k,l; \\ -x^{\gamma}, агар i=l; \end{cases} \qquad (4)$$

Дар амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ низоми маҳдудият (3) тавозуни байни ҳаҷми маҳсулот ва интиқол, маҳдудият ва қобилияти гузарониши камонҳои шабакаи ҳисоби инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро нишон медиҳад, аммо (4) шароити муҳофизати равандҳои нақлиётию логистикию шабакавиро дар бар мегирад.

Дар чунин вазъияти иҷрои вазифаҳо ба шабакаи муҳосибии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҳамаи намудҳои қитъаҳои нақлиёт, анборҳо, терминалҳо, системаҳои таъминот ва комплексҳои боркашонӣ ҳамчун звеноҳои шартӣ (камонҳо) $ij$ бо нархи мувофиқ илова мегардад. Дар баробари ин, имконияти вариантҳои гуногуни чорабиниҳои азнавсозӣ ва сохтмонҳои нав ба назар гирифта мешаванд.

Амсилаи иқтисодӣ-риёзии ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ зарурати ҷудо карда шудани маблағҳои гуногун (нақлиётӣ, терминалӣ ва анборӣ)-ро имкон медиҳад, ки дар заминаи истифодаи принсипи амсилаии созмон додани фаъолияти алгоритмӣ сурат мегирад. Амсилаи коркардашудаи иқтисодӣ-риёзии рушди ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо баррасӣ кардани масъалаи такмили шабакаи мавҷуда ва интихоби яке аз вариантҳои оптималии шабакаи мавҷуда ва аз навсохташаванда, ки талаботи боркашониро бо харҷи маблағҳои камтарин ҷорӣ мекунад, имкон медиҳад.

Вобаста ба ин, принсипи умумии ҳисоби арзишии намуд ва унсурҳои ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, ки ба шабакаи ягона пайвастанд, муҳим мебошад. «Дар таҳқиқоти мазкур ба сифати хароҷот сарфи маблағҳои иловагӣ барои боркашонӣ ва интиқоли маҳсулот, яъне хароҷоти эксплуататсионӣ (аз масофаи ҳаракат ва дараҷаи хароҷотҳои новобаста) ва маблағгузории капиталӣ барои воситаҳои нақлиётӣ ва афзудани қобилияти гузарониши қитъаҳо ва ё звеноҳои шабака қабул шудааст, ки дар рушди минбаъдаи ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҷудо гардидани маблағҳои иловагиро ба назар мегирад.

Аз тарафи дигар, масъалаи рушди давра ба давраи хатҳои ҳаракати нақлиётӣ ва дигар объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ зарур мебошад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти нақлиёт муттасил афзудани ҳаҷми боркашонӣ дар давраи мазкур, аммо баланд гардидани имконияти боргузаронии қитъаҳо ва хатҳои нақлиётӣ ба таври номураттаб мегузарад»[148].

Масъалаи пайиҳам пурқувват кардани иқтидор, рушди давра ба давраи хатҳои нақлиётӣ яке аз вазифаҳои на танҳо илми нақлиётшиносӣ[149], балки фаъолияти истеҳсолот низ мебошад. «Маълум аст, ки барои ҳар як қитъа (маҳал) намудҳои гуногуни нақлиёт бо сатҳи муайяни таҷҳизоти техникӣ схемаи (нақшаи) оптималии рушди сатҳи болоравии интенсивнокии ҳаракат хос мебошад (аз рӯйи меъёрҳои гуногун схемаҳои гуногун буда метавонад). Тағйири суръати рушди ҳаракати интенсивӣ (афзудани ҷараёнҳои боркашонӣ) дар навбати худ ба тарҳи рушди давра ба давраи шабакаи ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонад. Аз ин сабаб ҳангоми тақсим муайянкунии боркашонӣ бо мақсади ратсионализатсияи ҷараёнҳо, ки суръати интенсивнокии

---

[148] Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

[149] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.; Раджабов Р.К. Корнев В.А., Макенов А.А., Морозова О.В., Зубайдов С. Моделирование микроэкономики (Монография). - Душанбе: «Ирфон», 2017. – 293 с.

ҳаракат маълум нест, истифодаи тарҳҳои рушди хатҳои нақлиётӣ ва объектҳои дигари инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба миён меод. Бо вуҷуди ин, назорати пурраи хусусияти макони шабакаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва намудҳои гуногуни нақлиёт яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад»[150]. Арзишдиҳии тавсифи маблағҳои камонҳои шабакаи хурди ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо ёрии усулҳои дар таҳқиқот[151] тавсияшуда гузаронида шудааст.

Барои ҳалли масъалаи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барномаи стандартӣ истифода мешавад ва дар натиҷаи тадбиқи амсилаи мазкур ҷараёнҳои перспективии хатҳои гуногуни нақлиётӣ барои намудҳои гуногуни нақлиёт ва банд будани терминалҳо, анборҳо ва базаҳои корхонаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба даст оварда мешавад; сатҳи техникии рушди хатҳои нақлиёт ва анборҳо, ҳамчунин вариантҳои сохтмонҳои қитъаҳои нав ва объектҳои системаи ташкили минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ боло меравад; хароҷоти умумӣ барои истифода ва рушди он муайян мегардад; корҳои нақлиётии ҳамаи намуди нақлиёт, ҳаҷми воридот ва содироти бор дар доираи минтақа, ҳамчунин ҳаҷми коркарди маҳсулот дар терминалҳо, базаҳо ва анборҳо муайян мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар ҳолати зарурӣ маблағҳои солонаи ҷории истифодабариро аз рӯйи намуди нақлиёт ва корхонаҳои минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, ки дар маблағгузории асосӣ оварда шудаанд, ҳамчунин ҳаҷми фондҳои истеҳсолӣ, ки дар давраи мазкур ворид мешавад, ҳисоб кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, истифодаи муносибати системанок ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо мавҷудияти як қатор шароит ва маҳдудияти техникӣ, технологӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ вобастагии зиёд дорад. Ин маҳдудият дар

---

150 Раҷабов Р.К. Ашуров Н.А. Коркарди амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа [матн] / Р.К. Раҷабов, Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – №3(55). – С. 94-99. – ISSN 2520-2235.

151 Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс…д-ра экон.наук: 08.00.04/Раджаб Кучакович Раджабов.-Душанбе, 2000.-287с.

раванди коркард ва татбиқи амсилаҳои иқтисодӣ-риёзии ҷойгиркунонии корхонаҳои минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар омодагии муназзам амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, коркарди амсилаи рушд ва ҷойгиркунонии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба баланд гардидани самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ-логистикии иқтисодиёт ва татбиқи СМР-2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

# БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ- ЛОГИСТИКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати кӯҳсори Осиёи Марказӣ дар маркази чорроҳаи пайвасткунандаи шабакоти рушдёфтаи нақлиётии шимол (шабакоти нақлиётии Россия ва Қазоқистон) ва бандарҳои калони тиҷоратии байналмилалии ҷануб (бандар-шаҳрҳои соҳили уқёнуси Ҳинд) ва дар масири шоҳроҳи кӯтоҳтарини тиҷоратии байни кишварҳои шарқ (аз ҷумла, Ҷумҳурии халқии Хитой бо иқтисодиёти дорои суръати баланди рушд) ва ғарб (Аврупо ва дигар давлатҳои тараққиёфтаи ҳавзаи баҳри Миёназамин) воқеъ аст.

Чӣ тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст:

«Тоҷикистон дар соли 2030 кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир аст, ки аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои баробар барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳра мебаранд. Биниши ояндаи дарозмуҳлати кишварамон - нигаҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некуаҳволии мардум бетағйир боқӣ мемонад. Рисолат ё моҳияти пешрафти минбаъда – ин бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот мебошад»[152].

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуд. Аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ин муваффақиятҳо равшану возеҳ буда, асосан, ба туфайли иродаи қавии сиёсии роҳбарияти кишвар ба даст омадаанд. Аммо асри XXI бо шароити берунаи босуръат тағйирёбандаи рушд ба мардуми мо вазифаҳои нав ва то андозае

[152] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.-103 с.

фарогиранда пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо барои иттиҳоди ҷомеа ва ҳифзи асолати миллӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба тараққиёти густурда хеле муҳим мебошад.

Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ зарур аст.

Стратегияи рушди иқтисодиёти минтақа бо хадамоти нақлиётӣ ва логистикӣ зич алоқаманд мебошад. Нақлиёт як звеное аст, ки сифат ва самарабахшии таҳвили молҳо аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон аз он вобаста мебошад.

Инфрасохтори нақлиётии кишвар, асосан солҳои 60-80 асри гузашта ҳамчун як қисми таркибии шабакоти нақлиётии Иттиҳоди Шӯравӣ бунёд ёфта, дорои хусусияти якҷонибагии бунбастии марзӣ дошт ва дар баробари ин солҳои 90 асри гузашта бо сабабҳои объективӣ таназзул кард.

Аз лиҳози он, ки дар марҳалаи нави таърихии рушди иқтисодиёти кишвар инфрасохтори вуҷуддоштаи нақлиётӣ ба таъмини вазифаҳои стратегии рушди иқтисодиёт дар мавриди интиқоли дохилию берунӣ мутобиқат надошт, зарурати муайянсозии тамоюли рушди инфрасохтор дар ҳамбастагӣ бо дигар вазифаҳои стратегии тараққиёти мамлакат пеш омад.

Маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоиро муттаҳид сохта, хоҷагии роҳҳои автомобилгардро дар бар мегирад. Вобаста ба шароити хоси табиӣ-иқлимии ҷумҳурӣ, ки бисёре аз масоҳати онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёт дорои бартарияти муҳимми стратегӣ, хусусан дар самти таъмини интиқоли мунтазами дохилӣ ва фарогирии ҳамаи минтақаҳои мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард ва иншооти он, ки робитаи доимии байни марказ ва минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин мекунанд, аҳамияти махсус дода мешавад.

Дар робита ба ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дида баромадани Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси

наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 (минбаъд- Барнома)-ро, ки дар асоси таҳлилҳо, хулосаҳои амиқи ояндабинӣ ва барномаи инкишофи ҳамаи таркибҳои маҷмааи наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешбаранда будани маҷмааи наклиётӣ нисбат ба дигар бахшҳои воқеии иқтисодиёти кишвар оварда шудааст зарур мешуморем[153].

Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 ба таҳқиқоти институтҳои байналмилалии молиявӣ ва мутахассисони соҳа асос ёфта, ҳадафҳои заруриро пайгирӣ мекунад[154]. Дар ин раванд рушди боркашонии интермодалӣ (боркашонии омехта); барномаи таъмини бехатарии экологии наклиёт; барномаи иттилоотонии соҳаи наклиёт зарур аст[155].

Зарур аст, ки ба инвеститсияи кутоҳмуҳлат барои харидани таҷҳизоти лозимӣ мусоидат карда шавад. Терминалҳои боркашонии шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд бояд бо таҷҳизоти боркунию борфурорӣ, инчунин майдончаҳои контейнерӣ, ки аз онҳо интиқоли зиёди борҳои интермодалӣ ва якҷояшуда анҷом меёбанд, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда шаванд. Муҳимтар аст, ки дар ин робита ба рушди ширкатҳои экспедитсионӣ, ки операторони интиқоли мултимодалӣ ва интермодалӣ маҳсуб меёбанд, мусоидат карда шавад.

Дар рушди интиқоли интермодалию мултимодалии борҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ шабакаи марказҳои логистикии шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат нақши муҳим хоҳад дошт. Шохаи роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон имкон медиҳад, ки ноҳияҳои саноатӣ ба ҳам пайваст гарданд. Барои коркарди логистикии борҳо дар ин марказҳо заминаи ҳозиразамони истеҳсолӣ-техникӣ бояд сохта шавад»[156]. Айни ҳол ҳамоҳангии маҷмааи системаҳои мустақил дар базаи маълумоти ягонаи иттилоотонӣ вуҷуд надорад.

---

[153] Барномаи давлатии рушди комплекси наклиёти Ҷумхурии Тоҷикистон то соли 2025 (https://mintrans.tj /sites/default/files/2017/barnomai_davlatii_rushdi_kompleksi_nakliyoti. pdf).
[154] Барномаи давлатии рушди комплекси наклиёти Ҷумхурии Тоҷикистон то соли 2025 (https://mintrans.tj /sites/default/files/2017/barnomai_davlatii_rushdi_kompleksi_nakliyoti. pdf).
[155] Нигар, дар ин ҷо, https://mintrans.tj
[156] Барномаи давлатии рушди комплекси наклиёти Ҷумхурии Тоҷикистон то соли 2025 (https://mintrans.tj /sites/default/files/2017/barnomai_davlatii_rushdi_kompleksi_nakliyoti. pdf).

Сохтори ягонаи иттилоотонии мусоидат ба танзим дар маҷмааи нақлиётии кишвар имкон медиҳад, ки системаи ягонаи иттилоотонӣ-таҳлилии ҷамъоварӣ, мунтахабкунӣ ва таҳлили маълумот оид ба тарифҳои ҷорӣ, ҳаҷми дотатсияву субсидияҳо, ҳамчунин дастрас будани хизматрасонии нақлиётӣ барои аҳолӣ таҳия карда шавад.

Барномаи иттилоотонии маҷмааи нақлиётӣ инчунин созмон додани системаи ягонаи иттилоотонии мониторинг ва банақшагирии ҳамлу нақли воридотӣ, содиротӣ, транзитӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи долонҳои байналмилалии нақлиётиро пешбинӣ мекунад.

Дар таъмини системаи нақлиётӣ бо манбаъҳои маълумоти дақиқ ва шаффоф истифодаи усулҳои замонавии таҳлили иттилоот аҳамияти муҳим дорад. Вобаста ба ин, дар нақлиёти шаҳрӣ системаи автоматикунонидашудаи идоракунии нақлиёти мусофирбари (минбаъд САИНМ) намуди TSM ба роҳ монда мешавад, ки кори он ба истифодаи ГЛОНАСС- системаи глобалии навигатсионӣ (минбаъд СГН) асос меёбад.

Татбиқи ин системаи идоракунии ҳамлу нақл имконият медиҳад, ки интиқоли бароҳати мусофирон таъмин шуда, вақти дар истгоҳҳо интизоршавии мусофирон ва ҳаракати воситаи нақлиёт ба истгоҳҳои таъиншуда кам ва мусофирбарӣ зиёд карда мешавад.

Ба мақсади ҳар чӣ зудтар сохтани шабакаи логистикӣ барои ҷойгиронии анборҳои нигоҳдории маҳсулот ва кормандон истифодаи модулҳои ҳозиразамони васлкунанда ба назар гирифта мешавад. Гирифтану коркарди иттилооти фаврӣ бо ёрии системаи ягонаи иттилоотии мониторинг ва банақшагирии интиқоли содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ҳудуди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо дарназардошти технологияҳои инноватсионӣ, сатҳи хизматрасонӣ ба сатҳи нав имконпазир аст, ки истифодаи усулҳои нав дар ташкили хизматрасонии нақлиётӣ ва инчунин истифодаи равандҳои муосири иттилоотиро дар бар мегирад. Аммо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ сармоягузориҳои

назаррасро талаб мекунад, аз ҷумла ба захираҳои моддӣ, кадрҳо ва рушди технологияҳои иттилоотӣ.

Тамоюли даҳсолаҳои охир дар соҳаи нақлиёт ин коҳиш ёфтани корхонаҳои нақлиётӣ, пайдоиши соҳибкорони инфиродӣ аст, ки аз як то якчанд таркиби ҳаракаткунанда доранд. Чунин корхонаҳо барои навсозии равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ бо сармоягузориҳои миқёси имкониятҳои васеъ надоранд. Аз ин рӯ, барои рушди минбаъдаи хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақа, ба сатҳи сифатан нав баровардани корхонаҳои нақлиётӣ тавассути ташкили холдингҳои нақлиётӣ ва логистикӣ зарур аст.

Бо дарназардошти динамикаи рушди вилояти Хатлон, мо метавонем дар бораи зарурати ташкили чунин холдингҳо дар қаламрави вилоят андеша кунем. Аҳамияти ташкили онҳо бо зарурати ташкили хизматрасонии муштариён барои интиқоли молҳо ва мусофирон дар минтақаҳои калонтарин марказҳои савдо вобаста аст. Айни замон, ин гуна корҳо тавассути воситаҳои нақлиёте, ки ба корхонаҳо, созмонҳо, шахсони алоҳида, аз ҷумла аз минтақаҳои дигари Тоҷикистон мансубанд, иҷро карда мешаванд. Ҳамин тариқ, вилояти Хатлон аз ҳисоби хизматрасонии интиқоли борҳо ва мусофирон ба буҷа андоз ба фисади кам пардохт карда мешавад.

Мақсади ин зербоби кори диссертатсионӣ баёни ақида доир ба ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ буда, доир ба ин баррасии равишҳои стратегӣ ва ташкилӣ оид ба таъсиси як холдинги нақлиётӣ мебошад, ки дар асоси технологияҳои муосири хидматрасонии ҳамлу накл вилояти Хатлон дар бозори нақлиёт мавқеи пешоҳангиро соҳиб шуда метавонанд.

Муаррифии маводи асосии таҳқиқотӣ нишон медиҳад, ки баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ таҳия ва ташаккули стратегияи рушди системаи нақлиётӣ ва логистикиро дар асоси созмон додани ташкилоте талаб мекунад, ки маҷмуи пурраи хизматрасониҳои нақлиётиро таъмин менамояд, аз ҷумла интиқол бо намудҳои гуногуни нақлиёт (нақлиёти мултимодалӣ), ҳамлу нақли байналмилалӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, таҳвили аз дар ба дар, таҳияи схемаҳои логистикии ҳамлу нақли мол, суғурта, таъмини бехатарии ҳамлу нақли

бор. Чунин ташкилот метавонад холдинги нақлиётӣ бошад, ки як қатор ширкатҳоро муттаҳид менамояд, ки тобеияти як мақсадро доранд - қонеъ кардани талаботи муштариён ба хидматрасониҳои самаранок ва босифат.

Таъсиси холдинги нақлиётӣ ва логистикӣ ба муносибати фармоишгар дар бар мегирад, ки ба хадамоти комплексии муштариён асос ёфтааст. Рақобатпазирии ин холдинг аён аст, зеро барои муштариён имкониятҳои муайяне фароҳам оварда шудаанд, аз ин рӯ, талабот ва бо нархҳои оқилона – яъне фоида мавҷуд ҳаст. Тавсия дода мешавад, ки холдинг дар заминаи маҷмуи якчанд корхонаҳо таъсис дода шавад, ки қобилияти татбиқи ин равишро доранд. Барои иҷрои як қатор вазифаҳои мутамаркази сохтори холдинг бояд ҷудо кардани шуъбаҳои молия, инноватсия, маркетинг, иттилоот, ҳуқуқӣ, назорат, амният ва идоракунии кадрҳо тавсия дода шавад.

Ташкили холдинг бақайдгирии қонунии он, таъсиси бренди хотирмон, таҳияи масъалаҳои ташкилии ҳамкориҳои корхонаҳои узви он, рушди системаи фасеҳи нархгузорӣ, системаи иттилоотӣ, маркази логистикӣ, системаи пешбурди фурӯш ва ташкили онро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, сохтори ташкилшуда бо истифодаи технологияҳои муосири хизматрасонӣ ба муштариён имкон пайдо мекунад, ки дар бозор мавқеи пешсафиро соҳиб шавад.

Таъсиси холдинги нақлиётӣ-логистикӣ аз ҳисоби сатҳи муосири рушди вилояти Хатлон, афзоиши потенсиали бозори ҳамлу нақли бор ва мусофирон, зарурати баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ ба муштариён мебошад.

Холдинг барои таъмини босифат ва саривақтии равандҳои нақлиётӣ-логистикӣ дар ҳама гуна мушкилот бояд дорои тамоми захираҳои зарурӣ бошад ва инчунин кафолат медиҳад: 1. Таъмини систематикии ҳаракати боркашониҳо дар асоси истифодаи усули ҳозираи хизматрасонии логистикӣ ба мизоҷон; 2. Муносибати ҳамаҷониба ба иҷрои фармоишҳо, аз ҷумла таҳияи нақшаи нақлиётӣ ва технологии интиқол ва омӯзиши муфассали ҳар як амалиёт; 3. Системаи фасеҳи тарифҳо ва тахфифҳо.

Таъсиси як ширкати холдингӣ дорои як қатор афзалиятҳост, ки қобилияти мутамарказ кардани сармоя ва рушди равандҳои сармоягузорӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, кам кардани хатари воридшавӣ ё баромадан ба бозор, тавсеаи миқёси истеҳсолот, татбиқи муштараки таҳқиқоти илмӣ ва лоиҳавиро дар бар мегиранд. Ин ҳамчунин ба тавсеаи фаъолият, рушди робитаҳои корӣ, ба даст овардани андоз, қарз ва дигар имтиёзҳо, татбиқи сиёсати ягонаи истеҳсолӣ, технологӣ, сармоягузорӣ ва фурӯш дар тамоми ширкати холдинг ва ҳамоҳангсозии он имкон медиҳад.

Сохтори чунин холдинг бояд инҳоро дар бар гирад: нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ; ширкати логистикӣ; анборҳо; ширкати суғурта; ширкати амният; ширкати ҳуқуқӣ ва бонк. Вазифаҳои бахшҳои холдинг дар ҷадвали 3.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.1. - Вазифаҳои шуъбаҳои холдинги нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон**

| Шӯъбаҳо | Фаъолияти шӯъбаҳо |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Нақлиётҳои ҳавоӣ | Расонидани мол аз фурудгоҳҳои ш. Бохтар ва ш. Кӯлоб ба дигар шаҳрҳои Тоҷикистон ва аз он ҷойҳо дар самти муқобил |
| Интиқолдиҳандагони бор | ▪ Интиқоли мол аз фурудгоҳ ба анборҳо ё дар ҳудуди фурӯшгоҳҳо;<br>▪ Таҳвили мол “аз дар ба дар”;<br>▪ Таҳвили мол аз мағозаҳои савдо ба роҳи оҳан, фурудгоҳ;<br>▪ Ҳамлу нақли байналмилалӣ;<br>▪ Ҳамлу нақли борҳои гурӯҳӣ;<br>▪ Боркашонии мултимодалӣ. |
| Интиқолдиҳандагони мусофирон | Хизматрасонии мусофирон дар хатсайрҳо ба марказҳои савдо ва бозгашт ба ноҳияҳои гуногуни вилояти Хатлон, шаҳрҳои ҶТ, Россия ва дигар кишварҳои хориҷ. |
| Анборҳо | Таъмини маҷмуи пурраи хизматрасониҳо оид ба ташкили нигаҳдории муваққатии моле, ки аз барасмиятдарории гумрукӣ гузаштаанд ва барои интиқол ба гирандагони ниҳоӣ амалиётҳои муайянро талаб мекунад, ки онҳо:<br>▪ Корҳои борфарорӣ ва боркунии дорои мушкилотҳои мураккаби гуногун ҳам бо истифода аз воситаҳои механиконидашуда ва ҳам дастӣ;<br>▪ Муттаҳидсозии борҳо, бастабандии борҳо;<br>▪ Ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои интиқол барои ҳамлу нақли минбаъдаи молҳо ба минтақаҳо бо намудҳои гуногуни нақлиёт. |

Идомаи ҷадвали 3.1.

| Шӯъбаҳо | Фаъолияти шӯъбаҳо |
|---|---|
| Логистика | ▪ Омӯхтани эҳтиёҷоти муштариён ва пешниҳоди роҳҳои муносиби логистикӣ барои ҳамлу нақли мол;<br>▪ Машваратдиҳӣ ба ширкатҳо оид ба ҳама масъалаҳои ташкили ҳамлу нақли бор, аз ҷумла ҳисоб кардани тарифҳо, пешниҳоди маълумот дар бораи пардохтҳои иловагӣ (гумрук, муҳити зист ва ғайра);<br>▪ Пайгирӣ (треккинг ва трейсинг) ҷараёни мол, дастгирии пурраи иттилоотӣ дар тамоми масир, вокуниши фаврӣ ва ҳалли ҳолатҳои фавқулодда. |
| Суғурта | ▪ Баҳодиҳӣ ба хавфҳо (риск) дар бозори боркашонӣ;<br>▪ Арзёбии арзиши суғуртаи ҳама гуна борҳо;<br>▪ Мусоидат дар ташкили санҷиши борҳои осебдида ва ҳалли минбаъдаи даъвоҳо;<br>▪ Дастгирии машваратӣ оид ба масъалаҳои суғурта ва ҳалли даъвоҳо;<br>▪ суғуртаи хавфҳои ширкат, ки аз хизматрасонӣ ба мизоҷон бармеояд, ба мақсади пешгирии зарари молиявии худи холдинг. |
| Бехатарӣ | ▪ Фармоиш додани мошинҳои дорои иҷозатномаҳои махсус;<br>▪ Ҳифзи мусаллаҳонаи молҳо;<br>▪ Фармоиши воситаҳои нақлиётро БДА барои ҳамроҳӣ намудан. |
| Ҳуқуқӣ | ▪ Барасмиятдарории гумрукии моли воридотӣ;<br>▪ Барасмиятдарории гумрукии борҳои содиротӣ;<br>▪ Бақайдгирии низомҳои нигоҳдорӣ;<br>▪ Бақайдгирии содироти / воридоти муваққатӣ;<br>▪ Ба расмият даровардани эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо;<br>▪ баҳисобгирии пардохтҳои гумрукӣ, интихоби рамзҳои ТН ВЭД;<br>▪ Гирифтани шаҳодатномаҳо;<br>▪ Бақайдгирии муштарӣ дар мақомоти гумрук ҳамчун иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ВЭД);<br>▪ Гирифтани отрядҳо барои барасмиятдарорӣ дар дигар гумрукҳо;<br>▪ Машварати ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои гумрук, мусоидат дар масъалаҳои мураккаби марбут ба қонунвайронкуниҳои ҳуқуқӣ. |
| Бонк | Хизматрасонии бонкӣ барои гузаронидани амалиётҳои холдинг. |

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ [матн] / Н.А. Ашуров // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3 (011). – С. 94-100. – ISSN 2076-2569.

Барои фаъолияти холдинг ҷорӣ кардани системаи идоракунии матритса тавсия дода мешавад, ки дар он ҳамкориҳои коммуникатсионии бахшҳои холдинг мувофиқи нақшаи бисёрканалӣ иҷро карда мешавад: «аз боло ба поён» ва уфуқӣ. Сарвари ташкилот ҳамчун сармоягузор баромад мекунад ва ҳафт ҷузъи таблиғи бомуваффақияти тамоми ташкилотро идора мекунад, ки маҷмуи онҳо сиёсати

мавҷудияти холдингро муайян менамоянд, аз ҷумла сиёсати молиявӣ; сиёсати баҳисобгирӣ; сиёсати кадрҳо; сиёсати иттилоотӣ; сиёсати амният; сиёсати инноватсионӣ; сиёсати маркетинг.




**Расми 3.1. - Сохтори идоракунандаи ширкати холдингӣ**

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ [матн] / Н.А. Ашуров // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3 (011). – С. 94-100. – ISSN 2076-2569.

Холдингро Шӯрои директорон идора мекунад, ки онро раис роҳбарӣ мекунад. Холдинг хидматҳоеро эҷод менамояд, ки функсияҳои ба зиммаашон гузоштаашударо аз ҷониби шуъбаҳо иҷро мекунанд (расми 3.1.). Воҳидҳои холдинг мустақилияти ҳадди аксар доранд ва худи онҳо тибқи шартҳои холдинг стратегияи худро муайян мекунанд ва мустақилона онро амалӣ менамоянд.

Шуъбаҳо барои натиҷаҳои фаъолияти худ комилан ҷавобгар мебошанд: иҷрои буҷа, даромаднокӣ, даромади умумӣ, хароҷотҳо, ноил шудан ба ҳадафҳои бозор. Ҳар як филиал сармояи худ ва вазифаҳои асосии худро дорад. Нақшаи ҳамкорӣ бо бахшҳои холдинг дар расми 3.2. оварда шудааст.

Моҳияти ташкили холдинги нақлиётӣ аз сабаби зиёд гардидани мол ва мусофирон дар минтақаҳои мутамаркази марказҳои савдои ш. Бохтар ва маҳали ҷойгиршавии шаҳрҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар айни замон хизматрасонии нақлиётии марказҳои савдо ба низом дароварда нашудааст ва бо кумаки ширкатҳои мухталиф, нақлиёти хусусӣ амалӣ карда мешавад. Расонидани мол ба бозор ва аз бозор ба минтақаҳои гуногун, аз ҷумла Россия барои фармоишгар оптимизатсия карда намешавад. Аз ин рӯ, талабот ба хидматҳое ба миён хоҳад омад, ки имкон медиҳад молҳо ба ягон нуқта дар масири

ҳама гуна мушкилот бо самаранокии баландтарин ҳам молиявӣ ва ҳам муваққатӣ бидуни мушкилиҳои нолозим расонда шаванд.




**Расми 3.2. - Накшаи ҳамкории бахшҳои ҳолдинг**

**Сарчашма:** Ашуров, Н.А. Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ [матн] / Н.А. Ашуров // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3 (011). – С. 94-100. – ISSN 2076-2569.

Холдинги нақлиётӣ ва логистикӣ бояд ба мизоҷон нигаронида шуда бошад, ки истифодаи стратегияҳои маркетингӣ ва хизматрасониҳои машваратиро барои муштариён тақозо мекунад. Ташкилоти он бояд ба талаботи муосири идоракунии системаи нақлиётӣ мувофиқат намояд[157].

Ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бояд ба роҳи ташкили холдингҳои калони нақлиётӣ ва логистикӣ пайравӣ кунад. Ин бо зарурати қонеъ кардани талаботи муштариён ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар сатҳи сифатан нав асос меёбад. Чунин холдингҳо дорои

[157] Попова Н.В. , к.э.н., доцент, Белевцова Н.М., здобувач (ХТЭИ КНТЕУ)-Стратегия развития транспортно-логистической системы региона (Вісник економіки транспорту і промисловості. № 33, 2011).

навоварихое мебошанд, ки сармоягузории назаррасро талаб мекунанд ва истифодаи равандҳои муосири технологиро имкон медиҳанд. Ба ақидаи мо, нақш ва аҳамияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва саҳми он дар ташаккули системаи нақлиётии минтақа беандоза буда, рушди он ба раванди амалӣ намудани стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат хоҳад кард.

## 3.2. Дастгирии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа

Устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ, тамомияти сиёсии кишвар ва мутобиқшавии бозор аз бисёр ҷиҳат аз ҳолати комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии он вобаста аст. Дар ин росто, нақши сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтори кишвар, аз ҷумла дар робита бо таъсиси субъектҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – вилояти Хатлон ба таври назаррас меафзояд. Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар ва тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи равишҳои навро дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ талаб мекунад.

Лоиҳаҳои ҳамаҷонибаи сармоягузорӣ дар системаи нақлиёт омили муҳим барои аксари минтақаҳое мебошанд, ки дар амал татбиқ мешаванд. Алахусус, дар вазъи кунунии иқтисодии кишвар, чунин лоиҳаҳо заминаи афзоиши иқтисодиёти кишвар, таъмини манфиатҳои давлат мебошанд ва барои рушди босуръати он замина мегузоранд.

Яке аз омилҳои асосии дастгирии рушди иқтисодии ҳар як кишвар рушди инфрасохтори нақлиётӣ мебошад. Нақши ҳалкунанда дар ин раванд ба сармоягузории хориҷӣ вогузор шудааст.

Барои ҳалли мушкилоти афзоянда дар ин соҳа, сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ яке аз роҳҳои муассир ва боэътимоди ҳавасмандгардонии иқтисодиёт мебошад. Дар муддати кутоҳ сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ҳал мекунад ва ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад.

Дар давраи миёнамуҳлат он ба рушди иқтисодии минтақа, ҳудудҳо мусоидат мекунад ва дар сармоягузории дарозмуддат ба эҷоди чунин таъсире мусоидат мекунад, ки хароҷот кам шуда, иқтисодиёт суръати баланди рушдро нишон диҳад, дар натиҷа, сифати зиндагии аҳолӣ дар маҷмуъ беҳтар мегардад[158].

Маҳз сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар шароити душвори молиявию иқтисодӣ барои зуд тағйир додани самти рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дастгирӣ ва иштироки давлатӣ дар марҳалаи аввал нақши назаррас доранд.

Дар айни замон бисёре аз соҳибкорон дарк кардаанд, ки бидуни логистика ягон бизнеси даромаднок наметавонад вуҷуд дошта бошад. Тоҷирон ҳарчи бештар логистикаро ҳамчун воситаи идоракунии ҷараёни моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ҳамчун бартарии рақобат истифода мебаранд. Такмили системаи логистикӣ, бахусус инфрасохтори нақлиётӣ шарти муҳим барои рушди тиҷорат ва ҳам дар маҷмуъ иқтисодиёт мебошад.

Норасоии сармоягузории дохилӣ ва берунӣ мушкилоти асосии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ мебошад. Агар ба солҳои пештар назар афканем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани сарчашмаҳои зиёди сармоягузорӣ ба маркази ҷумҳурӣ ва минтақаҳои шимоли Тоҷикистон рост меомад. Дар минтақаҳои вилояти Хатлон дар баробари норасоии сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт кам будани ширкатҳои нақлиётии ватанӣ мушоҳида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати тӯлонист, ки фазои сармоягузориро дар минтақаи вилояти Хатлон такмил додааст, аммо сармоягузории дохиливу хориҷӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон кофӣ нест.

Мамлакати мо дар давраи анҷомёбии марҳалаи аввали «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва оғози марҳалаи дуюм қарор дорад. Ҳукумати мамлакат саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки ин ба рушди саноат барои

---

[158] Присяжная Р.И. Методы государственного стимулирования инновационного развития России // Теория и практика финансов и банковского дела на современном этапе: Материалы X III межвуз. конф. асп. и докт. – СПб.: СПбГИ-ЭУ, 2011. – 0,24 п.л..

таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст.

Истифодаи системаи нақлиётӣ фоида ба даст меорад, аммо муҷаҳҳазгардонии базаи моддӣ-техникии соҳаи нақлиёт сармоягузориҳои азимро талаб мекунад. Бо дарназардошти зарурати рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣро андешида истодааст ва барои ҷалби сармоягузорӣ ҳавасманд мебошад.

Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаи гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад. Тибқи санадҳое, ки ҳукумати ҷумҳурӣ қабул намудааст, ҷалби сармояи хусусӣ бояд афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи он нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 10 фоиз расонида шавад. Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шудааст. Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Бунёди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва осон намудани содироти молу маҳсулоти ватанӣ ниҳоят муҳим шуморида мешавад.

«Айни ҳол дар соҳаи нақлиёти мамлакат 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағӣ умумии зиёда аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Соли 2020 лоиҳаи таҷдид ва бунёди қитъаи Обигарм-Нурободи шоҳроҳи Ваҳдат-Қарамиқ (Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб-Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук-Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва сохтмони пули ҳафтуми дарёи Панҷ миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии

Афғонистон дар мавзеи Кокул бо 18 километр роҳи мошингард ба маблағи 70 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз меёбанд. Дар айни замон таҷдиду сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Бохтар, Хуҷанд-Исфара, Кӯлоб-Шамсидин Шоҳин, Шкев-Қалъаихумб, Кӯлоб-Муъминобод ба маблағи беш аз 4 миллиард сомонӣ идома дошта, мувофиқи нақша моҳҳои сентябри соли 2021 ба истифода дода мешаванд»[159]. Ин ва дигар маълумот оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2. Маълумот оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон(то 01.08.2019с.) (бо ҳазор доллари ИМА)**

| № | Номгӯи марказҳои тадбиқи лоиҳаҳо | Номгӯи лоиҳаҳо | Соҳа | Намуди маблағгузорӣ | Номгӯи донорҳо | Маблағи умумии лоиҳа аз рӯйи созишнома |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо | Лоиҳаи “Беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе-Турсунзода-сарҳади Узбекистон” (САРЭС - 3) | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва Рушд | 27 500 |
| | | | | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва Рушд | 35 000 |
| | | | | Қарз | Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ | 27 500 |
| | | | | Грант | Бонки осиёгии рушд | 120 000, |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 11 200,00 |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | **Ҷамъ** | | **221 200** |
| 2 | Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо | Лоиҳаи “Вусъат бахшидани ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (Таҷдиди роҳи Восеъ - Ховалинг)” | Нақлиёт / | Грант | Бонки осиёгии рушд | 70 000 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 6 900 |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | **Ҷамъ** | | **76 900** |
| 3 | Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо | Лоиҳаи “Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе - Бохтар” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Фонди СДСН | 12 000 |
| | | | | Қарз | Бонки осиёгии рушд | 49 400 |
| | | | | Грант | Бонки осиёгии рушд | 90 000 |
| | | | | Грант | Бонки осиёгии рушд | 15 800 |
| | | | | Грант | Бонки осиёгии рушд | 2 000 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 17 500 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 17 180 |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | **Ҷамъ** | | **203 880,00** |

[159] Ашуров Н.А. Инвестиционное обеспечение развития региональной транспортно-логистической инфраструктуры [Текст] / Н.А. Ашуров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2 (263). – С. 79-85. – ISSN 2076-2569.

Идомаи ҷадвали 3.2.

| № | Номгӯи марказҳои тадбиқи лоиҳаҳо | Номгӯи лоиҳаҳо | Соҳа | Намуди маблағгузорӣ | Номгӯи донорҳо | Маблағи умумии лоиҳа аз рӯйи созишнома |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **4** | Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи Шоғон-Зиғар | Лоиҳаи “Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихумб, қитъаи Шӯробод – Шоҳон” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Фонди Абу-Дабӣ | 15 000 |
| | | | | Қарз | Фонди СДСН | 13 000 |
| | | | | Қарз | Бонки исломии рушд | 20 000 |
| | | | | Қарз | Фонди Кувейтии рушди иқтисодӣ | 17 000 |
| | | | | Қарз | Фонди Саудии Рушд | 20 000 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 7 900 |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | **Ҷамъ** | | **92 900** |
| **5** | Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгар-ди Душанбе -Чанoқ” | Лоиҳаи “Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихумб, қитъаҳои А ва F” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки исломии Рушд | 20 000 |
| | | | | Қарз | Фонди саудии Рушд | 30 000 |
| | | | | Қарз | Фонди кувейтии рушди иқтисодӣ | 25 500 |
| | | | | Қарз | Фонди СДСН | 10 000 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 10 000 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **95 500** |
| **6** | Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгар-ди Душанбе Чанoқ” | Лоиҳаи “Сохтмони долонҳои зиддитармавии иловагӣ дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок км 48 то км 80” | Нақлиёт / роҳ | Грант | Ҷумхурии исломии Покистон | 4 900 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **4 900** |
| **7** | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Лоиҳаи “Таҷдиди роҳи автмобилгарди Хуҷанд - Исфара” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки Умумиҷаҳонӣ | 38 250 |
| | | | | Грант | Бонки Умумиҷаҳонӣ | 6 750 |
| | | | | Саҳми ҲҶТ | Саҳми ҲҶТ | 9 000 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **54 000** |
| **8** | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Лоиҳаи “Беҳсозии хизматрасонии роҳҳои Тоҷикистон” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 2 540 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 2 540 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 163,32 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **5 243,32** |
| **9** | ККВД “Троллейбус”-и шаҳри Душанбе | Лоиҳаи “Рушди нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 3 600 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 1 018,36 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 3 600 |
| | | | | Дигар | Дигар | - |
| | | | | **Ҷамъ** | | **8 218,36** |
| **10** | Корхонаи давлатии коммуналии “Нақлиёти ҷамъиятии Хуҷанд” | Лоиҳаи “Рушди нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 17 500 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 840 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 8 500 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **26 840** |

Идомаи ҷадвали 3.2.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **11** | ККВД “Бохтарнақлиёт-хизматрасон” | Лоиҳаи “Рушди нақлиёти ҷамъиятии Хатлон” | Нақлиёт / | Қарз | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 6 000 |
| | | | | Грант | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 3 200 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **9 200** |
| **12** | КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” | Лоиҳаи “Сохтмони нақб дар роҳи оҳани Душанбе-Бохтар қитъаи Ваҳдат-Ёвон” | Нақлиёт / роҳ | Қарз | Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии халқии Хитой | 68 992,97 |
| | | | | Дигар | Дигар | 2 999,7 |
| | | | | **Ҷамъ** | | **71 992,66** |
| **Ҳамагӣ дар соҳаи Нақлиёт / роҳ** | | | | | | **870 774,38** |

**Сарчашма:** Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://investcom.tj/tj/sarmoya/kmaki-beruna/31--jhati-loiaoi-sarmojaguzorii-amalkunanda.html

Дар робита ба ин нақшаҳои сармоягузорӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд, ки «Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати дарёфти маблағҳои сармоягузорӣ барои бунёди долонҳои зидди тарма дар қитъаҳои осебпазири роҳи мошингарди Душанбе-Чанок ва беҳтарсозии имкониятҳои нақби «Истиқлол» тадбирҳои зарурӣ андешад. Ҳамчунин, Вазорати нақлиёт корҳоро дар самти таҳияи лоиҳаҳои таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди Хуҷанд-Конибодом, Бохтар-Данғара-Кӯлоб, Бохтар-Носири Хусрав ва роҳҳои дигар ҷоннок намояд»[160].

Вазъи иҷтимоӣ иқтисодии вилояти Хатлон мувофиқи маълумоти омории Сараёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки рушди сармоягузорӣ дар вилоят боло рафта, аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ маблағгузорӣ иҷро гардида, дар соли 2017 (ба ҳисоби млн. сомонӣ) 2160,7 сомониро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 2662,4 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба 114,1 фисад афзудааст.

Дар вилоят инкишоф додани шабакаи роҳи автомобилгард ва иншоотҳои он асосӣ мебошад, ки марказро бо дигар минтақаҳо мепайвандад. Аз ҷумла, соли

---

[160] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2019. http://www.president.tj.

2017 лоиҳаи таъмир ва азнавсозии роҳи автомобилгарди Душанбе – Бохтар шуруъ гардида, айни ҳол идома дорад, ки маркази ҷумҳуриро бо маркази вилояти Хатлон шаҳри Бохтар тавассути ноҳияҳои Хуросон ва Кӯшониён мепайвандад. Қайд кардан лозим аст, ки тибқи лоиҳа марҳалаи якуми азнавсозии ин роҳ 33,2 километрро ташкил дода, он бо харҷи 96 миллион доллар аз ҳисоби маблағҳои грантӣ ва қарзи Бонки осиёии рушд бунёд мегардад. Мувофиқи нақшаи пешбинишуда дар рафти азнавсозии ин роҳ сохтмони 4 пул, 69 қубур ва васеъ кардани роҳ дар назар дошта шуда, он аз ду самти ҳаракат ба чор адад расонида мешавад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон, 6 августи соли 2019 зикр намуданд: «Бунёди роҳи мошингарди Данғара-Кангурт-Балҷувон-Ховалинг, ки маблағи умумии лоиҳаи таҷдиду барқарорсозии он беш аз 160 миллион сомониро ташкил медиҳад, дар як муддати кутоҳ ба аҷом расонда, имрӯз ба истифода супурда шуд. Ҳамзамон бо ин, сохтмони роҳи мошингарди Балчувон-Сари Хосор ба масофаи 33 километр ва арзиши лоиҳавии 85 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои замонавии роҳсозӣ идома дошта, то имрӯз аз маблағи умумии зикршуда барои бунёди 22 километр роҳ 26 миллион сомонӣ сарф шудааст ва муҳлати ба истифода супурдани он тирамоҳи соли 2021 пешбинӣ гардидааст. Роҳи мазкур, бешубҳа, ба рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ноҳияҳои атрофи онҳо, аз ҷумла ноҳияи Балҷувон ва деҳоти Сари Хосор, пешрафти бахши сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард»[161].

Дар баробари ин, роҳҳои дохилии ноҳия то ҳанӯз дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба таъмиру таҷдид ниёз доранд. Тайи як соли охир зиёда аз 40 километр роҳҳо азнавсозӣ ва таъмир карда шуда, дар назар аст, ки то ҷашни 30 – солагии Истиқлолият зиёда аз 320 километр роҳҳо таъмиру таҷдид карда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки тибқи иттилоъ, роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг 43 километрро ташкил медиҳад ва паҳноии он 7 метр буда, имрӯз

[161] Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолону сокинони н. Балҷувон // Ҷумҳурият, Чоршанбе, 7 августи соли 2019. №151 (23 755) саҳ 1 ва саҳ 3.

асфалтпӯш шудааст. Ин роҳ бо саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд сохта шудааст. Пудратчии роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг ширкати «Чайнароуд»-и Ҷумҳурии мардумии Чин мебошад. Тибқи лоиҳа дар масофаи 43 километри роҳ 6 пул бо дарозии 455 метр, 5 истгоҳ ва дигар инфрасохтори зарурӣ бунёду роҳ ба категорияи чоруми роҳсозӣ мутобиқ карда шудааст. Ду купрук бо дарозии 339 метр аз нав сохта шуда, 4-тои дигар бо дарозии 114 метр таъмир гардидаанд. Корҳои сохтмонӣ дар роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг моҳи июли соли 2018 оғоз гардида, пеш аз муҳлат бо сатҳу сифати баланд сохта ба истифода дода шуд[162].

Инчунин қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи маълумоти омории соли 2017 дар вилоят «марҳалаи дуюми таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилӣ, ки бо ёрии бебозгашт аз тарафи ширкати «Чайна Роуди»-и Ҷумҳурии мардумии Чин ба маблағи умумии 59,6 миллион юан, ки баробар ба (9,6 миллион доллари ИМА) дар масофаи 18,5 километр мебошад. Аз ҷумла, дар ш. Бохтар таъмиру тармими 7,3 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 18 метри умумӣ бо маблағи умумии 28 миллиону 500 ҳазор сомонӣ, дар ш. Кӯлоб 11,2 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 45 метр бо маблағи умумии 43 миллиону 156 ҳазор сомонӣ дар арафаи анҷомёбист. Таъмиру азнавсозии роҳи автомобилгарди Шӯробод-Шоҳон бо маблағгузории Бонки исломии рушд аз ҷониби Ширкати туркии Комбайн груп «Текар-GV» ба маблағи 92,9 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба масофаи 40 километр ба истифода дода шудааст»[163].

Таъминоти сармоягузорӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётии вилояти Хатлон аз ҳисоби соҳибкорон соли 2020 нисбат ба чор соли гузашта 54,7 баробар, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 34,3 фоиз ва аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ 2,2 баробар фоиз рушд намудааст. Инкишофи ҳаҷми сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон аз

---

[162] Нигаред, дар ин ҷо, С 3.

[163] Маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва соҳибкорон солҳои 2016-2020-ум дар расми 3.3. ба ҳисоби ҳазор сомонӣ оварда шудааст.

Таҳлилҳо оид ба сармоягузорӣ дар соли 2020-ум нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон ҳамагӣ 264 км таъмири асосӣ (асфалтпуш), 507 км сангфарш, 3367 км таъмири ҷорӣ, 137 адад пулу қубурҳо ба маблағи умумии 198 миллиону 232 ҳазор сомонӣ таъмиру азнавсози гардидаанд. Аз ин миқдор: таъмири асосӣ аз ҷониби соҳибкорону аҳолӣ 206 км, аз буҷаи ҷумҳуриявӣ 38 км ва инчунин дар умум 518 км сангфарш ва 81 адад пулу қубурҳо мебошад. Инчунин роҳҳои дохилии шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб ба масофаи 20,3 км ба маблағи 40,8 млн. сомонӣ азнавсозӣ гардидаанд. Маълумоти иловагӣ оид ба манбаъҳои сармоягузорӣ барои таъмиру азнавсозии роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон солҳои 2016-2020, дар замимаи 10, 11 ва 12 оварда шудааст.




**Расми 3.3. - Динамикаи ҳаҷми сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти РМД "НАваХЛ" дар вилояти Хатлон ва шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тартиб дода шудааст.

Самти дигари стратегии рушди инфрасохтори нақлиётӣ вусъат додани шабакаҳои роҳи оҳан мебошад[164].

[164] Рауфи, А. Региональные проблемы развития транспорта в системе рыночной экономики Таджикистан: дисс. ... д-ра экон. наук / А. Рауфи. – Душанбе, 2008. 283 с.

Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар заминаи филиали шоҳроҳи роҳи оҳани Осиёи Марказӣ таъсис ёфтааст. Роҳи оҳан бо дарозии 679,9 километр роҳи асосӣ дошта, аз он 61,5 километраш роҳи оҳани духата мебошад. Роҳи оҳан аз 33 адад истгоҳҳо иборат буда, (10 адад дар қисми марказӣ, 10 адад дар шимол ва 13 адад дар ҷануб мебошад). Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се қисмат ҷудо буда, алоқаи байни онҳо бо қаламрави кишварҳои дигар (Ӯзбекистон ва Туркманистон) сурат мегирад: дар шимол бо вилояти Суғд; қитъаи марказии Душанбе; дар ҷануб – бо вилояти Хатлон[165].

Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз ду истгоҳи асосӣ (истгоҳи роҳи оҳани Хатлон дар минтақаи ш. Бохтар ва истгоҳи роҳи оҳани ш. Кӯлоб) иборат мебошад, ки кашонидани мусофирон ва ҳамлу нақли бори онҳо миёни ш. Душанбе, вилояти Суғд ва берун аз ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1993, яъне замоне, ки ҷумҳурӣ гирифтори бухрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ буд, қарор қабул намуд, ки бунёди роҳи оҳани Бохтар – Кӯлобро оғоз намояд.

7 - уми сентябри соли 1998 марҳалаи якуми роҳ аз истгоҳи Бохтар то Саргазон ва 7 - уми сентябри соли 1999 марҳалаи дуюми он то шаҳри Кӯлоб ба истифода супурда шуд, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вазнинтарин соҳиби 132 километр роҳи оҳани замонавӣ гардид.

Бо мақсади пайваст намудани пойтахти Тоҷикистон ш. Душанбе бо маркази вилояти Хатлон ш. Бохтар бунёди роҳи оҳани Душанбе – Бохтар, моҳи марти соли 2009 оғоз гардида, дар як муддати кӯтоҳ ба иншооти дӯстиву ҳамкорӣ табдил ёфт ва 24 августи соли 2016 ба истифода дода шуда, яке аз нақшаҳои аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ бисёр муҳимми мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла, сокинони вилояти Хатлон, яъне роҳи оҳани Душанбе - Қӯрғонтеппа - Кӯлоб - Носири Хусрав (Хошадӣ) амалӣ гардид.

[165] Азимов П.Х. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры в Республике Таджикистан [Текст] / П.Х. Азимов // Вестник ЮУрГУ. Серия “Экономика и менеҷмент”. – 2017. т. 11. – №2. – С. 159-165.

Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи сохтмони хатти роҳи оҳани Душанбе – Бохтар се нақб бо дарозии қариб 3700 метр ва ҳашт пули муосир бо дарозии қариб 700 метр бунёд карда шуданд. Барои бунёди роҳи оҳан бо дарназардошти сохтмони нақбу пулҳои масири он 985 миллион сомонӣ сарф шудааст.

Сохтмони пул ва роҳҳои автомобилгард ин сармоягузории навбатии калонтарини инфрасохторӣ мебошад. Аксари ин лоиҳаҳо дар Стратегияи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 пешбинӣ шудаанд ва ба соҳаи масъулияти ширкатҳои давлатӣ тааллуқ доранд. Татбиқи миқдори зиёди лоиҳаҳо дар соҳаи обтаъминкунӣ ва энергетикӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сайъ дорад, ки раванди татбиқи лоиҳаҳои инфрасохториро тақвият диҳад. Аз ин сабаб, танзим фаъолона таҳия карда мешавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ меравад. «Ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ механизми асосии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ барои ҳалли баъзе масъалаҳои амалии соҳаи эҷоди маҳсулоти ҷамъиятӣ бо норасоии маблағҳои буҷетӣ мебошад»[166].

Дар ин ҳолат, худи давлат бизнесро барои ҳалли вазифаи афзалиятнок, яъне эҷоди инфрасохтори муосири нақлиётӣ ҷалб намуда, ҳамзамон таъмини сифати баланди иншоот, фаъолияти самараноки онҳо ва тақсимоти оптималии маблағҳои буҷети давлатӣ ва минтақавӣ мебошад.

Дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, ки қисми зиёди онҳоро кӯҳсор ташкил мекунад ва роҳҳои аз ҷиҳати пасту баландӣ душворгузар доранд, дар он ҷо фаъолияти иқтисодӣ нисбат ба минтақаҳои дар ҳамворӣ ҷойгирбуда хуб аст, лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ идома доранд.

Аз таҷрибаи кишварҳои дигар, бояд қайд кард, ки рушди инфрасохтор оқибатҳои судманд дорад, ки дар онҳо аксар ин нишонаҳо муҳиманд[167]: афзоиши

---

[166] Сизов Ю. Государственно-частное партнёрство на основе концепссии как основа устойчивого развития экономической и социальной инфраструктуры России. Материалы Российского промышленно-экологического форума «РосПромЭко». – М., 2014.

[167] Ашуров Н.А. Инвестиционное обеспечение развития региональной транспортно-логистической инфраструктуры [Текст] / Н.А. Ашуров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2 (263). – С. 79-85. – ISSN 2076-2569.

рақобат; кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ; рушди минтақаҳои қаблан дастнорас; азнавташкилдиҳии истифодаи замин; афзоиши истеҳсоли миллӣ / ММД; тавсеаи дастрасӣ ба захираҳои меҳнат; афзоиши воруди сармоягузорӣ.

Афзоиши ҳосилнокӣ натиҷаи маҷмуии сармоягузориҳои инфрасохторӣ мебошад, ки яке аз ҳадафҳои асосии бисёр ширкатҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишварҳои дорои инфрасохтори рушдёфта хеле баландтаранд. Вилояти Хатлон дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои муқоисашаванда қафо мондааст.

Дар вилояти Хатлон ин вобастагии мутақобила пурра зоҳир мешавад: баландтарин ҳосилнокии меҳнат дар минтақаҳои дорои инфрасохтори нақлиётии аз ҳама рушдёфта ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷиҳати ҳосилнокии меҳнат дар байни минтақаҳои вилояти Хатлон минтақаи беҳтарин ш. Бохтар ва аз ҷиҳати саноат рушдёфта ноҳияи Ёвон мебошад. Инчунин минтақаҳои аз ҷиҳати  захираҳо бой, ба монанди ноҳияи Вахш ва шаҳри Норак дохил мешаванд. Ғайр аз он, ба қатори ин минтақаҳои рушдёфта шаҳри Кӯлоб ва ноҳияти Данғара дохил мешаванд, ки дар он ҷо ҳосилнокии меҳнат дар зери таъсири сармоягузории фаъол ба инфрасохтор дар панҷ соли охир афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ба беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон ва коҳиш додани вобастагӣ аз соҳаҳои истихроҷ фаъолона кумак мекунад, аз ин рӯ, ҷалби шарикони хориҷӣ ва эҷоди лоиҳаҳои муштарак беш аз пеш меарзад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи стандартикунонии соҳа қарор гирифта, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонро қабул мекунад. Инфрасохтори нақлиёти логистикии минтақаи вилояти Хатлон ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Аввалан, дар қаламрави кишвар бояд фазои ягонаи нақлиётӣ ташкил карда шавад: гузаштан аз як нуқта ба сӯйи дигар новобаста аз дурии ҷойҳо имконпазир гардад. Меъёрҳои хидматрасонии корхонаҳои нақлиётиро лозим аст, ки аз ҳисоби рақобати шадид ба як система ва сатҳи нав расонида шавад. Ин вазифа инчунин бо баланд

бардоштани сифати таълим дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо, ки дар он мутахассисони оянда таҳсил мекунанд, алоқаманд аст. Ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ  барои бунёди роҳи оҳани ноҳияи Ҷ. Балхӣ – гузаргоҳи сарҳадии Панҷи поёни ноҳияи Панҷ аз манфиат холӣ набуда, барои ҳалли масъалаҳои ҳамлу нақли борҳои хоҷагии халқ ва маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои истеҳсолӣ то сарҳади Ҷумҳурии исломии Афғонистон мусоидат мекунад. Ин долони транзитии роҳи оҳан барои ояндаи роҳҳои автомобилгарди минтақа сабукӣ пеш оварда, муҳлати истифодаи роҳҳои автомобилгард зиёд мегардад ва барои харакати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ шароит фароҳам меоварад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса метавон кард, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии минтақаи вилояти Хатлон ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дошта,  барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ҳавасманд мебошад. Барои ҳарчи кам шудани хароҷоти нақлиётӣ ва табдил додани минтақаи вилояти Хатлон ба як қисми ҷудонашавандаи долони транзитии байналмилалии нақлиётӣ дар минтақа, рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии роҳи оҳани вилояти Хатлон  яке аз роҳҳои беҳтар барои ҳалли ин масъала буда, рушди он ба раванди амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат намуда, дар таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон нақши сазовор мегузорад.

## 3.3. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон

Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ шароити фаъолияти системаи нақлиётӣ ва логистикиро муайян карда, заминаи рушди иншооти таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути роҳандозии муносибатҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, фаҳмидани намунаҳо ва муайян кардани самтҳои умедбахши рушди он муҳим аст.

Қонуниятҳо дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ инҳо робитаҳои объективӣ, устувор ва такроршаванда дар ин соҳа мебошанд. Дар байни чунин қонуниятҳое, ки барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд, метавон

афзоиши маъруфияти нақлиёти автомобилӣ, афзоиши ҳаракати нақлиёти автомобилӣ, афзоиши серодамии шаҳрҳо ва бад шудани вазъи экологиро дар субъектҳои таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард (ниг. расми 3.4.).




**Расми 3.4. - Ташаккули қонуниятҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Бад шудани вазъи экологӣ мушкилоти ҷиддии замони мост. Ҷолиби диққат аст, ки сарфи назар аз оқибатҳои манфии ошкор, тамоюли афзоиши маъруфияти нақлиёти автомобилӣ дар бист соли охир боқӣ мондааст ва то имрӯз идома дорад. Намунаи дигари муҳим бад шудани сифати роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (ниг. расми 3.4.).

Дар шароити имрӯза дастрасии автомобилҳо аз ҳисоби имконияти харидории автомобилҳои истифодашудаи хориҷӣ меафзояд. Маъруфияти нақлиёти автомобилӣ босуръат меафзояд, ки ин боиси зиёд шудани гардиши автомобилҳо дар роҳҳо мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин тамоюл бо афзоиши маблағгузорӣ барои сохтмон ва таъмири роҳҳо посух медиҳад.

Ҳамзамон, коҳишёбии назорат аз болои сохтмон ва таъмири роҳҳо аз сабаби нотавонии чанд мақомоти танзим дар пайгирии ҳамаи объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ба назар мерасад. Дар натиҷа, ширкатҳои роҳсозӣ ва таъмирӣ барои сарфаи маблағ аз масолеҳи арзонтар истифода мебаранд ва технологияро вайрон мекунанд. Ин ба бад шудани сифати роҳҳои автомобилгард оварда мерасонад.

Бо дарназардошти он, ки сохтмони роҳҳои нав ба афзоиши ҷараёни ҳаракат мувофиқат намекунад, сарборӣ дар роҳҳои мавҷуда то дараҷае ки онҳо тарҳрезӣ нашудаанд, зиёд мешавад. Ин ҳам ба паст шудани сифати онҳо оварда мерасонад. Мунтазам афзоиши шумораи ҳамлу нақли мултимодалӣ низ ба назар мерасад.

Ба Тоҷикистон омадани шабакаҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва ширкатҳои нақлиётии миллӣ бо афзоиши шумораи ҳамлу нақл қайд карда шудааст. Тибқи қонуни бозор ин боиси болоравии нархи намудҳои гуногуни нақлиёт гардид. Бо мақсади сарфаи пул ва кам кардани хароҷоти нақлиёт, корхонаҳо аз ҳамлу нақли мултимодалӣ бештар истифода мебаранд. Илова бар намунаҳои зикршуда, минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ намунаи афзоиши шумораи иншооти пулакии инфрасохториро ифода мекунанд.

Рушди соҳибкорӣ дар субъектҳои минтақаҳои Тоҷикистон ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии тиҷоратӣ ба афзоиши талабот ба интиқоли мол ҳам аз Тоҷикистон

ва ҳам ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ин боиси афзоиши талабот ба иншооти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаҳои гуногун мегардад.

Дар зери таъсири механизми бозор, ҷолибияти сармоягузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ барои тиҷорати хусусӣ меафзояд. Бояд қайд кард, ки сармоягузорӣ бояд на танҳо ба иншооти инфрасохтории пастсифат, балки барои нигоҳ доштани ҳолати кунунӣ ва беҳтар намудани ҳолати иншооти инфрасохтори баландсифат низ гузошта шавад, то онҳо зарар набинанд ва сармоягузориҳои пешина дар ташкили онҳо зоеъ нашаванд.

Бо дарназардошти он ки маблағҳои буҷаи давлатӣ барои пурра қонеъ кардани талабот кофӣ нестанд, афзоиши шумораи объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии пулакӣ, ки аз ҳисоби сармоягузорони хусусӣ сохта мешаванд, ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ, давлат бо вуҷуди эҷоди монеаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар ин масъала, ба чунин лоиҳаҳо бетаваҷҷуҳии худро нишон медиҳад ва ба татбиқи онҳо халал мерасонад. Аксарияти ин монеаҳо одатан, бо номуайянӣ дар соҳаи чунин инфрасохтор ва мушкилоти дастрасӣ ба иҷораи замин барои сохтмони он алоқамандананд.

Мутобиқи қолибҳои зикршуда самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон чунинанд расми 3.5.:

1. Ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи нақлиётӣ ва логистикӣ;

2. Ҳифзи манфиатҳои экологии ҷомеа дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ;

3. Ҳалли мушкилоти таваққуфгоҳ ва сарбории ҳаракати автомобилҳо дар шаҳрҳои калон;

4. Ҷорӣ намудани системаи интелектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ.

**Расми 3.5. - Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи нақлиётӣ ва логистикӣ ба рушди ҳамаҷонибаи системаи инфрасохтори пулакии нақлиётӣ-логистикӣ равона карда шудааст. Нақшаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар расми 3.6. оварда шудааст.

Таъсиси иншооти пулакии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ҳамчун вазифаи тиҷорати хусусӣ, нигоҳдории объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ва пардохти иҷора амал мекунад. Дар натиҷа, афзалиятҳо барои давлат, ҳам дар афзоиши даромади андоз ба буҷаи ҳудудӣ ва ҳам барои соҳибкорӣ, ки дар дастрасӣ ба захираҳои замин ва имконияти ба даст овардани фоида ва барои ҷомеа, ки дар афзоиши гуногунрангӣ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ ифода ёфтаанд, таъмин карда мешаванд.




**Расми 3.6. - Нақшаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Муҳофизати манфиатҳои экологии ҷомеа дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ муқаррар намудани меъёрҳои олии экологии воситаҳои нақлиётро бо истифода аз инфрасохтори ташкилкунандаи як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми партовҳои зараровар ба атмосфера коҳиш ёбанд ва сифати ҳавои шаҳр беҳтар карда шавад.

Инчунин бояд дар минтақаҳои сабзазор иловагӣ ҷудо кардани боғҳо, роҳҳои пиёдагард ва биноҳои истиқоматӣ аз шоҳроҳҳо зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки миқдори дуоксиди карбон, ки дарахтон метавонанд ба оксиген табдил диҳанд, биафзояд. Дар ниҳояти кор, ҳаво боз ҳам тоза карда мешавад, ки сатҳи зиндагиро дар минтақа баланд мебардорад.

Тамоили бадшавии вазъи экологӣ хоси танҳо давлатҳои мутараққии ҷаҳон нест. Албатта ба дараҷаи баланди истеҳсолоти саноатии чунин мамлакатҳо ногувории бештари экологӣ мувофиқ меоянд, вале ҳамбастагиву робитаи сайёравӣ сабаби тағйироти муҳити зисти мо низ мегардад. Ғайр аз ин омилҳои зиёди дохилӣ ба дигаршавии шароити маҳал сабабгоранд.

Сабабҳои асосии ифлосшавии ҳавои шаҳр нақлиёти автомобилӣ буда, аз 53% то 70% фоизро ташкил медиҳад. Солҳои 80-ум ифлосшавии атмосфераи шаҳри Душанбе то андозае буд, ки онро ба шаҳри азими чун Ню-Йорк муқоисашаванда меҳисобиданд[168].

Тамоили ба атмосфера камтар воридшавии газҳои заҳрнокро дар шароити Тоҷикистон бо он шарҳ додан мумкин аст, ки аз як тараф, раванди технологии истеҳсолот такмил дода шуда, аз тарафи дигар, ҳаҷми худи истеҳсолоти саноатӣ назаррас коҳиш ёфта буд.

Дар се соли охир дар мамлакатамон ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон кардашуда то соли 2030-юм ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад, гуфта шудааст дар муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки имрӯзҳо ҳадафҳои калидӣ, ба монанди таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти

---

[168] http://tiroz.org/vazi-ekologii-imr-za-dar-to-ikiston/.

коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафи стратегӣ интихоб шуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ – саноатӣ ба саноатӣ – аграрӣ дар кишварамон амалӣ гашта истодааст.

Аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолӣ айни замон маҳсулоте истеҳсол карда мешаванд,  ки танҳо барои қонеъгардонии талаботи инсон, аз қабили обу нӯшокиҳои ташнашикан маҳсулоти ғизоӣ, сарулибос, мебелу мошинҳо ва ғ. равона гардидаанд. Яъне ҳамаи он канданиҳои зеризаминӣ, масолеҳи сохтмонӣ дар корхонаҳо ё худ дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсол ва парвариш кардашуда, дар ниҳоят пас аз истеъмол ба партов мубаддал мегарданд.

Қисме аз ин партовҳо ба воситаи обҳои равон, қисми дигари партовҳо ба намуди газӣ, буғ ва чанг ба атмосфера паҳн мегарданд.

Ёдовар мешавем, ки қисми зиёди намуди партовҳои сахти саноатӣ, ки ба табиат партофта мешаванд, аз як тараф, муҳити зистро ифлос намуда, аз тарафи дигар, ба саломатии инсон зарар мерасонанд. Бинобар он, зарурати таъсиси рушди корхонаҳои истеҳсолии бепартов ё худ кампартов имрӯз пеш омадааст. Ҳангоми сӯхтани маводи сӯзишворӣ ва ҳаракати нақлиёти шахсиву ҷамъиятӣ гази $CO_2$, оксиди руҳу сурб (қӯрғошим) ва ғ. ба атмосфера паҳн шуда, боиси олудашавии муҳити атроф мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «КЛИМАДАПТ» амалӣ шуда истодааст, ки мақсади асосии он паст кардани таъсир ба тағйирёбии иқлим мебошад. Механизми маблағгузории лоиҳаи «КЛИМАДАПТ» аз ҷониби Бонки рушди таҷдиди Аврупо (ЕБРР), Фонди маблағгузорӣ оид ба иқлим (ИФК) ва Ҳукумати Шоҳигарии Британия буда, лоиҳа бо ёрии Институтҳои Молиявии Шарик, мисли бонкҳои «Эсхата», «Ҳумо», «Имон-интернешнл» ва «Арванд» амалӣ мешавад[169].

Ҷанбаи муҳим ин оммавигардонии нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза - барқӣ (трамвай, троллейбус, автомобилҳои барқӣ ва ғ.), велосипед, ғалтакҳои ҳаракаткунандаи барқӣ ва ғайра мебошад. Албатта, ин барои ҳама сокинони

[169] https://environment.tj/sanoatkunoni-va-hifzi-muhiti-zist/.

шаҳрҳои калон мувофиқ нест, зеро аз сабаби дарозии шаҳр ба велосипед ба кор ё ба маркази шаҳр рафтан душвор аст, аммо барои шаҳракҳо шароити хуби экологӣ фароҳам меоварад.

Аммо, қисми зиёди аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бидуни зарурати объективӣ нақлиёти автомобилиро ҳамчун воситаи эътибор истифода мебаранд. Аз ин рӯ, тағйири таваҷҷуҳ ба ҳифзи муҳити зист метавонад боиси афзоиши истифодаи намудҳои алтернативии нақлиёт гардад. Бо дарназардошти ҳаҷми зиёди партовҳои саноатӣ минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай бо мушкилоти ҷиддии экологӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Коҳиши истеҳсолоти саноатӣ ҳатман боиси афзоиши бекорӣ мегардад, ки соҳаи саноатро бесамар месозад. Вобаста ба ин масъала, оммавигардонии нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳалли мушкилоти минтақавии экологӣ мебошад.

Ҳалли мушкилоти таваққуфгоҳ ва серҳаракатии автомобилҳо дар шаҳрҳои калон пайдо кардани тавозуни манфиатҳои соҳибони автомобилҳо, пиёдагардон, тоҷирон ва мақомоти маҳаллиро дар бар мегирад. Соҳибони автомобилҳо ба таваққуфгоҳҳои мувофиқ ва бепули дар назди биноҳои мавриди таваҷҷуҳ (марказҳои савдо, биноҳои истиқоматӣ ва ғайра) таваҷҷуҳи зиёд доранд. Пиёдагардон ба пайраҳаҳои васеъ ва бароҳат, ҳавлӣ, майдончаҳо ва ба истилоҳ «минтақаҳои сабз»-и холӣ аз мошинҳои таваққуфкардашуда ниёз доранд. Тоҷирон ҳавасманданд, ки барои муштариёни худ таваққуфгоҳи наздики корхонаҳои худро дошта бошанд ва истифода баранд, яъне манфиатҳои онҳо асосан, бо манфиатҳои соҳибони автомобилҳо мувофиқат мекунанд.

Давлат choраҳои ҷиддӣ (ҷаримаҳои азим, эвакуатсияи автомобилҳо ва ғ.)-ро истифода мебарад, ки мушкилотро ҳал намекунанд, зеро онҳо ба сабаби он таъсир намерасонанд, балки танҳо оқибатҳои онро бартараф мекунанд. Барои ҳалли ҳамаҷонибаи ин масъала дар маркази мегаполисҳо ва ҳавлиҳо таваққуфгоҳҳои иловагӣ сохтан мувофиқи мақсад аст. Ҳамчунин сохтани роҳҳои давродавр ва роҳҳои табақагӣ, ки аз боло ва поён аз роҳи асосӣ мегузаранд, мувофиқи мақсад аст. Ин имкон медиҳад, ки бандҳои нақлиёт дар шаҳрҳои калон коҳиш ёбанд ва мушкилоти таваққуфгоҳ ҳал карда шавад.

Ҷорӣ намудани системаи интеллектуалии идоракунии маҷмааи нақлиётӣ ва логистикӣ автоматикунонии идоракуниро дар бар мегирад. Дар иқтисодиёти муосир таъмини ошкоро ба навовариҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хеле муҳим аст. Технологияҳои интеллектуалӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар бахши нақлиётро дар бар мегиранд.

Зуҳури ин система системаҳои зеҳнии идоракунӣ мебошад (intelligent control systems), ки дар кишварҳои пешрафта (ИМА, Ҷопон, кишварҳои ИА ва ғ.) барои идоракунии маҷмааи нақлиётӣ ва логистикӣ фаъолона истифода мешаванд (расми 3.7.).




**Расми 3.7. - Системаи интеллектуалии идоракунии маҷмааи нақлиётӣ-логистикӣ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Системаи интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ дар сохтори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад (ниг. расми 3.7.) ва тахти назорати мақомоти ҳудудӣ мебошад. Он фаъолияти

нақлиёти ҷамъиятиро муайян мекунад, инчунин нақлиёти боркашро танзим ва ҳамоҳанг месозад.

Ҳадафи ҷорӣ намудани системаҳои интеллектуалии идоракунӣ ба идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ баланд бардоштани самаранокии нақлиёти интермодалӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати хизматрасонӣ, зиёд кардани ҳаракат ва кам кардани истеъмоли энергия ва зарари экологӣ мебошад. Ҷорӣ намудани системаи интеллектуалӣ ба раванди идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ афзалиятҳои зеринро фароҳам меорад[170]:

– муттасилии идоракунӣ, қобилияти амсиласозӣ ва ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи логистикаи нақлиёт, қобилияти эҷоди долонҳои нақлиёти байниминтақавӣ ва байналмилалӣ бо истифодаи намудҳои гуногуни нақлиёт;

– имкони мубодилаи фаврии электронии иттилоот байни маркази идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва ҷонибҳои гуногуни ҳавасмандон, ки дар қисматҳои гуногуни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар минтақаҳо ё кишварҳо ҷойгиранд, инчунин имконияти ҳалли мушкилоти масофавии (дистансионӣ)-и дурдаст;

– шиносоӣ бо системаҳои нақлиётии байналмилалӣ. Дар айни замон, аксарияти ширкатҳои логистикӣ системаҳои интеллектуалиро истифода мебаранд ва ба системаҳои ягонаи байналмилалии интиқолдиҳандагони интермодалӣ муттаҳид карда шудаанд;

– рушди дарозмуддати стратегии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рушди нақлиёти интермодалӣ яке аз муҳимтарин афзалиятҳои рушди дарозмуддати системаи нақлиётӣ-логистикӣ ва воситаи пешрафти минбаъдаи нақлиёт ва логистика мебошад.

Самаранокии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро ташкилот ва идоракунии оптималии он муайян мекунад. Системаҳои интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ метавонанд самаранокии

---

[170] Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва технологии хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикиро баланд бардорад. Метавон се намуди системаҳои идоракунии интеллектуалиро барои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ баррасӣ кард:

1. Системаи интеллектуалии базавӣ. Он барои ҳамгироии равандҳои иттилоотии марбут ба ҳамлу нақли мол истифода мешавад. Рушди ин система такмили модулҳо ва интерфейсҳои дохилии системаи иттилоотии шуъбаи гумрук ва ширкатҳои нақлиётиро дар бар мегирад;

2. Системаи идоракунии фаврии интеллектуалии ҳамлу нақл. Вазифаи асосии он ин мубодилаи мустақими иттилоотӣ байни фиристонандагон, интиқолдиҳандагон ва мақомоти танзимкунандаи сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳадафи ин система ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти мувофиқ барои корбарон дар бораи интиқолдиҳандагон, ҷадвали кории онҳо, имкониятҳо ва ғайра мебошад;

3. Системаи иттилоотии парки сайёр ва контейнерӣ. Он барои ҷамъ кардани маълумот дар бораи ҳайати ҳаракаткунанда ва контейнерҳои нақлиёти роҳи оҳан ва об, инчунин барои нигоҳ доштан ва ба истифодабарандагон расонидани маълумот истифода мешавад.

Дар доираи татбиқи системаи интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ, таҳияи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ пешбинӣ шудааст (расми 3.8.). Механизми фаъолияти платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои интиқоли мултимодалии мол ҷойгиркунии электронии фармоиш, иҷрои автоматикунонидашудаи фармоиш ва таҳияи нақшаи оптималии интиқоли мултимодалиро дар бар мегирад.

Рушди платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ барои ташкили чор самти хизматрасонии электронӣ барои ташкилкунандагон ва муштариёни он равона шудааст:

1. Бронкунии электронии хидматҳо дар соҳаи ҳамлу нақли бор;

2. Назорати электронии раванди интиқоли бор;

3. Тартиботи автоматии ҳуҷҷатҳо барои ҳамлу нақли бор;

4. Тартиботи автоматии эъломия (декларатсия) ва пешниҳоди он дар гумрук.




**Расми 3.8. - Механизми фаъолияти платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ.**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Татбиқи лоиҳа ба принсипҳои зерин асос ёфтааст: содагардонии равандҳои тиҷоратӣ; пешниҳоди электронии хидматҳо; омезиши намудҳои гуногуни хизматрасонӣ; мубодилаи электронии маълумот; пешниҳоди як қатор хидматҳо аз ҷониби як молрасон.

Гурӯҳҳои мақсадноки платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои интиқоли мултимодалии молҳо инҳоянд:

1. Таъминкунандагони хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ (терминалҳои боркаш, марказҳои логистикӣ, ширкатҳои нақлиётӣ ва ғ.)

2. Муштариёни хадамоти нақлиётӣ ва логистикӣ (молфиристонандагон, интиқолдиҳандагон, ширкатҳои экспедиторӣ ва ғайра).

Ҳадафи асосӣ барои татбиқи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ ҷиҳати ҳамлу нақли мултимодалии молҳо эҷод ва паҳн кардани платформаи иттилоотии ҳамҷоя барои ҳамлу нақли мол, харидан ва ҷойгир кардани таҷҳизот ва

барномаҳои системавӣ барои расонидани хадамоти электронии нақлиётӣ ва логистикӣ зарур аст. Татбиқи лоиҳа манфиати зерин меорад[171]:

1. Хизматрасонии электронӣ самаранокии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро баланд мебардорад, рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории қаламрав ва корхонаҳои онро аз ҳисоби шомил шудан ба занҷирҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ баланд мебардорад. Ҳамаи ин барои афзоиши гардиши бор шароит фароҳам меорад;

2. Гирандагони хидматҳои нақлиётӣ ва логистикӣ: оптимизатсия ва афзоиши ҳаҷми интиқол, сарфаи вақт ва захираҳои инсонӣ, пешниҳоди автоматикунонидашудаи ҳуҷҷатҳо барои интиқоли мол ба муассисаҳои гуногун;

3. Барои таъминкунандагони хидматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ: пешбурди хидматҳо ва ташвиқи истифодаи хадамоти электронӣ.

Дар натиҷаи татбиқи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ инҳо ба амал меоянд: 1. Сода кардани равандҳои тиҷоратии корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақа тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ; 2. Суръат бахшидани ҳамлу нақли бор, тавассути таҳияи занҷирҳои оптималии нақлиёт; 3. Баланд бардоштани сатҳи интиқол, ҷолибият ва рақобатпазирии иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ.

Бояд қайд кард, ки ҳамгироии пасти лоиҳаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни нақлиёт сохта шудаанд, наметавонад самараи дилхоҳ диҳад. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани системаи оқилонаи идоракунӣ бояд дар сатҳи мақомоти ҳудудӣ ва таҳти роҳбарии онҳо сурат гирад. Ин барои ҳарчи бештар самаранок банақшагирии бизнес шароит фароҳам оварда дар доираи сода кардани амалҳои иштирокчиёни хадамоти нақлиётӣ рӯйхати муайяни меъёрҳоеро ба танзим даровардани муносибатҳои онҳо, ки вайронкунии он боиси ҷавобгарии шаҳрвандӣ ва маъмурӣ мегардад (расми 3.9.).

[171] Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.




**Расми 3.9. - Тадбирҳои маъмурӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии фаъолият оид ба тадбиқи ҳамлу нақли мунтазами бор бо роҳи автомобилгард**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Қайд намудан бо маврид аст, ки омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба ҷорӣ намудани системаи интелектуалии идоракуни ба идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми дар амал татбиқ шудани чунин системаи идоракунии нақлиёт дар шаҳрҳои калон ва берун аз он ба чунин дастовардҳои назаррас ноил гаштан мумкин аст, ки дар ҷадвали 3.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.3. Нишондиҳандаҳои асосии самараноки системаи интелектуалии идоракунии нақлиёт**

| Нишондиҳандаҳо | Тағйирёбии ҳадафҳо |
|---|---|
| Кам кардани ҳодисаҳои вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, миқдори фалокат, ҳалокат ва зарардидагон дар минтақа | 30-35% |
| Баланд бардоштани иқтидори гузарониши шабакаи роҳҳо | 20-30% |
| Кам кардани хӯрдашавии роҳҳо | 15-20% |
| Кам кардани сарфи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | 15-20% |
| Кам кардани қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ | 20-25% |
| Баланд бардоштани суръати миёнаи ҳаракат дар роҳҳо | 10-15% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи системаи интелектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ.

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар соҳаи нақлиёти малакат аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон айни ҳол вуҷуд дорад ва моро ба ташвиш овардааст, ин вайрон намудани қоидаҳои ҳаркат дар роҳҳои дохили шаҳрӣ ва берун аз он мебошад, ки дар натиҷа ҳодисаҳои садамавии нақлиётӣ ба вуҷуд омада ба мардум зарари моддӣ ва маънавӣ расонида мешавад. Ин мушкилот бевосита сифати хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаро паст месозад. Ҳадаф аз пешниҳоди чунин самти афзалиятнок оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа аз он иборат мебошад, ки ҳаркати воситаҳои нақлиёт дар минтақа ба танзим даровардашуда, кам кардани ҳодисаҳои вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, миқдори фалокат, ҳалокат ва зарардидагон дар минтақа метавонад аз 30-35% кам гардад, ки ин нишондиҳанда яке аз дастовардҳои система мебошад.

Муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди маҷмааҳои нақлиётӣ ва логистикиро нисбат ба фаъолияти он қайд кардааст. Аз тарафи дигар таҳлили самтҳои асосии таъсири мавқеи бозорро ба назардошти фаъолияти иқтисодии корхонаҳо пешниҳод намуда, омилҳои ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ таъсирбахшро аз мавқеи вазъ дар бозори нақлиёт ва логистикӣ муайян намуда, самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро дар бозори нақлиёт дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Барои рушди ИНЛ пешниҳод карда мешавад, ки неруи дохилӣ бештар истифода шавад. Барои ин омилҳои вобаста ба баланд бардоштани сатҳи рушди

кадрҳоро муайян кардан лозим аст. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: маълумот, саломатӣ, сифатҳои касбӣ, сифатҳои шахсӣ, ангеза (мотиватсия), ҳавасмандӣ, фазои гурӯҳӣ, шароити кор. Корхона бояд такмили ихтисоси кормандон, афзоиши касбӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии моддӣ ва ҳавасмандгардонии маънавиро ба назар гирифта, баррасӣ намояд, то дар оянда ба вазъи устувори молиявӣ ноил гардад ва сатҳи рақобатпазириро баланд бардорад.

Самтҳои афзалиятноки рушд ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, бояд ба таври ҳамаҷониба баррасӣ карда шаванд (ниг. расми 3.10.).




**Расми 3.10. - Самтҳои афзалиятноки рушди ИНЛ**

**Сарчашма:** Ашуров Н.А. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021 – №1/2(86). – С. 200-208. – ISSN 2663-5534.

Ҳамин тариқ, рушди ИНЛ ро ба тариқи маҷмуӣ дар якчанд самт пеш бурдан мумкин аст, аз ҷумла: фаъолияти техникӣ-иқтисодӣ, фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодӣ, фаъолияти молиявию тиҷоратӣ. Бо чунин муносибати ҳамаҷониба ба стратегияи рушд, бо мутобиқати ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ гузошта шудаанд, имконпазир аст, ки сатҳи ҳосилнокии

меҳнати онҳо баланд бардошта шавад, дар бозори рақобат мавҷуд бошад ва рушди ояндаи иқтисодӣ идома ёбад.

Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва унсурҳои таркибии он, инчунин бо дарназардошти таъсири омилҳои афзоиши рақобатпазирӣ дар давраи баррасишаванда ва дарозмуддат имкон медиҳанд, ки сохторҳои нақлиётӣ иҷрои консепсияро дар минтақаи вилояти Хатлон таъмин кунанд.

Дар охир мехоҳам қайд намоям, ки вилояти Хатлон доро потенсиали калони транзитӣ байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он мебошад. Аз ин лиҳоз, дар амал татбиқ намудани чунин самтҳои афзалиятнок оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, метавонанд имкониятҳои транзитии минтақаи вилояти Хатлонро беҳтар намуда, ба раванди амалӣ намудани стратегияи миллии рушди Тоҷикистон мусоидат намояд.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа бо дарназардошти нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шудааст. Инчунин, равишҳои методологӣ оид ба рушди самтҳои афзалиятнок, шаклҳо ва усулҳои тараққиёт, баланд бардоштани истифодабарии самараноки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шудааст [2-М, 3-М, 4-М].

2. Муаллиф ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро самти муҳимтарини рушди иқтисодиёт ҳисобида, аз рӯи натиҷаи тадқиқи ҳамаҷониба хусусиятҳо ва мушкилоти рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки мавқеи инфрасохторро дар шароити муосир дар бар мегиранд, муайян кардааст [8-М].

3. Вусъатёбии иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ аз сатҳи ба даст овардашудаи рушди хизматрасонии нақлиётӣ вобастагӣ дорад, ки барои самаранок истифода намудани имкониятҳо дар рушди минтақаҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия омӯзиши асосҳои методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ба роҳ монда шуда, барои ҳалли мушкилоти рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус дода шудааст [2-М, 3-М].

4. Дар асоси таҳлил ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон ва камбудиҳои ҷойдошта баҳо дода шудааст. Муаллиф чунин меҳисобад, ки иқтидори захиравӣ, бузургӣ, арзиш ва сатҳи техникии воситаҳои асосӣ ва гардон, шумора ва дараҷаи тахассуси кормандон, захираҳои молиявӣ ва иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки гузариши самаранок ба иқтисодиёти инноватсионӣ, ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ имконпазир гардад. Ҳамзамон самтҳои соҳаи нақлиёт дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо, сатҳи инноватсионӣ, техникӣ ва технологии хизматрасонии нақлиётӣ ва

самаранокии фаъолият дар шароити ҳудудҳои гуногун, пешниҳод шудааст [1-М, 9-М, 10-М, 17-М].

5. Мавқеи муҳим дар диссертатсия ба таҳқиқ ва арзёбии шароити рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ, маркетингӣ, инноватсионӣ, молиявӣ ва дигар омилҳо ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ, дода шудааст. Инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа муайян карда шудааст [2-М, 11-М].

6. Дар диссертатсия амсилаи иқтисодию риёзии рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ пешниҳод карда шудааст. Амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон то соли 2030 бо дарназардошти таъсири омилҳо сохта шудааст. Дар баробари ин, ба амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ бо дарназардошти истифодаи иқтидори корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар вилояти Хатлон диққати махсус дода шудааст [12-М, 15-М].

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба асосноккунии стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ ба роҳ монда шудааст. Амалӣ намудани ин стратегия имконият медиҳад, ки нақши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон мавқеи асосиро ишғол намуда, барои беҳдошти муносибатҳои нақлиётӣ ва истифодаи механизмҳои логистикӣ имконият пайдо шуда, потенсиали содиротии кишвар, истифодаи анборҳо, долонҳои нақлиётӣ дуруст ба роҳ монда шавад [6-М].

2. Таъмини рушди устувории иҷтимоию иқтисодии кишвар ва мутобиқшавии он ба муносибатҳои бозорӣ аз бисёр ҷиҳат аз ҳолати комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии он вобаста аст. Дар ин росто, нақши сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтори кишвар, аз ҷумла дар робита бо таъсиси субъектҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – вилояти Хатлон ба таври назаррас меафзояд. Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар ва тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи равишҳои навро дар

таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити имрӯзаи вилояти Хатлон пешниҳод қайд гардида, такмили механизми истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда пешниҳод шудааст, ки рақобатпазирии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар шароити бозор бо дарназардошти мушаххасоти меъёрҳои самаранокии корхонаҳои нақлиётӣ таъмин менамояд [13-М].

3. Дар диссертатсия барои такмили механизми истифодаи самараноки иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, таъмини рақобатпазирии онҳо дар шароити бозор тавсияҳо пешниҳод карда шудааст. Вобаста ба ин, истифодаи нишондиҳандаи маҷмуии самаранокии иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо дарназардошти самти мақсадноки онҳо барои баланд бардоштани суръати афзоиш ва истифодаи самараноки захираҳо бо мақсади таъмини раванди хизматрасониҳои нақлиётӣ ба истеъмолкунандагони дохилӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ тавсия дода шудааст. Дар ин замина, пешниҳодҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои нақлиётию логистикӣ бо мақсади ҳадди аксар расонидани арзиши натиҷаҳои ҷараёни хизматрасониҳои нақлиётӣ, инчунин кам кардани хароҷот барои истифодаи самараноки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва ҷузъу томҳои он дар шароити муосир такмил дода шудаанд [18-М].

4. Дар асоси муайян намудани равишҳои мавҷудаи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ оид ба баҳодиҳии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 муайян карда шудааст, ки он самтҳои зеринро дар бар мегирад: 1) ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи нақлиётӣ ва логистикӣ; 2) ҳифзи манфиатҳои экологии ҷомеа дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ; 3) ҳалли мушкилоти таваққуфгоҳ ва муносибгардонии шиддатнокии ҳаракати автомобилҳо дар шаҳрҳои калон; 4) ҷорӣ намудани системаи оқилонаи идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ; 5) ҷорӣ намудани системаи интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ-

логистикӣ дар сохтори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад ва таҳти назорати мақомоти ҳудудӣ буда, фаъолияти нақлиёти ҷамъиятиро муайян мекунад, инчунин нақлиёти боркашро танзим ва ҳамоҳанг месозад [14-М, 19-М].

